Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,
Шавад тира аз бехирад рӯзгор.

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

# ОМӮЗГОР

№ 10 (12286)
11 марти
соли 2021

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

КАЛОМИ ПЕШВО

# Модарон неруи ободгари ҷомеа мебошанд

## Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи модар

07.03.2021, шаҳри Душанбе



***Модарону бонувони арҷманд ва хоҳарони азиз!***

Ба ифтихори Рӯзи модар, ки дар оғози фасли зебои баҳор фаро мерасад, тамоми модарону бонувони муҳтарам ва хоҳарону духтарони азизро самимона табрик мегӯям ва ба ҳар яки онҳо, пеш аз ҳама, саломатӣ, хушбахтӣ ва рӯзгори осуда орзу менамоям.

Модар ягона мавҷуди мушфиқу ғамхор ва мунису меҳрубонест, ки ба фарзанд ҳаёт мебахшад, ба ӯ сухан гуфтану роҳ рафтанро ёд медиҳад, ӯро тарбия мекунад ва дар раванди тарбия дар қалби фарзанди худ эҳсоси муҳаббату самимият, некиву накукорӣ ва инсондӯстиро ба вуҷуд меоварад, барои босаводу соҳибмаърифат ва соҳиби касбу ҳунар шудани нури чашмонаш саъю талош менамояд.

Яъне модар барои ташаккули маънавии фарзанд шабонарӯз заҳмат мекашад, тамоми умри худро бо ғаму шодии ӯ сипарӣ менамояд ва ҳамеша дар орзуи хушбахтии фарзандаш аст.

Модар то вақте ки дар қайди ҳаёт аст, фарзанд барояш мисли ҳамон тифлаки азизу ширини дирӯза аст: ӯро навозишу эҳтиёт мекунад ва ҳаргиз намехоҳад, ки доғи фарзандашро бинад.

Ба ибораи дигар, модар фарзанди худро бо тамоми вуҷудаш дӯст медорад, зеро фарзанд маънои ҳастии ӯ ба ҳисоб меравад.

Аз ин рӯ, модар барои ҳар як шахс ниҳоят азизу гиромӣ ва муқаддастарин инсон мебошад.

Маҳз ба хотири ҳамин фазилату заҳматҳои модар бузургони адабу фарҳанг аз замонҳои қадим то имрӯз дар осорашон меҳру муҳаббат ва матонату садоқати ӯро ситоиш мекунанд.

Воқеан, тамоми бузургону фарзонаҳои оламро модар ба дунё оварда, ба мартабаҳои оламшумул расонидааст.

Вале мехоҳам як нуктаи муҳимро иброз намоям: ҳар қадаре ки бузургон модарро ситоиш накунанд ва ба ҳар андозае, ки мо хизмати модарро ба ҷо наоварем, ранҷи бедорхобӣ ва заҳмати ҳатто барои як фарзанд кашидаи ӯро ҷуброн карда наметавонем.

Мо ҳамеша ифтихор мекунем, ки модарону бонувони кишвари мо бо меҳрубониву самимият ва ҳунармандиву маърифати баланди худ маҳбуби дилҳо мебошанд.

Модари тоҷик дар тӯли таърихи чандинҳазорсолаи халқамон садҳо ва ҳазорон фарзандони фарзонаву донишманд, ҷоннисору қаҳрамон, далеру ҷасур, ҷавонмарду диловар ва ватандӯсту ватанпарварро ба дунё овардааст, онҳоро тарбия карда, ба камол расонидааст ва барои хизмат ба мардум ва ҷомеаи башарӣ дуои нек додааст.

Саҳми модарони тоҷик имрӯз низ дар тарбияи фарзандони бонангу номус ва ватандӯсту ватанпараст бузург мебошад.

Фарзандони тарбиякардаи модари тоҷик ҳоло бо заҳмати бунёдкорона ва ташаббусҳои созандаашон давлати соҳибистиқлол ва Ватани аҷдодиамонро обод карда, мақому манзалати Тоҷикистони соҳибихтиёрро торафт баланд бардошта истодаанд.

Мо ҳамеша ба неруи созандаи занону бонувони ватандӯсту ободгари кишвар такя мекунем ва нақши онҳоро дар устувор гардонидани оила, тарбияи шоистаи фарзандони баодобу соҳибмаърифат, инчунин, заҳмату талошҳои пайгиронаи онҳоро дар рушди мамлакат басо арзишманд мешуморем.

Ман дар Паёми навбатии худ ба фаъолияти занону бонувон дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи кишвар баҳои баланд дода, саҳми арзандаашонро дар таъмини пешрафти давлат, ободии Ватан ва сулҳу субот махсус таъкид намудам.

Имрӯз мо бо қаноатмандӣ метавонем гӯем, ки тайи сӣ соли истиқлоли давлатӣ занону бонувони мо дар ҳамаи соҳаҳо баробари мардон хизмат карда истодаанд.

Ҳамчунин, бояд гуфт, ки саҳми бонувону занон дар тарбияи насли солим, танзими расму ойинҳо ва муқовимат ба ифротгароиву хурофотпарастӣ басо арзишманд мебошад.

Дар Паёми имсолаи Роҳбари давлат ба мақомоти марбута супориш дода шуд, ки бо мақсади дастгирии минбаъдаи занону бонувон «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2030» ва нақшаи амалисозии онро барои солҳои 2021 – 2025 таҳия ва амалӣ намоянд.

Бовар дорам, ки бо қабул ва иҷрои санадҳои мазкур мақоми занону бонувон дар ҷомеаи мо боз ҳам таҳким меёбад.

Тавсеа бахшидан ба раванди иштироки занону бонувон дар рушди иқтисодии кишвар, зиёд кардани ҳаҷми грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷудо намудани қарзҳои имтиёзнок барои занону бонувони соҳибкор аз ҷумлаи чорабиниҳое мебошанд, ки имрӯз аз ҷониби Ҳукумати мамлакат амалӣ шуда истодаанд.

Инчунин, бо мақсади таъмин намудани рушди минбаъдаи ҳунарҳои мардумӣ ва корҳои хонагӣ дар самти ташкил кардани корхонаҳои хурду миёна ва ба ин восита баланд бардоштани сатҳи зиндагии занону бонувон ва оилаҳои камбизоат андешидани чораҳои мушаххас ба нақша гирифта шудаанд.

Дар таълиму тарбияи наврасону ҷавонон, аз ҷумла, ҷавондухтарони мо имрӯз дар баробари соҳиби касбу ҳунар намудани онҳо ба ҳаёти мустақилона омода кардан, омӯзонидани ахлоқи ҳамида, маърифати оиладорӣ ва ҳунари кадбонугӣ масъалаҳои муҳимтарин ба шумор мераванд.

Бо эътимоди комил изҳор медорам, ки модарону бонувони азизи мо рисолати худро дар ин самт низ бо камоли масъулият иҷро мекунанд.

Мо Рӯзи Модарро ҳар сол дар рӯзҳои нахустини фарорасии фасли баҳор ва дар арафаи ҷашни бузургтарину қадимтарини миллиамон – Наврӯз, ки ҳоло мақоми байналмилалӣ гирифтааст, ҷашн мегирем.

Дар остонаи ин ҷашн бори дигар таъкид менамоям, ки Тоҷикистон на танҳо ватани Наврӯз, балки Сада, Тиргон, Меҳргон ва дигар ҷашну ойинҳое мебошад, ки дар ташаккул, ҳифз ва ба наслҳои минбаъда ба мерос гузоштани онҳо занону модарони мо саҳми арзишманд доранд.

Ва боиси ифтихор аст, ки аксари занону модарон ва духтарону хоҳарони мо имрӯз ба Наврӯз, ойину анъанаҳо ва арзишҳои неки миллӣ арҷ мегузоранд.

Вобаста ба ин, ба ҳар фарди бонангу номус, махсусан, ба наврасону ҷавонон хотиррасон месозам, ки падару модарон ва бонувону хоҳаронро дар ҳама ҳолат эҳтиром намоянд, нисбат ба онҳо ҳамеша меҳрубону дилсӯз бошанд, иззату ҳурмати калонсолонро ба ҷой оваранд ва дуои неки онҳоро гиранд.

Хотирнишон месозам, ки ин меъёр, яъне масъулияти фарзандон барои нигоҳубин ва таъминоти иҷтимоии падару модар дар Конститутсияи мамлакат дарҷ гардидааст.

Мо бояд аҳли ҷомеа ва фарзандони худро ҳамеша ба роҳи рост ва барои ҳифзи истиқлолу озодӣ, амнияти давлат ва ҷомеа, ҳимояи сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ ва таҳкими пояҳои давлатдории миллиамон ҳидоят намоем.

Бовар дорам, ки модарону занони муҳтарам ва бонувону хоҳарони азизи мо минбаъд низ барои тарбияи наслҳои ояндасозу ободгари халқамон, таҳкими оила, ба хотири рушди давлат ва ободии Ватан заҳмат мекашанд ва ҷашни бузурги миллӣ – сисолагии истиқлоли давлатиро бо дастовардҳои сазовор истиқбол мегиранд.

Бори дигар тамоми модарону бонувони азиз ва хоҳарону духтарони гиромиро ба ифтихори Рӯзи модар табрик гуфта, ба ҳар яки онҳо хонаи обод, бахту иқболи нек, файзу баракат ва дар ҳаёти оилавӣ меҳру муҳаббати самимӣ орзу менамоям.

***Ҷашн муборак бошад, модарону бонувони азиз!***

***President.tj***

## ДАР ИН ШУМОРА:

Масъулиятафзоии аҳли маорифи кишвар саҳ. 2
"Методология" дастури амал аст саҳ. 5
Агар дар ҷаҳон набвад "Омӯзгор"... саҳ. 7
Маориф ва матбуот саҳ. 8-9
Рағбат ба омӯзиши бавусъат саҳ. 10
Моҳияти танқиди адабиро бояд донист саҳ.11

@ Почтаи электронии «Омӯзгор»: omuzgor@inbox.ru
Телефони боварӣ - 227-76-86

ДАР ПАРТАВИ ПАЁМ

# Масъулиятафзоии аҳли маорифи кишвар

**Барои ҳар яки мо, шаҳрвандони Тоҷикистони азиз, боиси ифтихору сарфарозист, ки кишварамон тадриҷан ва бомаром пеш меравад, ободу зеботар мешавад. Махсусан, ба истиқболи ҷашни пуршарафи миллат-30-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон созандагию бунёдкорӣ дар саросари мамлакат вусъати тоза пайдо кардаву мардумро рӯҳияи баланде фаро гирифтааст.**

Ин нуктаи сурурбахш дар оғози Паёми навини Президенти ҷумҳурӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар садо дод ва ҳамагон онро самимона пазируфтанд.

Паёми нимсолаи Сарвари кишвар нисбат ба Паёмҳои солҳои қаблӣ боз ҳам фарогиртару муҳтавоманд ва дорои таҳлилу баррасиҳои амиқу дақиқ буд. Вақте ки дар ҷумҳурӣ тартибу низом ҷорист, вақте ки дар мамлакат сиёсати дурандешонаву хирадмандона роҳандозӣ шудааст, вақте ки мардум аҳлу тифоқанд, вақте ки ҳисси ватандӯстиву ифтихори миллӣ боло рафтааст, ҳеҷ монеае наметавонад боиси таназзули иқтисодиёту иҷтимоиёт шавад, зеро неруи ваҳдату ҳамдилӣ ва дӯстиву рафоқат тавонову заволнопазир аст. Аз ин ҷост, ки Пешвои миллат дар қисмати аввали Паём иброз доштанд: «Пайомадҳои пандемия ба иқтисодиёти кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла, ба рушди иқтисоди миллӣ, буҷети давлатӣ, гардиши савдои хориҷӣ, қурби асъори миллӣ, инчунин, ба фаъолияти корхонаҳои саноативу муассисаҳои хизматрасонии мо низ таъсири манфии худро расонида истодаанд. Яъне мо соли 2020 дар вазъияти бошиддати иқтисодию молиявии ҷаҳонӣ фаъолият карда, бо вуҷуди мушкилоти пешомада, ҷиҳати пешгирӣ намудани пайомадҳои буҳрон ва ҳифзи амнияти иқтисодии мамлакат як қатор чораҳои фавриро роҳандозӣ кардем». Ба воқеияти ин гуфтаҳо ҳамаи мо, шаҳрвандони кишвар, шоҳидем. Дар ҳақиқат, соли 2020 чун дар тамоми дунё дар Тоҷикистон низ мушкилоти зиёде арзи ҳастӣ карданд. Бо вуҷуди ин, дар натиҷаи корагарии омилҳое, ки дар боло гуфтем, дар Тоҷикистон дар самти беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагонии аҳолӣ тамоюлҳои мусбат нигоҳ дошта шуданд ва чунонки дар Паём иттилоъ дода шуд, «Иқтисодиёти кишвар дар соли 2020-ум 4,5 фоиз афзоиш ёфта, ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 82,5 миллиард сомонӣ баробар гардид».

Дар соли сипаригашта, ҳамчунин, дар таърихи давлатдории миллии тоҷикон боз чанд тадбири дигари мондагору ибратбахшу пуршукӯҳ амалӣ карда шуданд. Дар ин сол ҷашнҳои 5500-солагии Саразми бостонӣ ва 700-солагии Камоли Хуҷандӣ дар заминаи қарори созмони бонуфузи ҷаҳонӣ –ЮНЕСКО ба таври хотирмону рангин таҷлил гардиданд.

Ба ҳукми анъана ва дар мутобиқат ба сиёсати маорифпарваронаю фарҳангдӯстонаи Сарвари кишварамон имсол низ як қисмати муҳими Паём ба масъалаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла, илму маориф бахшида шуд. Пешвои миллат дар ин мавзӯъ бо таваҷҷуҳи махсус ва бо қаноатмандӣ аз ҷараёнҳои созандаву пешбар сухан гуфтанду ва зимнан арз доштанд: «Соли гузашта дар кишвар 157 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёнаи касбӣ ва синфхонаи иловагӣ барои 63000 ҷойи нишаст бунёд ва ба истифода супорида шуданд» ва ҳамзамон иброз намуданд: «мо барои беҳтар кардани сатҳу сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот бояд тамоми шароити заруриро муҳайё карда, дар ин раванд масъулияти падару модар, аҳли ҷомеа ва омӯзгоронро боз ҳам баланд бардорем». Воқеан ҳам, комёбиҳои кишвар дар соҳаи маориф илҳомбахшу рӯҳбаландсозандаанд ва аҳли таълиму тарбияро ба фаъолияти бештар ҳидоят менамоянд. Умуман, соҳаи маориф дар ҳаёти ҳар як мамлакат нақши бузург ва муассир дорад ва омили муҳимтарини шукуфоии имрӯзу фардои ҷумҳурӣ мебошад. Замони мо, ки ба он тараққию пешрафти босуръату бовусъати илму техника хос аст, пайваста боло бурдани сатҳи таълиму тарбияро тақозо дорад. Мо давлати соҳибистиқлолу озоду мустақил дорем ва бояд бар он бикӯшем, ки ин давлат ҳамқадами кишварҳои рушдёфта бошад, дар сафи мамлакатҳои олам ҷойгоҳи арзандаи худро дарёбад. Барои ин, махсусан, омодасозии ҷавонониояндасози миллат, мутахассисони созгор ба меъёрҳои ҷаҳонӣ омили меҳварӣ мебошад. Нақши илму техника дар ҷаҳони муосир ҳамвора боло меравад. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин махсусияти замонро амиқ дарк намудаанд ва аз ин ҷост, ки дар мувофиқату мутобиқат ба он мунтазам тадбирҷӯиҳо мекунанд. Як тадбири муҳиму калидӣ дар ин самт эълони Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф мебошад, ки солҳои 2020-2040-ро фаро мегирад.

Дар татбиқи ҳадафи ин тадбири созандаву дурандешона ва ватандӯстона аҳли маориф бештар масъуланд ва аз мушоҳидаҳо бар меояд, ки пас аз эълони бистсолаи мазкур сатҳу сифати таълими фанҳои дақиқу табиӣ дар тамоми мактабҳои ҷумҳурӣ хеле боло рафтааст. Кабинетҳои таълимӣ вобаста ба фанҳои мазкур ба таври мукаммал ҷиҳозонида шуданд, омӯзгорони дахлдор аз такмили ихтисос гузаштанд ва доир ба ин фанҳо як силсила дастурҳои илмию методӣ рӯи даст омаданд. Теъдоди зиёди ҳамоишҳои машваратии омӯзгорони фанҳои дақиқ, ки дар тамоми манотиқи ҷумҳурӣ баргузор карда шуданд, ба такмили сатҳи таълими фанҳои мазкур мусоидат карданд. Инак, мо дар Паёми навини Пешвои миллат шоҳиди боз як иқдоми тоза дар тақвияти тадбири мазкур-Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф гардидем. Боз ҳам бо ибтикори Сарвари кишвар ба хотири бештар аз ин ба омӯзиши илмҳои риёзиву дақиқ ва табиӣ ҷалб кардани наврасону ҷавонон, олимону муҳаққиқон ва устодону омӯзгорон зимни Паём дастур дода шуд, ки минбаъд ҳамасола озмуни ҷумҳуриявӣ зери унвони «Илм - фурӯғи маърифат» баргузор карда шавад. Президенти муҳтарами ҷумҳуриамон изҳори умедворӣ ва боварӣ карданд, ки тавассути ин озмун истеъдодҳои наврасу ҷавон донишу маҳорати худро санҷида, дар оянда барои пешрафти илмҳои риёзиву дақиқ ва табиӣ нақши арзишманд мегузоранд.

Дар воқеъ, силсилаи озмунҳо, махсусан, озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» дар ҳаёти аҳли кишвар тағйироти куллии мусбӣ ба вуҷуд оварданд ва боиси боз ҳам боло рафтани сатҳи донишу маърифат ва фарҳанги ҳамагон гардиданд. Хушбахтона, дар ин озмунҳо неруи асосӣ мактабиён мебошанд ва фаъолияти онҳо дар озмунҳо сол то сол такмил меёбад. Чунонки дар Паём ба Маҷлиси Олӣ зикр гардид, ҳадафи Роҳбари давлат аз ин ташаббусҳо, пеш аз ҳама, такмили сатҳи саводу маърифатнокии мардум ва дар навбати аввал, наврасону ҷавонон, тақвияти ҳисси миллӣ, ватандӯстиву ватанпарварӣ, ҳувияти миллӣ, арҷгузорӣ ва омӯхтани забон, таърих, фарҳанги бостонии тоҷикон, тавсеаи доираи донишу ҷаҳонбинии илмиву техникӣ ва рушди илмҳои дақиқу табиӣ дар кишвар мебошад. Дар Паём, ҳамчунин, вобаста ба масоили забономӯзии насли наврас, соҳиб шудани ҷавонон ба касбу ҳунарҳо, азхудкунии маҳорати кор бо технологияи муосир ва монанди инҳо суханони раҳнамою ҳидоятгар иброз дошта шуданд, ки бояд дар мадди назари аҳли маориф бошанд.

*Дилором САЪДУЛЛОЕВА,*
*директори мактаби №20-и ноҳияи Шоҳмансур*

ПЕШРАФТ

**Соли 2021 ҷашну тантанаҳои зиёди таърихию сиёсӣ дар пай дорад ва муҳимтарину барҷастатарини онҳо таҷлили 30-солагии Истиқлоли давлатии ҷумҳурӣ ба шумор меравад.**

# Қадамҳои устуворона



Воқеан, агар ба марҳалаҳои рушду пешрафти соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи кишвар назар кунем, мушоҳида мекунем, ки тӯли 30 сол бо роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон корҳои зиёде анҷом дода шуданд, ки лоиқи таҳсин ва ифтихори мардуми тоҷик мебошад. Ман ҳамчун собиқадори соҳаи маориф хеле хуб дар ёд дорам, ки бо шурӯи ҷанги бемаънии шаҳрвандӣ фоҷеаҳои гӯшношуниде ба сари кишвару миллати тоҷик омаданд. Аммо маҳз бо сиёсати одилонае, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Сарвари давлат роҳандозӣ карданд, пеши роҳи ҷанг гирифта шуд ва корҳои созандагию ободкорӣ дар кишвар батадриҷ равнақу ривоҷ ёфтанд. Таваҷҷуҳи Роҳбари кишварро, қабл аз ҳама, соҳаи маориф ба сифати тарбиятдиҳандаи насли навиояндасоз ба худ ҷалб намуд. Ҳамагон дар ёд дорем, ки баъди воқеаҳои маълум мактабҳо дар чӣ вазъи мушкиле қарор доштанд. Аксари омӯзгорон ба сабаби сари вақт пардохт нагардидани маош ва шароити вазнини зиндагӣ мактабҳоро тарк карда, ба мардикорӣ машғул гардиданд ва ё ба Россия ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтанд. Дар чунин вазъи сангин раҳбарияти мамлакат кӯшиш ба харҷ дод, ки таълиму тарбияро ба маҷрои муқаррарӣ равона намуда, мақоми муаллимро ҳамчун шахси меҳварӣ дар соҳаи маориф баланд бардоранд. Ба вуҷуд овардани маорифи миллӣ, таҳияи нақшаю барномаҳои таълимии созгор ба замони муосир, таълифи китобҳои дарсии ҷавобгӯ ба воқеияти кишвари соҳибистиқлол, такмилу бозомӯзии мутахассисони ҷавон, таъмини муассисаҳои таълимӣ бо омӯзгорон, бунёди таълимгоҳҳои нав, ба роҳ мондани сабку шеваҳои судманди таълимӣ ва амсоли инҳо аз вазифаҳои аввалиндараҷа дар назди Ҳукумат ва Давлат ба шумор мерафтанд. Боиси хушҳолист, ки марҳала ба марҳала ин вазифаҳо ҳалли мусбати худро ёфта, муаллимон ба мактаб баргаштанд ва таълиму тарбия ба сатҳи сифатан нав бардошта шуд. Албатта, амалӣ намудани ин корҳо вақту маблағ талаб мекард. Вале аз рӯзҳои аввал Пешвои миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ эълон намуданд, ки маориф соҳаи афзалиятнок дониста шуда, сутуни асосии ҷомеа саводу дониш маҳсуб меёбад. Зина ба зина олимону педагогҳои маъруфи тоҷик ба таҳқиқу таҳлили равандҳои миллии таҳсилот пардохта, китобу монография ва рисолаҳои илмию назариявӣ ва методии дархӯри арзишҳои миллиро таълиф ва пешниҳоди омӯзгорону устодон намуданд. Дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ислоҳоту дигаргуниҳо ба роҳ монда шуда, аз ҷониби олимон таълими ҳамгиро пешниҳод, дастгирӣ ва амалӣ гардид. Гузаштан ба таълими ҳамгиро, маънои аз методу шакл ва низоми қолабию анъанавии таҳсилот, ки то замони соҳибистиқлолии кишвар роиҷ буд, даст кашидан ва боз намудани равзанаҳоро ба сӯйи озодандешӣ ва такомулу рушди тафаккуру зеҳни хонандагон дар мадди назар дошт. Хушбахтона, усули таълими ҳамгиро, бо вуҷуди монеаҳои сунъӣ дар муассисаҳои таълимӣ татбиқ ёфт ва самараи нек ба бор овард. Маълум аст, ки соҳаи маориф серпаҳлу буда, аз зинаҳои гуногун иборат аст. Яке аз тадбирҳое, ки дар роҳи саводнок намудани насли наврас ба амал баровàрда шуд, компютеркунонии мактабҳо ва ба ин васила, вусъат бахшидани раванди инноватсионии таълим ба ҳисоб мерафт. Замон тақозо мекард, ки хонандагони мактабҳо бо донишҳои техникӣ мусаллаҳ гардида, бо истифода аз компютеру тахтаҳои электронӣ ва видеопроекторҳо ҷаҳонбинию тафаккури худро такомул бахшанд. Дар ин замина, зарурат пеш омад, ки заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимии кишвар, хусусан, кабинетҳои таълимӣ ва озмоишгоҳҳои фаннӣ беҳтар карда шавад. Дар амал татбиқ намудани донишҳои андӯхтаи назариявӣ аз фанҳои дақиқу бунёдӣ талаби айём буд. Дар ин самт аз ҷониби Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ бо дастгирии Ҳукумати кишвар барномаҳои зиёди давлатӣ қабул ва иҷро гардиданд. Дар баробари забони давлатӣ, омӯзишу аз худ кардани забонҳои хориҷӣ (ба хусус, англисию русӣ) яке аз мушкилоте маҳсуб меёфт, ки Сарвари давлат ба он диққати ҳамаҷониба зоҳир менамуданд. Вобаста ба ин масъала низ барномаи махсуси давлатӣ қабул шудааст, ки дар он роҳҳои ба ҳадаф расидан ҷиҳати омӯзиши густурдаи забонҳои хориҷӣ ба таври мушаххас ифода ёфтааст.

Дар воқеъ, тамоми иқдому кӯшишҳои роҳбарияти давлат ба он нигаронида шудааст, ки насли наврас ва ҷавонон бештару беҳтар ба омӯзишу мутолиа фаро гирифта шуда, баҳри пешрафту тараққии кишвар саъю талош намоянд.

*Комилшоҳ МАҲМУДОВ,*
*собиқадори маориф, ноҳияи Варзоб*

ҲАМКОРӢ

# СММРМ: вохӯрии шариконии рушд

4 - уми марти соли ҷорӣ дар маҷлисгоҳи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрии шарикони рушд барои дастгирии татбиқи "Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" баргузор гардид, ки дар он таъмини маблағгузории давлатӣ ва дигар паҳлуҳои амалигардонии ин санад мавриди баррасию муҳокима қарор дода шуд.

Дар вохӯрии мазкур Нуралӣ Собирзода - муовини вазири маориф ва илм, Алберто Бянколи - мудири шуъбаи маорифи намояндагии ЮНИСЕФ дар Тоҷикистон, Саодат Бозорова-сардори маорифи Бонки умумиҷаҳонӣ ва як қатор намояндагони Вазорати маориф ва илм ва шарикони рушд ширкат варзиданд.

Муовини вазир Нуралӣ Собирзода аз ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар соҳаи маориф ва илм ба шарикони рушд изҳори сипос намуда, ироз дошт, ки Стратегияи миллии рушди маориф ба бартариятҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2030 инъикос ёфтаанд, такя карда ба мақсад ва вазифаҳои Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ) мутобиқат мекунад. Вазифаҳои банақшагирии стратегӣ аз муайян кардани ҷорабиниҳо ва масъалаҳо дар чорчӯбаи рушди васеи иҷтимоию иқтисодии минбаъда иборат мебошад.

Қайд гардид, ки дар рафти татбиқи Стратегия ва бо мақсади ба даст овардани нишондоди самараноки амалишавии он, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дастгирии ҳамаҷонибаи шарикони рушд, ки аз ёрии техникӣ ва молиявӣ иборат аст, ниёз дорад. Бинобар ин, моро зарур аст, ки ҳамкориҳоро густариш дода, ҷиҳати маблағгузории самтҳои афзалиятноки соҳа фикру андешаҳои хеш ва нақшаҳои ҳамкориро баён намоем.

Б. Музаффарзода - сардори раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф оид ба сарчашмаҳои маблағгузорӣ, натиҷаҳои дарозмуддат, хароҷоти нақшаи миёнамуҳлати



солҳои 2021-2023, вазъияти маблағгузории соҳаи маориф ва илм дар солҳои 2011-2021, нақшаи дурнамо ва саҳми шарикони рушд дар амалигардонии нақшаву ҳадафҳои дарпешистода ибрози андеша намуд.

Шарикони рушд масъалаи беҳтар намудани сатҳу сифати таҳсилот дар зинаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, миёна ва умумиро мавриди баррасӣ қарор дода, пешниҳодҳои худро дар ин самт ироа намуданд.

ҶАМЪБАСТ

# Комёбиҳои хонандагони пойтахт

Дар литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе маросими ҷоизасупорӣ ба ғолибони даври сеюми (шаҳрӣ) олимпиадаҳои фаннии хонандагони муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе баргузор гардид.

Иттилоъ дода шуд, ки дар олимпиадаҳои фаннии имсола аз 13 фанни таълимӣ дар маҷмӯъ 3017 нафар хонанда ширкат варзиданд. Аз ҷумла, 382 нафар дар олимпиадаи даставии наврасон (синфҳои 5-6), 528 нафар дар олимпиадаи даставии наврасон (барои синфҳои 7-8), 991 нафар дар олимпиадаи анъанавии хонандагони муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе (синфҳои 9 ва 10), 589 нафар дар олимпиадаи номии хонандагони муассисаҳои таълимии шаҳр (синфи 11), 345 нафар дар даври интихобии олимпиадаи даставии хонандагон барои синфҳои 9-10, 81 нафар дар олимпиадаи «Spelling Bee», 73 нафар дар олимпиадаи шоҳмот, 48 нафар дар олимпиадаи даставии «Истеъдод» иштирок ба сабқат намуданд.

Аз 3017 нафар хонандагони муассисаҳои таълимии шаҳр дар 9 олимпиадаи фаннӣ 817 нафар ҳамчун ғолиб дар соли 2021 дониста шуданд. Аз ин шумора 339 нафар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва 418 нафар дигар хонандагони литсейю гимназияҳои пойтахт ба ҳисоб мераванд.

Дар даври шаҳрии олимпиада дар байни ноҳияҳои пойтахт хонандагони муассисаҳои таълимии ноҳияи Сино бо ба даст овардани 351 ҷойи ифтихорӣ дар мақоми аввал, ноҳияи Фирдавсӣ бо ба даст овардани 171 ҷой дар мақоми дуюм, ноҳияи Шоҳмансур бо 158 ҷой дар мақоми сеюм ва ноҳияи Исмоили Сомонӣ бо 137 ҷой дар мақоми чорум мавқеъ гирифтанд.

Имсол бори нахуст дар ҷумҳурӣ олимпиадаи даставии «Истеъдод» бахшида ба «Бистсолаи рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» гузаронида шуд. Дар он хонандагони синфҳои 7-11 иштирок намуданд. Ҳамагӣ 48 нафар хонанда дар сабқат ширкат варзиданд.

Дар рӯзи ҷоизасупорӣ 163 нафар хонандаи синфҳои 11 бо медалу диплом ва ифтихорномаҳои сардори сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе ва Маркази рушди истеъдодҳо қадрдонӣ карда шуданд. Ба 12 нафар ғолиби олимпиадаи «Spelling Bee» ва 12 нафар ғолиби олимпиадаи «Истеъдод» медал, диплом, ифтихорномаҳо супорида шуданд.

Дар анҷоми ҷоизасупорӣ муовини раиси шаҳр Мавсума Муинӣ ғолибонро табрику таҳният гуфта, ҳамчунин, ба омӯзгороне, ки дар тайёр кардани хонандагон ба олимпиадаҳо ҳиссаи арзандаи худро гузоштанд, ба номи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе арзи сипос намуд.

***Туракул ҶУМЪАЕВ,***
***собиқадори соҳаи маориф***

МАДАД

# Ятимон дастгирӣ ёфтанд

Дар мактаб - интернати ноҳияи Шаҳритус 81 нафар кӯдаки ятим ва кӯдакон аз оилаҳои камбизоат ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд. Онҳо ҳамеша таҳти ғамхориҳои пайвастаи Ҳукумати ҷумҳурӣ қарор дошта, худро хушбахт меҳисобанд.

Дар арафаи ҷашни Наврӯзи бостонӣ аз ҷониби вазорат барои ошхонаи мактаб-интернат 400 дона чойники пиёла, косаи чинӣ ва дигар ашёи наву замонавӣ туҳфа гардид. Ҳамчунин, аз тарафи вазорати номбурда барои гарм нигоҳ доштани хобгоҳ ва рафъи мушкилиҳои маҳдудияти қувваи барқ дар фасли сармо мактаб-интернат бо як трансформатори наву замонавии дизелӣ таъмин карда шуд.

Дар аввали соли ҷорӣ бошад, раиси вилояти Хатлон Қурбон Ҳакимзода барои ҳамаи тарбиятгирандагони мактаб-интернат либосҳои гарми ятимонаи мактабӣ ва пойафзол, 3 адад компютер, 3 адад телевизори пластикӣ ва 3 адад бухории замонавии барқӣ туҳфа намуд.

***Аъзам БОБОЕВ,***
***рӯзноманигор***

ДАСТГИРӢ

# Осон нагиред

*Ободӣ ҳамеша аз худи инсон, аз ботину сиришташ оғоз мегирад. То сиришт обод нагардад, диёр обод намешавад. Вақте кӯдак ин мафҳумро ба василаи донишу маърифат дарк мекунад, ин худ аллакай тарбия аст, дарки ин нукта бо ватандорӣ рабт мегирад.*

Аз ин ҷост, ки донишу саводи хуб дар ҳаёти одам бояд мавқеи аввалиндараҷа дошта бошад. Аз ин ҷост, ки ҳамаи дастоварду муваффақият бо илму дониш пайванд аст ва ҳам хишти аввали ободиву созандагиро дар мактаб мегузоранд, яъне то ин фаҳмиш дар зеҳну ботини кӯдак ҷойгузин нагардад, ба муваффақияту созандагӣ нобояд умед баст. Дар ин маврид таълиму тарбия пайванди ногусастанӣ пайдо мекунанд. Агар одам имрӯз низ сайёрае дар кайҳон кашф кунаду дар таки укёнус манзиле бисозад, пеш аз ҳама, боз хизмати мактабу маориф аст ва воқеияту ҳақиқат ҳам – хоҳем нахоҳем, ҳамин аст: "Ҳеҷ кас аз пеши худ чизе нашуд...".

Селу сангу тӯфону заминларза офат аст, офати бузург аст, вале бузургтарин офат нодонию бесаводӣ аст. Ҷоҳилу бесавод барои ҳар гуна ҷомеа мушкилу монеа эҷод мекунад. Маҳз ҳамин чиз аҳли маорифро водор менамояд, ки пайи босаводу донишманд шудани фарзандони миллати тоҷик пайваста талош намояд. Албатта, нақши ҳалкунандаро омӯзгор мебозад, агар ин шахсият рисолаташро дуруст анҷом набахшад, саъю талошамон бенатиҷа мемонад. Аммо фикр мекунам, ки омӯзгорони сарфарози мо ин вазифаи асосии худро хуб дарк кардаанд ва дар тарбияву таълими фарзандони мардум саҳми босазо гузошта истодаанд. Дар ин маврид, агар такрор шавад ҳам, зикр кардан зарур аст, ки заҳмати омӯзгор дар таълиму тарбияи шогирдон беқиёсу бебадал аст, яъне барои донишманд шудани кӯдакони мо устод нақши калидӣ дорад. Омӯзгорӣ касби басе сангину тоқатшикан мебошад, инро танҳо касе мефаҳмад, ки худ омӯзгор будааст. Барои он ки фарзандамон сайёранишину оламгир шавад, чӣ қадар нерую тавон масраф мегардад, чӣ қадар асабҳо хароб мегарданд, чӣ қадар инсон сактаи дилу чӣ қадар азобу шабзиндадориҳо паси сар мешаванд. Меҳвари ҳамаи саъю



талош фарзанди мост. Фарзанди мо – кӯдаке, ки по ба остонаи мактаб мегузорад, мисоли фариштаи поку бегуноҳ аст, вай аз макру фиребу найранг фарсахҳо дур аст. Ба ин хотир, мо – аҳли маориф ҳуқуқе надорем, ки ин фариштаро бифиребем, ба чашми фарзанди худ хок бипошем ё худ, агар асли гапро гӯем, шогирду фарзанди бесавод ба воя расонем. Аз ин ҷо аҳли маориф ҳуқуқи маънавии суст кор кардану ба натиҷаи нарасиданро надоранд, чаро ки бо фарзанди худ, бо фарзанди мардум, бо фарзанди Ватан – бо ояндаи Тоҷикистон кор мебаранд. Батакрор гуфтааму мегӯям, ки маорифчиён бори басе вазнину миёншикан бар дӯш доранд. Хуш ба ҳолашон, ки ин дӯшборро бо қадамҳои устувор ба манзил бурда истодаанд... Аз ин ҷо, агар бефаҳму бедарде ба сӯи мардуми маориф санги маломат партояд, ростӣ, ба кас хеле алам мекунад. Хаёл мекунӣ, ки ба қавле, гаҳвораи ин одамон аз осмон афтодааст...

Аҷобат он ҷост, ки ин афрод низ замоне остонаи мактабро зер кардаанду пеши соҳибназаре таълим гирифтаанд. Ва баъди чанд сол мактабро хатм кардаанд. Бисёре аз баракати устоду шарофати маориф ба ҷое расидаанд. Ҷойи афсӯс ин аст, ки санги маломатро ба сӯйи мактабу маориф маҳз онҳо партоб мекунанд. Лекин боке нест, зеро одат ин аст, ки дарахти мевадорро санг мезананд, надидаам, ки сӯйи ар – ар ҳатто кулӯхе ҳаво дода бошанд.

Албатта, ҷое, ки кор бошад, камбуде пайдо мегардад. Боз таъсири манфии он ба кӯдак мерасад. Сифати таҳсилот ҳам ҳама ҷо якгуна нест, вале муҳимаш ин аст, ки фарзандони мо бесавод намонанд. Мо дида истодаем, ки аҳли маориф барои таълиму тарбияи шогирдони босаводу хуштарбия ҳамарӯза кору пайкор мекунанд. Умед аст, ки аҳли маориф дар ин росто тавфиқ меёбад.

***Ч. УЛФАТШОЕВ,***
***шаҳри Хоруғ***

ВОКУНИШ

# Ислоҳи камбудиҳо вақт ва маблағ металабад

**Вокуниш ба мақолаи "Камбудиҳоро ислоҳ бояд кард"-и Шариф Абдулҳамид, ки дар ҳафтаномаи "Омӯзгор" аз 14 январи соли 2021, №2 (12278) ба нашр расидааст.**

*Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз" яке аз калонтарин муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.*

Айни замон коллеҷ дорои 4 бинои таълимӣ, як хобгоҳ барои 350 нафар, ташхисгоҳҳои таълимӣ-лабораторӣ, Маркази таълимӣ-истеҳсолии дорусозӣ, Маркази таълимӣ - табобатии стоматология бо устохонаи дандонсозӣ, Маркази омӯзиши малакаҳои амалии ҳамширагӣ, 97 кабинети таълимӣ, 3 синфхонаи компютерӣ, майдончаи варзишӣ, толори варзишӣ, маҷлисгоҳ барои 110 нафар мебошад.

Бахри беҳтар намудани заминаи моддию техникии коллеҷ аз огози сол 2 адад кабинети ташхисӣ-лабораторӣ, 12 адад синфхонаи таҳхонаи бинои асосӣ, нуқтаҳои тиббӣ ва 6 адад синфхонаи бинои асосӣ, маҷлисгоҳ, бинои таълимии №3 аз таъмири фарогирӣ бароварда шуда, бо мизу курсӣ ва дигар васоити таълимӣ муҷаҳҳаз гардонида шуданд.

Айни замон сохтмони бинои хобгоҳ барои донишҷӯён иборат аз 9 ошёна барои 700 нафар идома дорад.

Дар давоми таътили тобистона ошёнаҳои якум, дуюм ва сеюми хобгоҳи коллеҷ аз таъмири фарогир баровара шуда, бо рахти хоб таъмин карда шуданд.

Дар соли 2020 13 нафар омӯзгор дар заминаи филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Кӯлоб ва 23 нафар дар заминаи Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони соҳаи тандурустӣ аз курсҳои такмили ихтисос гузаштанд.

Айни замон дар коллеҷ аз рӯи 7 ихтисос мутахассисон омода карда мешаванд: кори табобатӣ, кори момодоягӣ, кори ҳамширагӣ, дандонсозӣ, кори фарматсевтӣ, корҳои тиббӣ – ташхисӣ ва корҳои тиббӣ-профилактикӣ.

Давоми соли 2020 бахри беҳтар намудани раванди таълим ба коллеҷ 34 адад компютер, 15 адад принтер, 7 адад проектор ва тахтаҳои электронӣ харидорӣ карда шуданд. Айни замон шумораи компютерҳо дар коллеҷ 172, принтер 37 адад, тахтаи электронӣ ва проекторҳои мултимедӣ 14 ададро ташкил медиҳад.

Бо мақсади ғанӣ гардонидани захираи китобхона соли 2020 1984 адад китоби фаннӣ харидорӣ карда шуд. Айни замон дар китобхонаи коллеҷ 18 773 адад китоб мавҷуд аст.

Дар коллеҷ китобхонаи электронӣ низ ташкил карда шудааст, ки он бо 10 адад компютер ва 1 адад принтер таъмин мебошад.

Дар коллеҷ бо мақсади беҳтар намудани раванди машғулиятҳои амалӣ якчанд маркази таълимӣ-табобатӣ ва таълимию истеҳсолӣ таъсис дода шудаанд. Аз ҷумла, маркази таълимии ташхисии лабораторӣ, маркази таълимӣ-табобатии стоматологӣ, маркази омӯзиши малакаҳои амалӣ ва маркази таълимӣ-истеҳсолии дорусозӣ. Марказҳои мазкур бо қадри имкон бо лавозимоти аёнӣ ва васоити техникӣ муҷаҳҳаз гардонида шуда, дар онҳо машғулиятҳои амалӣ ба роҳ монда шудаанд.

Соли 2020 коллеҷро 1352 нафар, аз ҷумла, 525 (39%) тариқи буҷавӣ ва 827 (61%) тариқи шартномавӣ хатм намудаанд.

Таълими амалӣ ва таҷрибаомӯзиҳои донишҷӯён дар 30 муассисаи тиббию профилактикӣ ва фарматсевтии шаҳрию минтақавӣ, ки дар онҳо 46 адад кабинет барои


ТАНДУРУСТӢ

## Ҳадаф: тарбияи шогирдони солиму худогоҳ

Вазифаи ҷонии омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ ба воя расонидани шогирдони солиму варзишгарони ояндa мебошад, ки онҳо бо ширкати худ дар мусобиқоти варзишӣ ҳамчун таҳкимбахшони раван- бо дарназардошти имконияту қобилияти ҷисмонӣ ва рӯҳиян ҳар як хонанда ташкил ва гузаронидани машқҳои тарбияи ҷисмонии умумӣ ва инфиродӣ барои рушду инкишофи маҳорат ва малакаи хонанда мор меравад.

Дар ин ҷода истифода бурдани имкониятҳои ташкилу баргузории дарсҳои иловагӣ, маҳфили «Дӯстдорони варзиш», инчунин майдончаҳои варзишӣ ба манфиат мебошад.

...ди дӯстиву рафоқат дар байни инсонҳо ва кишварҳои ҷаҳон махсуб мeёбанд.

Табиист, ки чунин масъулияти баланд дар назди омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ вазифаҳои ҷиддӣ мегузорад. Дар ҷаҳони муосир варзиш хеле пеш рафтааст ва ин аз мо, омӯзгорон, тақозо менамояд, ки дар машғулиятҳои дарсӣ дар баробари баланд бардоштани сатҳу сифати машқҳои таълими варзишӣ, инчунин, ба масъалаҳои воқеъбинона муайян намудани имконоти ҷисмонӣ, риояи тартиби низому речаи истеъмоли ғизо, истироҳат, ҳифозати неруи ҷисмонӣ, тарзу усулҳои баркарорсозии он ва омодагии равонии ҳар як хонанда эътибори махсус бидиҳем.

Таҷрибаи бадастомадаи омӯзгорӣ нишон медиҳад, ки роҳи васеъ мекушояд.

Омӯзгор зимни гузаронидани машқҳои гуногуни ҷисмонӣ бояд ҳамчун ёвари ҳақиқии хонанда амал кунад. Шогирди худро барои дуруст иҷро намудани ягон машқи ҷисмонӣ мавриди сарзаниш қарор надиҳад. Аз ҳама асосиаш, дар мавриди иҷрои машқҳои гуногуни ҷисмониву варзишӣ дар байни хонандагон ҳеҷ гоҳ тафриқа нагузорад. Якеро қобилу дигареро ноқобил нахонад. Баръакс, кӯшиш кунад, ки ба ҳар як хонанда дар иҷрои машқҳо кумак расонад, то ки аҳли синф саросар қобил гардад.

Рисолати дигари омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ пайдо намудану тарбият кардани наврасони болаёқат барои расидан ба натиҷаҳои минбаъдаи баланди варзишӣ дар сатҳҳои гуногуни мусобиқаҳои варзишӣ ба шу-

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро вазифадор намуданд, ки дар давоми даҳ соли оянда дар ҳар як деҳа ва маҳаллаи аҳолиашон аз 100 хочагӣ зиёд як муассисаи томактабӣ, як толор ва як майдони варзиш бунёд кунанд. Амалӣ гардидани иқдоми наҷиби Сарвари давлат, албатта, доираи имконоти фаъолияти мо - омӯзгорон тарбияи ҷисмонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро боз ҳам васеътар менамояд ва ин дар навбати худ ба оммавӣ гардидани варзиш дар байни шогирдонамон мусоидат менамояд.

*Нусратулло ИСМАТУЛЛОЕВ, омӯзгори тарбияи ҷисмонии гимназияи №74-и ноҳияи Фирдавсӣ*

АНДЕША

## Роҳи бартарафсозии мушкилот ҳаст

*Ҷараёни таълими ҳар як фан дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ мушкилоти ҷудогонаи худро дорад ва табиист, ки омӯзонидани забони русӣ ба хонандагон низ аз ин раванд истисно нест.*

Зимни омӯзонидани забони русӣ ба хонандагон ва аз ҷониби онҳо аз худ карда шудани нозукиҳои забони мазкур муҳити имрӯзаи забони адабии тоҷикиро ба мадди назар бояд гирифт. Эътироф бояд намуд, ки муҳити забони адабии тоҷикӣ ё худ забони давлатӣ барои мо омӯзгорони забони русӣ ва дигар забонҳо мушкилоти зиёдеро эҷод мекунад. Чаро?

Чунки дар айни замон аз муҳити забони оила сар карда, то забони муошироти байни тарбиятдиҳандагону кӯдакони ширхоргоҳ- чун дигар ҳамкасбони худ, дар ҷараёни таълим аз методи муосири таълими коммуникативӣ истифода мебаранд, мақоми поксозии муҳити забонии хонандагон ба ҷойи аввал мебарояд. Зеро ки дар раванди баргузории дарсҳои коммуникативӣ нақши нутқи шифоҳии хонанда нисбат ба хондану навиштани ӯ бартариро касб менамояд.

Мо, омӯзгорон, барои муҳокима мавзӯъро интихоб менамоем, самти зарурии дарсро барои хонандагон муайян мекунем ва онҳоро «ба гап медароем». Суҳбати хонандагонро гӯш мекунем ва дар лаҳзаҳои зарурӣ ислоҳ менамоем. Албатта, тарзи ислоҳкунии мо ба забони русӣ сурат мегирад. Дар баробари ин, зимни тарҷумаи суҳбати шогирдон ба забони давлатӣ ба тарзи гуфтори онҳо эътибор медиҳем ва забони муоширати онҳоро аз калимаву иборахои

ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ

## Камбудиҳоро ислоҳ бояд кард

*Коллеҷи давлатии тиббии шаҳри Кӯлоб соли 1953 таъсис дода шудааст. Дар солҳои фаъолияти худ он зиёда аз 17 ҳазор нафар мутахассиси соҳаи тандурустиро тарбия намудааст.*

Тавре ки дар суҳбат ҷонишини директор оид ба таълим Б. Абдусамадзода иброз намуд, дар ин ҷо аз рӯи 7 ихтисос : табобатӣ, ҳамширагӣ, момодоягӣ, фарматсевтӣ, дандонсозӣ, тиббӣ-ташхисӣ ва тиббӣ-профилактикӣ мутахас- таври амалӣ меомӯзанд. Иштироки фаъоли донишҷӯён ва олимони ҷавони коллеҷ дар ин давра дар озмунҳои илмию фаннӣ ва маърифатию варзишӣ дар ҳудуди вилоят ва ҷумҳурӣ назаррас буда, ҳамзамон, комёбиҳои донишҷӯёни коллеҷ дар озмунҳо ба қайд гирифта шудааст. Аз ҷумла, тими духтаронаи волейбол ва футболи коллеҷ дар мусобиқаҳои вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ ширкат варзида, дар лигаи олии футбол ҷойи 6-ум ва волейбол ҷойи 1-умро дар шаҳри Душанбе сазовор гаштанд. Раванди

сисонро омода менамоянд. Шумораи умумии донишҷӯён дар шуъбаи рӯзона ва ғоибона 3912 нафарро ташкил додааст. Азхудкунии барномаҳои таълимӣ ва давомоти донишҷӯён ба 99,4% баробар гардида, санҷиши сифати таҳсилот тариқи тестӣ, дар умум, 48,1%-ро ташкил медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки фаъолияти таълимӣ дар соли таҳсили 2019- 2020, аз гузаро- таҷрибаомӯзии донишҷӯёни коллеҷ аз тарафи ҷонишини директор оид ба таълим мунтазам зери назорат буда, донишҷӯён дар 30 муассисаи тиббию профилакторӣ тибқи шартнома таҷрибаи истеҳсолии худро мегузаронанд. Дар коллеҷ бо мақсади ҷалби донишҷӯён ба корҳои илмӣ-амалӣ, ки ҷузъи муҳими низоми тайёр намудани мутахассисони баландихтисос ба шумор меравад

машғулиятгузаронии донишҷӯёни коллеҷ ҷудо карда шудааст, гузаронида мешаванд.

Роҳбарияти коллеҷ ба нақша гирифтааст, ки давра ба давра корҳои зеринро анҷом бидиҳад:

1. Бо омӯзгорони тахассусӣ таъмин намудани коллеҷ;
2. Баланд бардоштани сатҳи тахассуснокии омӯзгорон;
3. Ба анҷом расонидани сохтмони хобгоҳ барои 700 нафар донишҷӯ;
4. Таъмини китобхона бо китобҳои таълимӣ;
5. Бо компютеру дигар таҷҳизотҳои электронии ҷопӣ, тахтаҳои электронӣ таъмин намудани ҳамаи кафедраҳо ва толорҳои лексионӣ;
6. Пурзӯр намудани пояи моддӣ-техникии марказҳои таълимӣ-табобатӣ ва таълимӣ-истеҳсолӣ;
7. Вусъат додани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таълимӣ-методии омӯзгорон;
8. Мунтазам баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, малакаву маҳоратомӯзии касбии донишҷӯён тибқи стандартҳои байналмилалӣ;
9. Кушодани лабораторияҳои клиникию биокимиёӣ бо таҷҳизоти муосир;
10. Тасдиқи лоиҳаи сохтмони бинои нави таълимӣ ва дармонгоҳи назди коллеҷ;
11. Бо аёният, муляжҳо ва реактивҳо таъмин намудани машғулиятҳои кабликлиникӣ ва амалӣ;
12. Пурзӯр намудани заминаҳои таҷрибаомӯзии донишҷӯён дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои тандурустии муқими шаҳри Кӯлоб.

***З.АЗИЗЗОДА,***
***директори коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб***

ШАМЪИ ХОТИРА

*Дар таърихи муосири ватанамон ин нукта собит шудааст, ки гурӯҳҳои ифротгаро барои бастани даҳони журналисти асил ва ҳақиқатнигор "тадбирҳо" меандешанд, то ин ки воқеият ва махсусан, симоҳои хашини манфурашон ошкор нагарданд.*

Таҳқиру тавҳин, лату кӯб ва ҳатто террори журналистони асил, ки аз воқеият ва ҳақиқат дифоъ намуда, бар зидди хушкандешию таассуби мазҳабӣ мубориза мебаранд, аз махсусиятҳои фаъолияти созмонҳои ифротӣ ва хусусан ташкилоти террористии наҳзатӣ буда ва ҳаст.

Қатлу озор ва террори бияти баланд ва адолатҷӯию ҳақиқатнигориаш буд, ки Зайниддин Муҳиддиновро ба вазифаи пурмасъулияти сармуҳаррири ҳафтаномаи «Насими айём» таъйин карда буданд ва то лаҳзаи охирини умраш дар ин вазифа ба мардум хизмат мекард.

Ӯ ба сифати рӯзноманигор он маводиберо дар матбуот мунта- хурофотӣ, ки ибтидои солҳои навадуми асри бист барои рӯйи даст гирифтани қудрати сиёсию низомӣ фурсатшуморӣ мекарданд, аз авлавиятҳои кори рӯзноманигорӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ин рӯзноманигори асил ба шумор мерафт. Зайниддин Муҳиддинов 14-уми марти соли 1995 аз ҷониби дастаи қотилони аъзои ТТЭ ҲНИ аз хонааш ба тавру зӯрӣ баровардa, дар соҳили дарё бо истифода аз силоҳи оташфишон ба ҳалокат расонида шудааст. Маълум аст, ки ин амали нангини террористо-

# Пирӯзӣ бар неруи аҳриманӣ



журналистон як методи маъмули муборизаи неруҳои экстремистии наҳзатист. Мисолҳои зинда ва гӯё аз қатлу фишори наҳзатӣ алайҳи рӯзноманигорон зиёданд. Яке аз қурбониёни террори наҳзатӣ - журналисти забардаст, нексиришт ва ватандӯст Зайниддин Муҳиддинов мебошад.

Журналисти боистеъдоду асили тоҷик Зайниддин Муҳиддинов 15 – уми январи соли 1950 дар деҳаи Саройи ноҳияи Файзобод ба дунё омадааст. Аз овони мактабхонӣ ба касби журналистӣ дил баста буд ва ба эҷод мекард. Баъд аз хатми донишгоҳ ҳаёту фаъолияти худро ба пешаи журналистӣ бахшид. Фаъолияти ӯ воқеъбинона буда, ҳамеша барои инъикоси ҳақиқат ва тантанаи адолат кӯшиш мекард. Хислатҳои неки инсонӣ, касшир месохт, ки аз воқеияти рӯзгору зиндагии миллӣ бармеомад. Вай дар робита бо масъалаҳои муҳимтарини сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва соири мушкилоти мардумӣ гузоришу мусоҳибаҳо ва матолибу мақолаҳои ҷолиби публитсистӣ интишор медод.

Мубориза бо неруҳои тахрибкор, мутаассиб ва ни наҳзатӣ бо супориши бевоситаи саркардаи хунхору худхоҳашон содир шудааст.

Бо қатли ин журналисти варзида ва миллатдӯст қотилони хиёнаткори наҳзатӣ мехостанд, ки тарсу ҳаросро дар ҷомеа, хусусан, дар байни зиёён ҷой кунанд ва мардумро тахти тасаллут қарор бидиҳанд. Вале хато карданд. Зеро рӯҳи бебок ва созандаи миллати тоҷик оқибат бар ҷаҳлу хурофот пирӯз гардид. Мардуми тоҷик бар ин неруи аҳриманӣ ғолиб омад. Садҳо журналисту зиёии дигари тоҷик ба майдон омаданд, корномаи Зайниддин Муҳиддиновро идома доданд ва дар муқовимат бо ифротиёни наҳзатӣ пирӯз гардиданд.

***Субҳиддин ЗИЁЕВ,***
***ходими пешбари илмии АМИТ, номзади илмҳои филология***

КӮДАКИСТОН

# Дар оғӯши "Боғчаи тиллоӣ"

Муассисаи давлатии таҳсилоти томактабии рақами 8-и шаҳри Норак гарчанде он ҳанӯз соли 1975 бунёд гардида,барои таълиму тарбияи 100 нафар тарбиятгиранда пешбинӣ шудааст,баъдтар тавассути сохтани ду бинои иловагӣ имкониятҳо барои фарогирии бештари кӯдакон фароҳам оварда шуд.

Ба иттилои мудири муассиса Фотима Тағойбекова, алҳол дар муассиса 150 нафар кӯдаки 2-7 сола дар 5 гурӯҳ ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд.

- Ба ғайр аз машғулиятҳои пурмазмуну дарсҳои иловагӣ, дар фаслҳои баҳору тобистон мо кӯдаконро барои тамошою саёҳат ба мавзеъҳои зебои табиию таърихӣ, боғи фарҳангӣ – фароғатӣ, осорхонаи таърихӣ - кишваршиносӣ, НБО-и Норак мебарем, - гуфт дар суҳбат мудири муассиса Фотима Тағойбекова.

Инчунин, барои гузаронидани машғулиятҳои варзишӣ дар дохили бинои муассиса толори зебою барҳаво мавҷуд аст.

***Аъзам БОБОЕВ,***
***рӯзноманигор***

ФАЪОЛИЯТ

# То ранҷ набарӣ...

Маҳмадӣ Ҳалимов пас аз хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 10-и ноҳияи Файзобод соли 1973 ба факултаи забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи омӯзгории Кӯлоб дохил шуда, соли 1977 онро бомуваффақият хатм кард ва бо роҳхати донишгоҳ ба кор ба ноҳияи Файзобод фиристода шуд. Шуъбаи маорифи ноҳия ӯро ба муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 27 ба ҳайси омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик ба кор фиристод.

Фаъолияти назарраси педагогии М.Ҳалимовро ба назар гирифта, соли 1982 ӯро муовини директор оид ба корҳои таълимии мактаби рақами 27 таъйин карданд, ки вай то соли 1992 дар ин вазифа фаъолият намуд. Солҳои 1993 - 1994 дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии рақамҳои 50 ва 10 дар вазифаи директор кор кард. Бояд зикр кард, ки дар давоми фаъолияти корияш шогирдони М.Ҳалимов дар олимпиадаҳои забон ва адабиёти тоҷик дар сатҳи минтақавию ҷумҳуриявӣ иштирок карда, сазовори ҷойҳои намоён гардиданд. Шогирдони Маҳмадӣ Ҳалимов имрӯзҳо дар муассисаҳои таълимии ноҳияи Файзобод ҳамчун омӯзгор кору фаъолият доранд, яъне идомабахши кори устоди арҷманди хешанд.

***Ҳоқими САФАР,***
***ноҳияи Файзобод***

**P.S.** *Кормандони ҳафтаномаи «Омӯзгор» омӯзгори собиқадор ва ҳамкори доимии нашрия Ҳоқими Сафарро ба муносибати Рӯзи матбуот табрику шодбош гуфта, ба ӯ дар фаъолияти педагогию рӯзноманигорияш барору комёбиҳо хоҳонанд.*

МИНБАРИ МУТАХАССИС

# “Методология” дастури амал аст

***Нигоштаҳои бархе аз мутахассисон оид ба Методологияи навиштани барномаву китобҳои дарсӣ водорам намуд, ки дар ин хусус фикру андешаҳои хешро иброз дорам. Зеро камина дар даврони Шӯравӣ беш аз даҳ сол мураттиби барномаи фанни адабиёт барои синфҳои 5 - 11 ва 40 сол мураттиби китоби дарсӣ будам.***

Дар ҳақиқат, аксаран барнома ва китоби дарсии як давраи ҷомеа ба давраи дигар мувофиқат ва мутобиқат нахоҳад кард ва ҳар як муаллиф новобаста аз он ки барои кадом зина китоби таълимӣ менависад, пеш аз ҳама, инро бояд дар назар дошта бошад. Иқдоми неке, ки дар солҳои аввали истиқлол аз ҷониби Вазорати маориф ва илм, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба миён омад, таҷдиду бозингарии низоми таълим ва таълифи китобҳои дарсӣ буд. Албатта, дар ҳамон солҳо иҷрои ин амал кори саҳлу осон набуд. Бо вуҷуди ин, бисёр муаллифон аз баҳри ҳаққи қаламу дигар омилҳо гузашта, ин кори мушкилу сангинро ба хотири ҷомеаро аз илму дониш баҳравар намудан ба сомон расониданд.

Дар ҳамин айём бо тақозои замон бояд барномаи фанни адабиёти тоҷик барои мактабҳои таҳсилоти умумӣ аз нав таҷдиди назар мегардид. Бо супориши Вазорати маориф ва илм чанд олими варзидаи Донишгоҳи миллӣ ба иҷрои ин амали хайр ва басо мушкил камар бастанд. Онҳо ҷавҳари асосии хазинаи фарҳангии адабиёти тоҷикро аз қадим то имрӯз дар барномаи адабиёти тоҷик барои синфҳои 5 - 11 бо тартиб ҷой доданд. Муаллифони китобҳои дарсиро даъват карда, ба навиштани он ҳидоят намуданд. Барнома муддате дар муҳокимаи умум низ қарор дошт ва тақризҳои мусбат ҳам гирифт. Баъзе муаллифон бо сабабҳои гуногун аз навиштани китоби дарсӣ даст кашиданд. Бар ивази онҳо дигар олимон асосан аз мактабҳои олӣ даъват карда шуданд. Амали хайре ба анҷом расид ва он барномаву китобҳои дарсӣ ба талаботи ҳамонвақтаи ҷомеа созгор буданд. Ва имрӯз, чунон ки муаллифони “Методология” зикр намудаанд, “муаллифон баъзе фикру афкори бегона ва матнҳои ба ғояҳои миллию худшиносӣ номутобиқро ворид сохтаанд.”Дар ҳақиқат, таҷрибаи чандсолаи таълиму тарбия собит намуд, ки бар асари саросемагӣ дар барномаи адабиёти тоҷик маводе роҳ ёфтаанд, ки қобили таълим нестанд ва хонандаро ба гумроҳӣ ва мавҳумӣ мебаранд. Барнома аз норасоиҳои ҷиддии зерин иборат аст:

1. Дар зинаи синфҳои миёна (5 – 7) шумораи ниҳоят зиёди адибон интихоб гардида, ҷой дода шудаанд, ки ин ҳам ба муаллим ҳам ба хонанда душворӣ пеш меоварад. Пас аз ҳар ду соат омӯзиши ҳаёту эҷодиёти адиби наверо пешкаши шогирд кардан чӣ ҳоҷат аст?! Китоби дарсӣ энсиклопедия нест. Дигар ин ки ҳадаф дар ин синфҳо таълими хониши ифоданоки матнҳои манзум ва мансур аст, на донистану дар ёд нигоҳ доштани садҳо адиб.

2. Дар барнома баъзе адибоне шомил гардидаанд, ки осори онҳо танҳо аз таърифу тавсифу мадҳу санои шоҳон, тамаъ ва асбоби маишату нишасти онҳо иборат аст. Ин асарҳо ба хонанда ягон ғизои маънавӣ дода наметавонанд.

3. Дар барнома ашъори адибоне низ интихоб гардидаанд, ки мавзӯи осори онҳо аз шикояту нодорӣ ва бечорагӣ, камбағалӣ ва қашшоқӣ, ноумедӣ ва яъс, тарки ёру диёр ва манзилу аёл иборат аст. Масалан, “Рафтем аз диёри ту бо дидаи пуроб,” “Андар ин даврон маҷӯ роҳат, ки кас осуда нест,” “Дил забони шиква пеши ман зи сахтӣ боз кард”, “Кавсар ҳарифи чашми тари ман намешавад” ва амсоли инҳо. Ин гуна осор ба ҳамон давра хос буд. Ҳоло асри ХХ1. Таълими ин гуна ашъор ба хонанда чӣ дода метавонад?

4. Дар барнома як зумра олимону намояндагони дину мазҳабу равияҳо шомил гардидаанд, ки осори онҳо хонандаро ба гумроҳӣ мебарад, аз илм ба дин ва аз олами воқеӣ ба мавҳумӣ кашада, метавонад аз фаҳмиши илмҳои дунявӣ ба канор барад.

5. Дар барнома аз бетаҷрибагӣ ва надонистани хусусиятҳои синнусолӣ ва дарку эҳсоси дараҷаи фаҳмиши равоншиносӣ бисёр маводе шомил гардидаанд, ки дар ҳамин зина таълим додани онҳо ҷоиз нест.

6. Китобҳои дарсии синфҳои 8, 10, 11 аз ҷиҳати методологӣ ва педагогиву равоншиносӣ, услубу тарзи баён, суолу супоришот, хусусиятҳои синнусолии хонандагон мутлақо ҷавобгӯйи ҷомеаи имрӯз нестанд ва ба таҳриру сайқали методистони таҷрибадидаву эҷодкор ниёзманданд.

Муаллифони “Методология” дуруст зикр кардаанд, ки “барномаи ҳар як фан ин санади меъёрии таълимиест, ки дар он доираи донишҳои бунёдӣ, малака, қобилият, салоҳият ва маҳоратҳои мушаххас инъикос ёфта, ба ташаккули салоҳиятҳои зарурӣ равона шудаанд ва онҳо бояд зимни омӯзиши фанни муайян аз худ карда шаванд.” Вале муаллифони мақола равшан нагуфтаанд, ки чунин барномаи намунавии ҷавобгӯ ба талаботи ҷомеаи муосир аз ҷониби кӣ ва ё киҳо мураттаб гардад? Барномаи ин ё он фанни таълимӣ аз ҷониби як кас набояд навишта шавад. Ин кори саҳл нест. Бино бар ин, чунин ҳуҷҷати муҳимме, ки ба стандарти давлатии маълумот ва дигар меъёрҳои тарбиявӣ – ахлоқӣ мутобиқ бошад, бояд аз ҷониби ҳайати салоҳиятнок, мутахассисони касбӣ, методистони таҷрибаноку эҷодкори мактабҳо навишта шавад. Дар ин бобат аз гузашта, аз даврони Шӯравӣ таҷриба ҳаст. Ягон барнома аз ҷойи хушку холӣ таълиф нахоҳад ёфт. Ин ҳайат бояд аз ду гурӯҳ иборат бошад. Гурӯҳи якум маводи синфҳои ибтидоӣ ва дуюм синфҳои 5 – 11 – ро фарогир бошад. Ин гурӯҳҳо бояд чунин амал намоянд:

* Маводи сарагардида ва пешниҳодшударо, барои ҳар як синф ҳаматарафа ва пухта санҷида, ба барнома ворид созанд;

* кӯшиш ба харҷ дода шавад, ки маводи дар як синф интихобгардида дар дигар синф такрор нашавад;

* маводи интихобгардида, чи аз ҷиҳати равонӣ ва чи аз ҷиҳати тарбиявӣ, ба синну соли хонандагон мувофиқ ва мутобиқ бошад ва манфиатҳои миллату давлату кишварро мунъакис намояд.



Дар ин бобат дар замони Шӯравӣ чунин анъана ва расме буд: ҳини мураттаб намудани барномаи фан ҳар як маводи интихобгардида дар синфҳои 5 – 7 аз тарафи дабири гурӯҳи корӣ ифоданок хонда мешуд, дигарон бодиққат гӯш мекарданд ва сониян, андеша ва фикру хулосаи хешро баён мекарданд. Ҳайат саъю кӯшиш мекард, ки маводеро сара ва интихоб намояд, ки ҷанбаҳои тарбиявӣ – ахлоқӣ, маърифатӣ ва ватандӯстиро фароҳам оварда бошад ва аз сода ба мураккаб низом ёбад.

Як нуктаро ёдовар мешавам, солҳои 80 - ум устоди зиндаёд, профессор Холиқ Мирзозода, ки ба ҳайати таҳиягарони барномаи адабиёти тоҷик барои синфҳои 5 - 11 роҳбар буду камина дабир, ҳар як матни барои адабиёти синфҳои 5 -7 интихобнамударо таъкид мекард, ки хонем. Ӯ бо сабру таҳаммул ва иродаи қавӣ соатҳо нишаста гӯш мекард ва андешаҳои хешро мегуфт ва дигаронро низ ба он водор мекард. Баъзан оид ба як ибора ва ифода баҳсҳо тӯл мекашид, ки баъд ба барнома роҳ ёбад. Натиҷаи ҳамин масъулиятшиносӣ, нуктапардозӣ, бурдборӣ ва заҳматҳо буд, ки барнома ва китобҳои дарсии солҳои охирини даврони Шӯравӣ хеле беҳтар гардида буданд. Бар замми ин, дар фарҷоми барномаи ҳар як синф меъёрҳои ҳаҷми донишу фаҳмиш, малакаву маҳорат муайян ва музайян гардида буданд, ки имрӯз бархе онро таълими салоҳиятнок ном мебаранд. Албатта, ин меъёрҳо ихтирои мо набуда, аз дастуру низомномаҳои пешниҳодкардаи Россия мураттаб мегардиданд.

Бисёр нуктаҳои мақолаи профессорон Нуриддин Саид ва Хуршед Зиёӣ, ки ҳарфу дар ҷодаи маорифи кишвар таҷрибаи зиёд ҳосил намуданд, қобили қабул аст. Методологияе, ки онҳо барои навиштани китобҳои дарсӣ пешниҳод намудаанд, бояд барои ҳар як муаллиф ва мураттиб дастури амал гардад. Қаблан ҳам андешаҳои профессор Нуриддини Саид ва директори собиқи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф профессор Ш.Исрофилниё дар боби китобҳои дарсӣ мунташир гардида буд. Дарвоқеъ, фикру андешаҳои онон қобили қабул буданд, вале дар амал барнома ва китобҳои дарсӣ дар шакли пешина боқӣ монданд. Баъзе роҳбарон ва масъулони риштаи маориф бар он андешаанд, ки китоби дарсӣ бояд аз тарафи олимони маъруф навишта шавад.

Агар китоби дарсӣ аз ҷониби чунин ашхоси хирадманд таълиф гардад, албатта, ба манфиати ҷомеа аст. Вале ба шарте ки ин ашхос умре дар кунҷи ҳуҷраи корӣ нанишаста бошанд, мактаби миёнаро хуб донанд, психологияи хонанда, дараҷаҳои таълими ҳар як зинаи таҳсилро дарк намоянд. Вақте ки методист ва омӯзгори таҷрибадидаю эҷодкор ба таълифи китоби дарсӣ шурӯъ менамояд, ӯ хешро бояд чунон тасаввур кунад, ки дар паси мизи ҳамон синф ба ҳайси хонанда нишастааст ва ин маводе, ки ӯ мувофиқи барнома пешкаш менамояд, ба хонанда чӣ таассуроте мебахшад ва аз кадом ҷиҳат ба ӯ ғизои маънавӣ ва ё фарҳангӣ эҳдо хоҳад кард. Ногуфта намонад, ки на ҳар методист ва омӯзгори таҷрибанок ва собиқадор аз уҳдаи мураттабсозӣ ё таълифи китоби дарсӣ баромада метавонад. Дар ҷумҳурии мо аҳёнан методистону омӯзгорону мураббиёне кору фаъолият мекунанд, ки омӯзанда ва пажӯҳанда, эҷодкоранд. Андешаҳои онон қобили таваҷҷуҳанд. Маҳз онҳоро бояд даъват намуду дар паҳлуи олиме нишонд.

Дар хусуси он ки китоби дарсӣ барои кӣ навишта мешавад, нигошта ва андешаҳои директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илм Ш. Ёрмуҳаммадов низ ҷолиби диққат аст. Вале муаллиф саволгузорӣ карда, ба саволи хеш мушаххас посух надодааст. Ба андешаи ӯ, “китоби дарсӣ ҳам барои омӯзгор ва ҳам барои хонанда таълиф мегардад.” Бисёриҳо бар ин ақидаанд, ки гӯё китоби дарсӣ барои омӯзгор навишта мешавад. Дар ҳақиқат, китобҳои дарсии адабиёти тоҷик барои синфҳои 8, 10, 11 барои омӯзгорону пажӯҳандагон таълиф гардидааст. Хонанда аз таҳлили асарҳои адибони классик ва муосир иншо ва ҳатто эссе навишта наметавонад. Ҷанбаҳои методии ин китобҳо фалаҷ аст. Суолу супоришоте, ки баъди ҳар як боб оварда шудаанд, аз фаҳми хонанда дур асту дасти методист надида. Дар ин китобҳо бисёр масоили илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ки барои хонанда мутлақо зарурат надоранд. Дигар ин ки забону тарзи баёни ин китобҳо мушкил мондааст. Ё ин ки баҳсҳои илмии ҳалношудаи олимон дар китоби дарсӣ ба хонанда чӣ лозим аст? Масалан, “нобино будан ва ё набудани устод Рудакӣ,” “феъли зишт доштани Дақиқӣ,” “чанд таҳрири “Шоҳнома” ва амсоли он. Чунин нигоштаҳои бемаврид ва беҷо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки олимони варзидаи мо аз методологияи таълифи китоби дарсӣ огаҳ нестанд. Дараҷаи дарку фаҳмиши хонанда ва хусусиятҳои синнусолии онҳоро ба инобат намегиранд, аз муҳити синфу мактаб фарсахҳо дуранд. Академик – олими бузурги соҳаи маорифи Россия Юрий Константинович Бабанский дар нақлиёте, ки ӯро бояд ба мактаби миёна мебурд, ҷон дод. Профессор Шарифҷон Ҳусейнзода болои китоби дарсии “Адабиёти тоҷик” (барои синфи 8) чил сол заҳмат кашид. Ба семинарҳо, маҷлисҳои машваратии омӯзгорон, конфронсҳои ҷумҳуриявӣ, ба дарсҳои омӯзгорони макотиби миёна ва шогирдонаш фаъолона ширкат меварзид, мушоҳида мекард, фикру андешаҳои омӯзгорони собиқадорро навишта, китоби таълифнамудаи хешро суфта ва сайқал медод.

Аз таҷрибаи олимони методисти ҷаҳонӣ ва маорифпарварони бузург чунин бармеояд, ки китоби дарсӣ танҳо барои хонанда мураттаб ва таълиф мегардад. Барои кадом тоифаи хонанда? Мусаллам аст, ки дар ҳар як синф се намуди хонанда таҳсил менамояд:

* хонандаи аълохон ва пешқадам;

* хонандаи миёнахон;

*хонандаи сустхон.

Мутахассисони соҳаи педагогика ва равоншиносӣ бар он хулоса омадаанд, ки китоби дарсӣ барои талабаи миёнахон навишта шавад. Чаро? Барои он ки агар китоби дарсӣ барои хонандаи аълохон навишта шавад, барои дигарон мушкилӣ пеш меоварад, хусусан, сустхонҳо аз он китоб бебаҳра мемонанд. Агар барои сустхон навишта шавад, барои аълохонҳо тамоман шавқангезу мароқовар нест. Дар солҳои 80 – ум баъзе кормандони соҳаи маорифи ҷумҳурӣ ҳатто баъзе омӯзгорони таҷрибадида пешниҳод карда буданд, ки аз ҳар як синф талабаҳои сустхонро рӯйхат карда, барои онҳо синфҳои алоҳида ташкил бидиҳанд ва китобҳои дарсии алоҳида мувофиқ ба фаҳмишу дониши онҳо бинвисанд. Хушбахтона, ин пешниҳод дастгирӣ наёфт.

Хулоса, китоби дарсӣ дар дасти омӯзгор ба ҳайси дастури таълимию тарбиявие бошад, ки шогирдонро зина ба зина ба сӯи қуллаҳои илму дониш ҳидоят намояд.

***Хоҷа Қурбон ТОҲИРӢ***
***доктори илмҳои педагогӣ, профессор***

**Бонувони волейболбози Вазорати корҳои дохилӣ соҳиби «Ҷоми Раиси шаҳри Душанбе» гардиданд.**

*Носипосӣ ба гузаштагон нишони нахусти бадахлоқист.*
*А.С.Пушкин*

«Омӯзгор» № 10, 11 марти соли 2021

АФКОР

# Истилоҳоти забоншиносӣ дар дастурҳои таълимӣ

**(Охираш. Аввалаш дар шумораи гузашта)**

Ифодаю иборахои фразеологии барои истифода дар дарсҳо интихобшуда бояд дар нутқ серистеъмол буда, ҳамзамон, барои хонандагон навигарие пешниҳод намоянд ва дорои тобиши равшани муассирият бошанд». (саҳ. 169, 170, 171) Методисти намоён, профессор М. Т. Баранов дар «Методика лексики и фразеологии на уроках русского языка» (М.,1980) чунин таъкид кардааст: «Зарбулмасалу мақолҳо ба гурӯҳи фразеологизмҳо дохил карда намешаванд». (саҳ.104-105).

Ва ё дар барномаи таълим ва китобҳои дарсии (асосан дар) синфҳои 9, 11 ифодаҳои «воҳидҳои хулосакунанда», « воҳидҳои туфайлӣ» ба таври фаровон истифода шудаанд, ки саҳеҳ намебошад. Дар ин китобҳо бояд ба ҷойи иборахои мазкур мафҳумҳои «калима», «ибора» ва «ҷумлаҳои туфайлӣ» корбаст гарданд.

Сониян, дар баъзе китобҳои дарсӣ (масалан, дар китоби «Забони тоҷикӣ» барои синфи 9) муаллифон истилоҳоте «сохтаанд»-у мавриди истифода қарор додаанд, ки ба андешаи мо, сунъисохт буда, ғайримаъмулианд ва нозукиҳои истилоҳро фаро намегиранд. Дуруст аст, ки баъзан аз рӯйи зарурат бар асоси қоидаҳои истилоҳнигорӣ вожаҳое ба сифати истилоҳ интихоб карда мешаванд, ки бо мазмуну маънии мафҳум сад дар сад мувофиқат карданашон муҳим нест.

Чунонки ишора кардем, бо назардошти ин ки дар забон чунин истилоҳот қаблан мавриди истифода қарор доштанду ба хонандагон фаҳмою дастрасанд ва имрӯз низ аз онҳо истифода бурдан мумкин аст, ин истилоҳоти «ихтироъкарда» - и муаллифон қобили қабул нестанд. Чанде аз онҳоро дар зер зикр мекунем: ҷумлаи мураккаби тобеи мукаррарӣ, фармудаи бузургон (саҳ. 4,7), воҳиди томи наҳвӣ (саҳ. 105), банди наҳвӣ (саҳ.105), воҳиди мукаммалтари нутқ (саҳ.21), «Ҳиссаи… сарҷумла буда, ҳиссаи … пайрав аст (саҳ.21), (ба ҳайати ҷумлаи мураккаби (саҳ.21), ҷумлаҳои содаи ҳайати ҷумлаи мураккаби пайваст (саҳ.33), ба ҳайати сарҷумла, ба ҳайати ҷумлаи пайрав дохил мешавад (саҳ.32), аломатҳои китобат чӣ саҳм дорад? (саҳ.30), саҳму вазифаи калимаи ҳамнисбат (саҳ.34) …

Ба истилоҳоти «навихтироъ» таваҷҷуҳ кунед: Агар истилоҳи «ҷумлаи мураккаби тобеи муқаррарӣ» - ро бипазирем, пас «ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб»-ро низ ба ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиби муқаррарӣ ва ғайримуқаррарӣ бояд номгузорӣ кард. Ё вожаи «фармуда» дар супоришҳо, ба назари мо, бори маънии дилхоҳро намекашад. Хуб мебуд, ки он ба мафҳумҳои «гуфта» ё «гуфтор» «навишта» ё «навиштор» иваз карда шавад, зеро «фармуда» пеш аз ҳама, маънои супоришро ифода мекунад. Ва ё «воҳиди томи наҳвӣ» гуфта муаллифон чиро дар назар доранд? Шояд «матн» - ро дар назар дошта бошанд. Чунин истилоҳ дар стандарти фаннӣ ва дар барномаи таълим дида намешавад. Пас, беҳтар нест, ки матн гӯем. Магар «Пайвандак ба ҳайати ҷумлаи пайрав дохил мешавад» гуфтан дуруст аст? Қаблан дар китобҳои дарсию асарҳои таҳқиқотӣ ифодаи «дар таркиби» истифода мешуд ва шинаму ба ҳама, ба хусус, ба хонандагону омӯзгорон фаҳмою дастрас буд. Дар қадами аввал зери мафҳуми «ҳайат» (ҳайати доварон) гурӯҳи одамон фаҳмида мешавад.

Севум, аз тавсияҳои носаҳеҳи муҳаррирони барномаи таълими нашри соли 2006 муаллифони китобҳои дарсӣ «илҳом» гирифта, низомро дар истифодаи истилоҳоти грамматикӣ (забоншиносӣ) риоя накардаанд ва баъзеашон бенизомиро ба баландтарин сатҳ расонидаанд (асосан дар «Забони тоҷикӣ» барои синфи 11). Аввалан, тартиби ягонаи истифодаро риоя накардаанд, ва, сониян, бо салоҳдиди худ аз муродифҳои мухталифи истилоҳот кор гирифтаанд, ки аз нигоҳи дидактикӣ комилан нодуруст аст. Ҳоло барои собит сохтани андешаҳоямон чанд намунаро аз китобҳои дарсии забони тоҷикии мактабӣ меорем. Намунаҳо нишон медиҳанд, ки муаллифони китобҳои дарсӣ аз тавсияи нодурусти ҳайати муҳаррирони



барномаи таълим ҳайрон шуда, ҳар яки онҳо тибқи завқу хоҳиши худ аз истилоҳот ва муродифоти онҳо истифода бурдаанд: овошиносӣ (фонетика-саҳ.18), ҳодисаҳои фонетикӣ (саҳ.42), таҳлили фонетикӣ (саҳ.54), овошиносӣ (фонетика–саҳ.55), наҳв (синтаксис-саҳ.119), муродиф (синоним-саҳ.134), зидмаъно (антоним-137), ҳамгуна (омоним-саҳ.139), пасванд (суффикс-саҳ.118), пешванд (префикс-саҳ.150), аломатҳои сарфӣ (саҳ.171) аз китоби «Забони тоҷикӣ» барои синфи 5; сарф (морфология-саҳ.11), наҳв (синтаксис - саҳ. 20), аломатҳои китобат (пунктуатсия), таҳлили наҳвӣ (синтаксисӣ - саҳ. 30), луғатшиносӣ (лексикология-саҳ.10) аз китоби «Забони тоҷикӣ» барои синфи 8; фонетика (савтиёт-саҳ.7), калима (луғат-саҳ.8), омоним (ҳамшакл-саҳ.8), антоним (муқобилмаъно-саҳ.9), морфология (сарф-саҳ.10), синтаксис (наҳв-саҳ.11), фонетика ва имло (саҳ.-156), морфология (саҳ.161), наҳв (163) дар «Забони тоҷикӣ» барои синфи 9; имло (орфография–саҳ.5), таҳлили фонетикӣ (овоӣ–саҳ.4), таҳлили морфологӣ (сарфӣ- саҳ.4), таҳлили синтаксисӣ (наҳвӣ- саҳ.4), фонетика (овошиносӣ- саҳ.5), талаффузи сареҳ (орфоэпия- саҳ.5), имло (орфография- саҳ.5), меъёрҳои (принсипҳои–саҳ.5), меъёрҳои сарфӣ (морфологӣ-саҳ. 5), меъёри овоӣ (фонетикӣ-саҳ.5), орфоэпия (беғалат талаффуз кардани овозҳою калимаҳо-саҳ.7), луғатшиносӣ (лексикология-саҳ.7), маъношиносӣ (семасиология-саҳ.7), садоноки «ӯ» (вови маҷҳул-саҳ.9), калимаҳо, таркибҳо, ибораю ҷумлаҳои рехта (воҳидҳои фразеологӣ - саҳ.17), омонимҳои овозӣ (омофон - саҳ.25), омонимҳои навишторӣ (омограф-саҳ.25), овозҳои наздикталаффуз (паронимҳо-саҳ.26), вариант (қарина - саҳ.29), калимаҳои ҳаммаъно (муродиф ё синонимро ёбед-саҳ. 29), антоним (саҳ.29), антонимҳо ё калимаҳои зидмаъно (саҳ. 39), антоним аз санъати тазод (контраст) чӣ фарқ дорад? (саҳ.39), фразеологизмҳо (иборахои рехта - саҳ.44), воҳидҳои фразеологӣ (саҳ. 44), морфема (ҳиссаи калимаҳо-саҳ.51), калимасозӣ (морфемика- саҳ. 51), ниимтире (дефис – саҳ.57), Чӣ гуна калимаҳоро ҳаммаъно, муродиф ва ё синоним меноманд? (саҳ. 15), муродифҳои луғавӣ аз аз вариант (қарина) чӣ фарқ доранд? (саҳ.15), қобилияти фонемагӣ (тағйир додани маънои калима саҳ.9) ва ғайраҳо. Аз китоби дарсии «Забони тоҷикӣ» барои синфи 11.

Истилоҳоти грамматикӣ чун дигар истилоҳоти соҳаи илми дигар калимаҳое мебошанд, ки мафҳуми муайянеро мушаххасу дақиқ, бидуни омехтакунӣ бо дигар мафҳумҳо ифода мекунанд. Ин гуфта ба муҳтавои истилоҳот тааллуқ дорад. Дар ҳама гуна ҳолату шароит истилоҳоти грамматикӣ талаботи хонандагони мактабро ҳангоми омӯхтани грамматика қонеъ карда метавонад. Барои худсарона иваз кардани истилоҳот ба ҳеҷ кас, бахусус, ба муаллифони китобҳои дарсию маводи дидактикӣ ва омӯзгорон ҳуқуқ дода намешавад. Истилоҳоти дар барномаҳои таълим зиккргардида бояд тавре ки ҳастанд, дар ҳамон шакл ба хонандагон таълим дода шаванд. Зеро гуногунии истилоҳот кори таълимро душвор сохта, хонандагонро ба раҳгумӣ мебарад. Яъне агар хонандагон истилоҳоти фанниро хуб дарк ва аз худ накунанд, асосҳои назариявӣ ва муҳтавои илмии фанҳои таълимро ба таври лозима фаро гирифта наметавонанд. Бинобар ин, дар мактаби миёна на танҳо ба таълими истилоҳоти грамматикӣ, балки ба таълими тамоми истилоҳоти фанҳои дигар низ таваҷҷуҳи махсус додани омӯзгорон шарт ва зарур аст. Агар ин кор зимни тадриси фанни география ба таври дуруст ба роҳ монда шавад, итминони комил дорем, ки бисёр масъалаҳои душвори таълими забон – дурусту беғалат талаффуз кардану навиштан ва задагузории бамавқеъ дар калимаю истилоҳҳо, дурустнависии исмҳои хосу номҳои географӣ ғайраҳо ҳалли худро меёбанд. Ба ифодаи дигар, то чи андоза ба фанни таълим шавқу ҳавас пайдо кардани хонанда сарогоз ба сатҳи дарки мафҳумҳои илмии фан, тарзи баёни омӯзгор ва забони ӯ марбут аст.

Дар китобҳои дарсии «Забони тоҷикӣ»-и мактабӣ ягонагии истилоҳоти забоншиносӣ риоя намешавад. Дар ҳар китоб ҳар хел аст. Баъзе муаллифон аз ду - се ва ҳатто чаҳор муродифи як истилоҳ кор гирифтаанд. Бояд донист ва ба назар гирифт, ки мактаби миёна аз мактаби олӣ ба куллӣ фарқ дорад. Бинобар ин, ба инобат гирифтани хусусиятҳои синнусолӣ ва талаботи психологиву дидактикӣ амри зарурист.

Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки ҳар чи зудтар ба гуногунии истифодаи истилоҳот дар китобҳои дарсии мактабӣ хотима бахшему яксонии истилоҳотро дар маҷмӯъ дар маводи таълим таъмин намоем.

*Саидамир АМИНОВ,*
*забоншинос*

ОСОРИ ҒАНОВАТМАНД

## Гаҳвораи илм ва маърифат

Тибқи ахбори илмӣ ва сарчашмаҳои мўътамад, тӯли 200-300 соли охир ҳазорҳо китобу рисола, дастнависҳо ва осори хаттии бузургони Шарқ, хоса, аҳли адабу фарҳанг ба Аврупои мутамаддин ва ИМА-и дурдаст бурда шудаанд ва то кунун мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор доранд. Чунончи, маорифпарвари машҳури Фаронса Дени Дидро (1713-1784) тамоми умр ҳикмату афкори баланди инсондӯстонаи бузургони Шарқ, махсусан, осори беназири Саъдии Шерозиро омӯхтаву ба кор мебурдааст.

"Панду андарзи Саъдии суханвар барои фаронсавиҳо мактаби бузурги одамият ва ахлоқ ба шумор меравад", - андеша дошт энсиклопедисти маърифатпарвар Д. Дидро.

Ба ин маънӣ, пайдо шудани дастнависҳои шарқӣ ҳанӯз дар охирҳои асри XV11 дар як қатор китобхонаҳои давлатҳои Аврупо – Лондон, Париж, Оксфорд, Вена, Берлин, Лейдан аз вусъат доштани робитаҳои байналмилалии халқҳо ва маданияту адабиёти тоҷик ва ба забонҳои олам ва халқҳои Аврупо тарҷума шудани осори Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Низомии Ганҷавӣ, Умари Хайём, Ҷалолиддини Румӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Абдураҳмони Ҷомӣ далолат мекунад.

Ба афкору андешаи мардуми Шарқ, хоса ҳикмату ирфони бузургони фарҳангу назми форсу тоҷик таваҷҷуҳи беандоза доштани аҳли илму ҳикмати Ғарб ва сипосгузории эшон дар даҳҳо, садҳо сарчашмаи баэътибори илмӣ хеле бамавқеъ зикр шудааст. Чунончи, олими асри Х1Х-и Россия В.Ф.Корша навишта буд: "Маълум аст, ки инсоният дар назди халқҳои Шарқ хеле зиёд сипосгузор мебошад, чунки маҳз ҳамин халқҳо қадами душвори нахустро дар роҳи омӯзиши илм ва маърифат гузоштаанд. Шарқ сароmadi маърифату дониш ва адабиёти аврупоиён боқӣ мемонад".

Андешаи барҳақи академик Б.Ғафуров ин маъниро хеле саҳеҳу барҷаста ҷамъбаст менамояд:, "... Беҳтарин комёбиҳои маданияти маънавӣ ва моддии Осиёи Марказӣ дар ғарб васеъ интишор ёфтааст".("Тоҷикон", китоби якум.)

Афкори волои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин мавзӯъ – пайванди Шарқ ва Ғарб, инчунин, хидмати бузургони форсу тоҷик ва аҳли хираду маърифати Аҷам ниҳоят ҷолиб мебошад: "Муддати тӯлонӣ чунин ақида вуҷуд дошт, ки Шарқу Ғарб ба мисоли ду қутби мухталифанд ва ҳеҷ гоҳ ба ҳам наздик намешаванд. Вале асри ҷаҳонишавии мо ин ақидаро рад намуд. Ба шарқию ғарбӣ тақсим намудани тамаддуни башарӣ фақат шартӣ аст".

***Шаҳноза ВОСИДОВА,***
***омӯзгори забон ва адабиёти мактаби №80-и ноҳияи Сино***

ВАСФИЯ

## Ёди модар

***Акси ту пеши дидаам***
***Бошад ҳамеша, модарам.***
***Рафтӣ зи дунё, эй дарег,***
***Сӯзад тамоми пайкарам.***
***Ҳини сафарҳоям маро***
***Доим ту медодӣ дуо:***
***Дур аз хатар бошӣ мудом,***
***Бошад вуҷудат бебало.***
***Бо рафтани ту, модарам,***
***Холӣ шуда бому дарам.***
***Бе ту ҷаҳонам тор шуд,***
***Бишкаст болу ҳам парам.***
***Акнун ба лаб дорам дуо:***
***Ҷон модаро, ёрат Худо!***

***Ҷаҳонгир БЕГОВ,***
***омӯзгори физикаи мактаби №41-и ба номи С.Атобуллоои шаҳри Панҷакент***

**Дар шаҳри Душанбе бахшида ба Рӯзи модар таҳти унвони «Зан-модар - пайвандгари имрӯзу фардо» ҳамоиш баргузор гардид.**

РОБИТА

# Озмунҳои «Омӯзгор»

***Кормандони ҳафтанома баҳри ҷолибу хонданӣ ва рангину шавқовар гардидани мазмуну мундариҷаи нашрия, дар сатҳи баланд ва созгор ба талаби замон таълиф ёфтани мақолаю матолиб дар саҳифаҳои он кӯшиш ба харҷ дода, дар ин самт аз иқдому навовариҳо ва роҳу шеваҳои ҷадиди эҷодӣ истифода мекунанд.***

Эълони озмунҳои мухталиф бо мақсади иштироки устодону омӯзгорон дар иншои мақолаҳои таҳлилию таҳқиқӣ вобаста ба фанҳои таълимӣ аз ҳамин гуна иқдомоти шоиставу судманд ва муассир ба шумор меравад. Ҳайати таҳририяи нашрия шурӯъ аз соли 2013 баргузории озмунҳоро нахуст бо номҳои «Тафсири (ду ғазал) аз Ҳофизи Шерозӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ» эълон кард. Таҳлилу тафсири ғазалҳои пешниҳодшудаи ду шоири бузург, яке намояндаи адабиёти классикӣ ва дигаре муосири тоҷик аз ҷониби устодону омӯзгорони таълимгоҳҳои шаҳру навоҳӣ, коллеҷу литсей ва мактабҳои олии кишвар як сол идома ёфт. Ғолибон бо ифтихорномаи нашрияи «Омӯзгор» ва мукофотҳои пулӣ қадрдонӣ шуданд. Баъдан, соли 2014 нашрия озмуни дигареро бо номи «Тафсири ғазали Сайидои Насафӣ» эълон намуд, ки тӯли як сол идома ёфта, дар арафаи ҷашни Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъбаст гардид. Дар озмунҳои зикршуда омӯзгорон Мирзо Одина (ноҳияи Дӯстӣ), Т.Саидзода (ш.Душанбе) Содиқ Ашӯров (ноҳияи Мастчоҳ), Саидаҳмад Набиев (ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ), Абдусамад Қурбонов (ноҳияи Муъминобод), Умарбек Шарифов (ноҳияи Айнӣ), Нуралӣ Нурзод ДДХ Хуҷанд ва бисёр дигарон фаъолона иштирок карданд. Соли 2016 нашрия озмуни навбатиро ба ифтихори 25-солагии Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монд, ки дар ин озмун омӯзгорону устодон бо иншои мақолаю лавҳа ва очерку матолиби фарогир, ки дар онҳо масоили рушду пешрафти кишвар дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ, аз ҷумла, маориф ва илм, дастоварду муваффақияти муассисаҳои таълимӣ тайи ин солҳо, фаъолияти босамару навҷӯёнаи омӯзгорон, бунёди биноҳои нави таълимгоҳҳо, қабули барномаҳои давлатӣ дар соҳаи маориф иштирок карданд. Ба нашрия мақолаҳои бешуморе вобаста ба озмун ворид гардиданд, ки беҳтарину пурмуҳтавотаринашон дар саҳифаҳои ҳафтанома ба табъ расиданд. Дар соли 2017 нашрия ду озмун эълон намуд, ки яке «Ваҳдат-ифтихори миллат» ва дигаре «Наврӯзи гулрези Ватан» унвонгузорӣ шуда буд. Бояд қайд кард, ки дар ин озмун низ омӯзгорон мақолаю матолиби зиёде навишта, васфу ситоиши ҷашни қадимии халқи тоҷик-Наврӯз ва эҳёи онро дар солҳои соҳибистиқлолӣ мавриди таҳлил ва тасвир қарор доданд. Дар озмун ҳамбаста ба тасвиру тавсифи Наврӯзи хуҷастапай, ҳамчунин, пешрафти Тоҷикистон тайи солҳои соҳибистиқлолӣ ва иқдоми ҳукумат ва давлат дар масъалаи эҳёи анъанаҳои миллӣ, арзишҳои фарҳангӣ ва ба роҳ мондани таҷлили иду ҷашнҳои суннатии ниёгонамон дар замони муосир аз ҷониби омӯзгорон дар сатҳи баланд баҳогузорӣ гардид. Ғолибони озмун бо мукофоти пулӣ, Ифтихорномаи нашрияи «Омӯзгор» дар таълимгоҳ ва раёсату шуъбаҳои маориф бо тантана қадрдонӣ карда шуданд.




Солҳои 2018-2019 низ нашрия бо мақсади тарғиби таҷрибаи омӯзгорон ва ба таври густурда ба роҳ мондани муаррифии шаклҳои наву судманди роҳу усул ва шеваҳои таълимию методӣ бо номи «Шеваи тадрис» ва дар робита ба рушди соҳаи варзиш таҳти унвони «Варзиш - муаррифии миллат» озмунҳо эълон намуд, ки аз ҷониби омӯзгорону устодон ва алоқамандони соҳа бо рӯҳияи баланд, гарму ҷӯшон пазируфта шуданд. Ҳамчунин, ба ифтихори 140-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон, бунёдгузори адабиёти муосири тоҷик, устод Садриддин Айнӣ зери унвони «Таърих гувоҳ аст» озмун эълон гардид, ки навиштаҳои зиёде дар ин замина арзи ҳастӣ карданд. Соли 2020 бошад, нашрия ду озмуни дигарро бо номҳои «Омӯзгори деҳот» ва «Бистсолаи омӯзиши илмҳои дақиқ, табиӣ ва риёзӣ» эълон намуд. Озмуни «Омӯзгори деҳот» яке аз озмунҳое маҳсуб меёфт, ки дар он теъдоди ниҳоят зиёде омӯзгорон, устодони макотиби олӣ, рӯзноманигорон иштирок карда, беҳтарину ҷолибтарин лавҳаю очерк ва мақолаҳоро пешниҳод намуданд, ки он навиштаҳо ҳамагӣ чоп ва ба дасти хонандагон расиданд. Озмун дар арафаи соли нав ҷамъбаст гардид ва ғолибон Ҳакималӣ Назаралӣ, омӯзгор аз ноҳияи Ҳисор сазовори ҷойи аввал, донишҷӯи коллеҷи санъати шаҳри Душанбе ба номи А. Бобоқулов Меҳрубон Ғафуров ҷойи дуюм ва рӯзноманигор Амир Сайид Мунқӣ аз ноҳияи Ховалинг ҷойи сеюмро соҳиб ва бо ифтихорномаю мукофоти пулӣ қадрдонӣ шуданд. Бояд хотиррасон намуд, ки озмунҳои мазкур аз ҷониби ҳайати таҳририя ва кормандони эҷодии нашрияи «Омӯзгор» дар ҳамкорӣ бо донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳурӣ эълон ва ба роҳ монда шуда, ин иқдом барои минбаъд низ идома хоҳад ёфт.

Айни ҳол, нашрия якҷо бо садорати Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода озмуни дигареро таҳти унвони «Улуғзода вафодори ватан буд» эълон намудааст, ки дар арафаи ҷашни Истиқлоли кишвар ҷамъбаст хоҳад шуд. Дар маҷмӯъ, бояд гуфт, ки озмунҳои баргузорнамудаи нашрияи «Омӯзгор» робитаю ҳамкории хонандагони нашрия ва устодону омӯзгоронро бо ҳафтанома мустаҳкам намуда, баҳри пурмуҳтаво, рангину ҷаззоб гардидани матолиби он таъсири файзбахш хоҳад расонид.

***Шодӣ РАҶАБЗОД,***
***«Омӯзгор»***

# Агар дар ҷаҳон набвад "Омӯзгор"...

***Тағйироти шаклӣ ва пурмазмун шудани муҳтавои ҳафтанома сол то сол боиси боз ҳам баланд гардидани мавқею нуфузи «Омӯзгор» мегардад. Соли 1991 теъдоди чопи нашрия ба 48 000 нусха расид, ки ин нишондоди хуб ва боиси ифтихори аҳли қалами нашрия маҳсуб меёфт.***

Бояд гуфт, ки нашрияи хонданиву маҳбуби мо, омӯзгорон, аз соли таъсиси худ то давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон ҳамчун оинаи маорифу фарҳанги кишвар хизматҳои арзандаву шоиста ба анҷом расонидааст.

Дар кори ба чоп омода намудану пешниҳоди хонандагону муштариён гардонидани нашрия, сармуҳаррирони собиқи он чун Саид Носиров, Баҳром Сирус, Абдураҳмон Бухоризода, Қосим Ҳакимзода, Нуриддин Пирумқулов, Фазлиддин Муҳаммадиев, Бобо Худойдодов, Абдураҳмон Аҳмадов, Музаффар Олимов, Бӯринисо Бердиева, Бобо Насриддинов, Самиюлло Сайфуллоев (рӯҳи ҳамаашон шод бод!), М. Бобошоев ва феълан Ноилшоҳ Нурализода арзанда кардаанд. Ҳамзамон, рӯзноманигорони маъруфи ҷумҳурӣ ва собиқадорони матбуоти тоҷику нашрияи мазкур, аз қабили Мурод Боғиров, Б. Муҳаммадалиев, Қ. Маҳмудов, А. Расулов, Мазҳабшоҳ Муҳаббатшоев, Мансурхон Яҳёев, О.Қаҳҳорова, Раҷабалӣ Имомов, Доро Дӯстов, Абдулҳаким Шукуров, Наҷмиддин Азизов, Ҷамол Абдулҳаев, Саидаҳмад Қаландаров, Ҳикмат Раҳмат, Бобо Расулзода, Ойхонум Ҷабборова, Мавлуда Кенҷаева, Ғуломҳайдар Муродалиев, Марямбонуи Фарғонӣ, Муҳаммадшарифи Рустам, Темур Атахонов, Сайёд Ғаффор, Мирзо Боқӣ, Самандари Искандар, Абдурауф Муродӣ, Маҳмадшариф Бобошоев, Ноилшоҳ Нурализода, Эҳсони Хушвахт, Шодӣ Раҷабзод, Саида Набиева, Ҳотами Ҳомид, Насриддин Охунзода, Нуъмон Раҷабзода ва дигарон бо навиштаҳои худ дар баррасию ҳалли бисёр мушкилоти соҳаҳои маориф ва илм саҳмгузорӣ кардаанду карда истодаанд.

Тавре ки ба ман нависандаву рӯзноманигори маъруф, устод Ибод Файзулло нақл мекарданд, маҳз нашрияи "Омӯзгор" барои бисёр адибони шинохтаи ҷумҳурӣ мактаби сайқали маҳорати эҷодӣ ба ҳисоб мерафтааст. Зеро дар даргоҳи муқаддаси он, аз ҷумла, нависандагони шинохтаву баркамоли тоҷик Болта Ортиқов, Фазлиддин Муҳаммадиев, Бобо Насриддинов, Ӯрун Кӯҳзод, Ҷумъа Одина, Мутеулло Наҷмиддинов, Фотеҳ Абдулло, Бахтиёр Муртазоев, Эҳсон Субҳонов, Абдуғаффори Партав, Назокат Олимова, шоирон Бозор Собир, Мастон Шералӣ, Ҳабибулло Файзулло, Сарвар Амирҷонов, Ҳақназар Ғоиб, Ҳикмат Раҳмат, Ҳоҷӣ Мурод, бародарон Султон ва Амонбек Шоҳзодаҳо, Раҳмат Назрӣ, Зулфия Атоӣ, Сармад, Нафасбеки Раҳмон, Сайёд Ғаффор, Мирзо Боқӣ ва дигарон кору фаъолият карда, намунаҳои эҷоди худро дар саҳифаҳои нашрия ба табъ расонидаанд. Бисёр олимон ва муҳаққиқон низ дар ин нашрияи бонуфузи кишвар ба камол расидаанд, ки аз ҷумлаи онҳо Баҳром Сирус, Абдураҳмон Бухоризода, Асадулло Саъдуллоев, Урватулло Тоиров, Бобо Худойдодов, Бӯрӣ Олимов, Облоқул Бозоров, Темур Атахонов мебошанд.

Хидматҳои шоистаи нашрияи «Омӯзгор» дар рушди соҳаи маориф ва фарҳангу илму маърифат соли 1982 бо Грамотаи фахрии Президиуми Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон ва баъдан бо Ифтихорномаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон қадр шудааст. Боиси ифтихор аст, ки соли 2019 тибқи назарсанҷии Маркази тадқиқоти сотсиологии «Зеркало» нашрияи «Омӯзгор» аз серхонандатарин нашрияҳо дониста шудаву мақоми дуюмро касб карда буд. Соли 2018 низ нашрияи мазкур тибқи назарсанҷиҳо, ки аз тарафи ин ниҳод гузаронида шудааст, дар байни дигар нашрияҳои ҷумҳурӣ ҷойи дуюмро ишғол намуд. Дастовардҳои нашрия аз он шаҳодат медиҳанд, ки воқеан ҳам таваҷҷуҳи мардум, омӯзгорону хонандагон ба рӯзномаи худ сол аз сол зиёд гардида, он мавқеи худро мунтазам вусъат мебахшад. Бар замми ин, дар арафаи Рӯзи матбуоти тоҷик-11 марти соли 2019 аз ҷониби Академияи ВАО ва Раёсати Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ҳафтаномаи «Омӯзгор» «Нашрияи сол» дониста шуд. Маротибаи дуюм аст, ки ҳафтаномаи мазкур дар сатҳи ҷумҳурӣ беҳтарин нашрия дониста мешавад. Аз ҷумла, соли 2018 низ «Омӯзгор» ҳамчун «Нашрияи соҳавии сол» пазируфта шуда буд.

Феълан дар саҳифаҳои нашрияи «Омӯзгор» ҳамаи нутқ ва суханрониҳои пурмуҳтавои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ба соҳаи маориф, роҳҳои хуби таълиму тарбия бахшида шудаанд, пайваста ба чоп мерасанд.

Инчунин, зери рубрикаҳову саҳифаҳои махсус ба монанди: «Меҳрномаи омӯзгор»,"Омӯзгорони мо", «Таҳсилоти олӣ», «Таҳсилоти касбӣ», «Мушкилоти соҳа», «Худшиносӣ», «Мавзӯи рӯз», «Методика», «Таълим», «Маориф ва замон», "Донишкадаи ғоибонаи омӯзгор", «Маърифат», «Маънавиёт», «Равзана», «Гулистони сухан», "Фарҳанги волидон", "Маслиҳати методӣ", "Китобхонаи муаллим", "Баҳс ва андеша", "Номаҳои Шумо" ва ҳоказо навиштаҳои ҷолибу хонданӣ мунтазам ба табъ мерасанд.

Ба хотири истиқболи сазовори ҷашни 30–солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳар шумораи ин нашрияи бонуфуз навиштаҳои ҷолибу хонданӣ пешниҳод мешаванд, ки меҳвари навиштаҷотро тарғибу ташвиқи бунёдкориву созандагиҳо дар кишвар фаро мегиранд.

Аҳли қалами нашрияи дӯстдоштави худро ба муносибати иди касбиашон табрик гуфта, барояшон, пеш аз ҳама, саломатии бардавом, барори кори эҷодӣ ва қалами бурро таманно менамоям.Ид муборак!

***Шоирахон ФАЙЗУЛЛОЕВА,***
***омӯзгори таърих ва ҳуқуқи мактаби №3-и шаҳри Бӯстон***

**Дар шаҳри Хоруғ бо ширкати беш аз 2 ҳазор нафар бону Рӯзи модар таҷлил шуд.**

▶ 11 МАРТ – РӮЗИ МАТБУОТИ ТОҶИК

*Бар асари ҷараёни маорифпарварӣ, инқилоби рус ва инқилобҳои Эрону Туркия дар ҳаёти иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва илмии Аморати Бухоро дигаргуниҳо ба вуқӯъ пайвастанд. Яке аз воқеаҳо ин буд, ки бо ташаббусу ибтикороти равшанфикрон Мирзо Муҳиддин ва Мирзо Сироҷ 11 марти соли 1912 ба чопи нахустин матбуоти миллии тоҷикии «Бухорои Шариф» асос гузошта шуд. Дар шумораи аввалини он, дар мақолаи «Ғояи омол» асосгузорон ҳадафи асосии худро хидмат ба тараққии маориф азёбӣ кардаанд: «Аз ҷумлаи асбоби тараққии маориф (бар ҳасби авқоти ҳолия) ҳамоно интишороти рӯзномаҷот аст, ки ахбори ҳама ҷоро ба ҳама кас медиҳад! Навъи инсониро аз тасаввуроти ҳамдигарӣ муталлеъ менамояд!... Мухтасар ин ки рӯзнома беҳтарин асбобе аст дар нашр ва таъмими маориф ва мувонисати бани навъи инсонӣ бидуни ҳоҷат бо хилта ва омезиши зоҳирӣ». (Набавӣ, А. «Бухорои шариф» сарооғози матбуоти миллии тоҷикӣ. – Душанбе, 2012. – С.150)*

# Маориф ва

Дар баррасии ҳамин мавзӯъ устод Садриддин Айнӣ дар асари машҳури «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» (Куллиёт, 2005) омили асосии ислоҳи кишварро «Ду чиз: Мактаб! Ҷарида!» медонад. Устод Айнӣ, ки яке аз хонандаҳои асосии «Бухорои шариф» низ буд, дар робита ба таъсири рӯзномаи «Бухорои шариф» ва «Тӯрон» дар асари зикршуда чунин изҳори андеша мекунад: « ... ҷаридаи «Бухорои шариф» ва «Тӯрон» дар Бухоро таъсири хуб кард. Филҷумла, инқилоби фикриву илмӣ рӯй дод. Дар мадрасаҳои кӯҳна дар байни талаба сухан аз ислоҳи макотиб ва мадорис мерафт, ғайринофеъ будани ҷадвали дарсҳои ҳозира музокира меёфт (агар рақамҳои авохири «Бухорои Шариф» - ро мутолиа карда шавад, чанд ариза ва талабнома барои ислоҳи мадорис ба имзои мутаадид аз талабагон дида мешавад) ... Баъзе мударрисин низ рағбати талабаро дида, бо вуҷуди аҳл набуданашон, дарси тафсиру ҳадис гуфтанӣ мешуданд. Ин ҳама аломати хайру асари «Бухорои шариф» ва «Тӯрон» буд».

Ҳамчунин, бар асари нахустрӯзномаи «Бухорои шариф» нашриёҳои сезабонаи Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ – «Самарқанд» - у «Оина» ва рӯзномаи ҳукуматии «Рӯзномаи моварои баҳри Хазар» рӯи чоп омаданд. Мундариҷаи ин нашрияҳо низ аслан ба масъалаҳои мактабу маориф нигаронида шуда буд ва минбаъд онҳо натанҳо барои кушодани мактабҳои усули нав, балки ҷиҳати таъсисёбии нашрияҳои «Шуълаи инқилоб», «Овози тоҷик» ва замимаҳои он мусоидат карданд. Чунончи, муҳаққиқ М. Муродӣ дар китоби «Истиқлолият ва рушди матбуоти даврӣ» (2017) навиштааст: «Ба ин мазмун метавон гуфт, ки ин нашрияҳо дар пайдоиши матбуоти соҳаи маориф ҳамчун замина хидмат кардаанд». Аз ҳамин нигоҳ муҳаққиқ М. Рустамзода низ дар китоби «Нахустматбуоти соҳаи маориф» изҳор медорад, ки «... агар ягон вақт таърихи маорифи тоҷикро пурра иншо кунанд, аввалин рӯзномаҳои тоҷикиро ҷузъи таърихии он хоҳанд ҳисобид. Яъне дар хулосабарорӣ андаке пеш рафта гуфтанием, ки «Бухорои шариф» ба як маънӣ на танҳо аввалин нашрияи тоҷикӣ – зодрӯзи матбуоти тоҷик, балки нахустнашрияи соҳаи маориф низ махсуб меёбад».

25 августи соли 1924 баъди ташкил шудани Ҷумҳурии Худмухтори Тоҷикистон рӯзномаи «Овози тоҷик» чоп гардид, ки дар оғоз «Овози тоҷики камбағал» унвон дошт. Иньикоси масъалаҳои мактабу маориф аз мавзӯъҳои марказии рӯзномаи мазкур ба ҳисоб мерафт. Тавре муҳаққиқ И. Усмонов дар китоби «Журналистика (Қисми 3)» (2008) қайд мекунад: «Яке аз хизматҳои барҷастаи газетаи «Овози тоҷик» дар ташкили маорифи тоҷик аст. Шуморае нест, ки газета дар он ақалан чаҳоряки мақолоти худро ба ин масъалаи муҳим набахшида бошад».

13 январи соли 1929 шумораи нахустини замимаи «Овози тоҷик» бо номи «Саводи меҳнат» аз чоп баромад, ки мундариҷаи он низ сирф ба масъалаҳои соҳаи маориф бахшида шуда буд. Аз ҷумла, аксари мавзӯи мақолаҳои онро мубориза ба муқобили бесаводӣ, таълими алифбои лотинӣ, оид ба мактабҳои нав ва таҷрибаи муаллимони пешқадам ташкил медод.

Бояд таъкид аст, ки махз бо фаъолияти публитсистии худ устод Садриддин Айнӣ дар рӯзномаи «Овози тоҷик» оид ба мушкилоти мактабҳои навтаъсис, ҷалби ҷавонон ба мактаб, тарбияи омӯзгорони ҷавони мактабҳои тоҷикӣ, нашри китобҳои дарсӣ, забону адабиёти тоҷикӣ масъалагузорӣ мекунад.

Дигар аз фидоиёни соҳаи маориф, муҳаррири маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» (1919) Саидризо Ализода низ баъди баста шудани маҷалла ба сифати котиби масъул дар рӯзномаи «Овози тоҷик» кор кардааст. Мавсуф низ дар инъикоси масъалаҳои мактабу маорифи тоҷикӣ саҳми шоиста гузоштааст. Ҳамчунин, фаъолияти публитсистии Қурбӣ, Азизӣ, Роҷӣ, Сухайлӣ Ҷавҳаризода ва Зеҳнӣ махз дар ҳамин рӯзнома рушду инкишоф ёфт. Муҳаққиқ А. Азимов дар китоби «Воқеияти зиндагӣ ва матбуоти тоҷик» (2000) зикр мекунад, ки «Рӯзномаи «Овози тоҷик» дар таърихи тамаддуни миллии мо ҳамчун мактаби тарбияи кадрҳои журналистӣ, ҳамчун василаи ташкил ва ташаккули матбуоти нави тоҷик шинохта шудааст».

Баъди ташкили Ҷумҳурии мухтори Шӯравии Тоҷикистон моҳи декабри соли 1924 қарор дар бораи таъсиси Назорати маорифи Тоҷикистон ба тасвиб расид ва Аббос Алиев аввалин нозири маорифи Тоҷикистон таъйин гардид. Бо сабаби он ки кадрҳои соҳаи маориф намерасиданд, Назорати маориф аз 5 марти соли 1925 ба кор шурӯъ кард. Аз рӯзҳои аввали ба фаъолият пардохтани Назорати маориф ва талошҳои нозири он Аббос Алиев яке аз масъалаҳои асосӣ ташкили нашрияҳои даврӣ буд ва ҳамин тавр 15 марти соли 1925 рӯзномаи «Иди тоҷик» аз чоп баромад. Шумораи нахустини он идона буд ва аз номаш низ маълум аст, дар рӯзҳои аввали ба кор оғоз кардани Ҳукумати Ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон интишор шуд. «Иди тоҷик» тақрибан баъди як моҳ - 5 апрели соли 1925 бо номи «Бедории тоҷик» табдили ном мекунад ва баъдан «Тоҷикистони сурх», «Тоҷикистони советӣ» ва дар даврони соҳибистиқлолӣ «Ҷумҳурият» ном гирифт. Таври муҳаққиқон И.Усмонов ва Д. Давронов дар китоби «Таърихи журналистикаи тоҷик» (2008) қайд мекунанд, «... аввалин муҳаррири «Бедории тоҷик» Аббос Алиев буд. Ин бесабаб не. Аббос Алиев ҳанӯз аз ибтидои соли 20 дар кори матбуот иштирок мекард ва таҷрибаи муайяни публитсистӣ дошт. Вай яке аз аввалин муҳаррирони «Озод Бухоро» мебошад».

Ин маъниро муҳаққиқ М. Рустамзода дар китоби «Нахустматбуоти соҳаи маориф» (2016) тақвият бахшида, бар он андеша аст, ки «Пас, вақте ки муҳаррири шумораи аввалин нозири маорифи Тоҷикистон (Аббос Алиев дар назар аст. – Н. Н.) аст, рӯзномаи тахти таҳрири ӯ чоп шуда низ нашрияи Назорати маориф бояд бошад».

Сабаби дигари муҳаррири масъул таъйин шудани Аббос Алиевро Қосим Дайламӣ, ки ба ҳайати таҳририяи «Бедории тоҷик» шомил буд, дар мақолаи «Оғози кор» («Комсомоли Тоҷикистон», 1968, 17 январ) ин тавр шарҳ медиҳад: «... соли аввал редакцияи «Бедории тоҷик» - ро аз ҷиҳати кадру воситаҳои техникӣ Комиссариати халқи маорифи Тоҷикистон идора мекард. Зеро 95 фоизи ширкаткунандагони нашри рӯзномаи мазкур коркунони масъули ин комиссариат буда, илова бар ин худи матбаа ҳам дар ихтиёри вай (Аббос Алиев дар назар аст. – Н. Н.) буд».

Мавриди зикр аст, ки дар давраҳои гуногун таҳрири рӯзномаи мазкур ба зиммаи шахсиятҳои воқеан ҳам, фидоии соҳаи маорифу фарҳанг Аббос Алиев, Алӣ Исмоилзода, Абулқосим Лоҳутӣ, Қосим Дайламӣ, Қулӣ Обидов, Муҳаммад Мусавӣ буд, ки ҷиҳати чопи рӯзнома ва омода кардани мухбирон аз ҳисоби омӯзгорон дар мактабҳо саҳми шоиста гузоштаанд. Ҳамчунин, бо ибтикори Назорати маориф соли 1925 дар техникуми омӯзгории шаҳри Душанбе курсҳои 9 – моҳаи тайёр кардани мухбирон ва кормандони матбаа ташкил мешавад. Баъди хатми ин курсҳо мутахассисон ба деҳот баргашта, дар баробари дар мактабҳои маҳви бесаводӣ дарс гуфтан, дар мавриди воқеаҳои деҳот ба идораҳои рӯзномаҳо аз ҷумла, «Бедории тоҷик» хабару мақолаҳо навишта мефиристоданд.

Бинoан, яке аз ҳадафҳои асосии рӯзномаи «Бедории тоҷик» инъикосу баррасии масъалаҳои соҳаи маориф буд ва ҷиҳати тарғибу таблиғи мактабҳои нав, омода кардани кадрҳои омӯзгорӣ, маҳви бесаводӣ ва рушду инкишоф бахшидани маорифи Тоҷикистон саҳми арзанда гузоштааст. Бояд гуфт, ки хидмати аввалин нозири маориф Аббос Алиев, ки қофиласолори ин корзор буд, мондагору таърихӣ мебошад.

Баъди як соли таъсисёбии нахустин рӯзномаи ҳукуматӣ дар худуди Тоҷикистон бо номи «Иди тоҷик» (1925) Назорати маорифи Тоҷикистон аввалин маҷаллаи сиёсӣ, иҷтимоӣ, таълимӣ ва тарбиявӣ, адабӣ, фаннӣ, илмӣ ва танқидии соҳаи маориф – «Дониш ва омӯзгор» - ро таъсис медиҳад, ки шумораи нахустини он 1 марти соли 1926 чоп мешавад. Нахустин шумораи маҷаллаи мазкур ба муносибати яксолагии Назорати маориф рӯи чоп омад ва муҳаррири он Аббос Алиев буд. Бояд гуфт, ки маҷаллаи мазкур аввалин нашрияи соҳаи маориф маҳсуб меёбад, ки дар ҳудуди Тоҷикистон чоп шуд.

Дар бораи аввалин маҷаллаи соҳаи маориф Қосим Дайламӣ дар мақолаи «Нахустин маҷаллаи педагогӣ» («Маориф ва маданият». – 1967. – 28 декабр) зикр мекунад, ки «Дар охирҳои январи соли 1926 маҷаллаи педагогии «Дониш ва омӯзгор» - органи Комиссариати маорифи халқи Тоҷикистон дар Душанбе таъсис ёфт, ки ин дар таърихи ҳаёти Тоҷикистон нахустин маҷалла ба шумор мерафт. Муҳаррири масъули он Аббос Алиев ва муовини он муаллифи ин сатрҳо буд, аммо дар нашри он гурӯҳе аз коркунони масъули газетаи «Бедории тоҷик», Комиссариати маорифи Тоҷикистон ва педагогҳои барҷаста, аз ҷумла, устод Абулқосим Лоҳутӣ, Меҳдӣ, Таҳмосов, Миртолиб Саидзода, Климчитский, Раҳимӣ, Қамбарзода, Акоп Кузнетсов, Форс, Деҳқон, Ҳайдарзода, Раҳматзода ва дигарон низ иштирок мекарданд».

Дар муроҷиатномае, ки дар шумораи аввали маҷалла бо номи «Максади мо» чоп шудааст, ҳайати таҳририя мақсаду мароми худро чунин баён кардаанд: «... маҷаллаи мо махсуси муаллимони Тоҷикистон аст. Чун дар Тоҷикистон имкони табъ кардани китобҳои лозимаро надорем, мехоҳем бо ин маҷалла ба муаллимон роҳбарӣ карда, онҳоро бо аҳволи вақт, усулҳои тоза ва роҳи таълим ва тарбия ошно намоем».

Дар шумораи нахустини маҷалла муроҷиати Раиси Ҳукумати Тоҷикистон Нусратулло Махсум ва аъзои ҳукумат бо номи «Ба тамоми ходимони маориф», мақолаи раиси Кумитаи инқилобӣ Нусратуллох Махсум «Вазифаи муаллим дар Тоҷикистон» ҷой дода шудаанд. Ҳамчунин, мақолаҳои





На аз дурӯғи ту ғамгинам, бал аз он ки дигар бовар ба ту надорам.
Нитше



# матбуот

Аббос Алиев «Иди яксолаи мо», Чинор Имомов «Иди таърихии Тоҷикистон», Раҳимӣ «Мактаби кӯҳна ва мо», Миртолиб Саидзода «Даврҳои тарбияи иҷтимоӣ» ба табъ расидаанд, ки мавзӯи онҳо аз рушд ва инкишофи соҳаи маорифи Тоҷикистон, ёрӣ ба муаллимон, мубориза бар зидди бесаводӣ, таърихи халқи тоҷик иборатанд. Тавре аз шиносномаи маҷалла маълум мегардад, он маҷмӯаи адабӣ ва илмӣ низ мебошад. Дар гӯшаи адабӣ ва илмӣ намунаи эҷодиёти адибони тоҷик ва мақолаҳои илмии олимон ҷой дода шудааст. Аз ҷумла, намунаи онҳо шеърҳои устодон Садриддин Айнӣ «Ахгари инқилоб», «Инқилоб», Абулқосим Лоҳутӣ «Сангари хунин» (аз таърихи Каммуни Порис) ва мақолаи профессор Бартолд «Тоҷикон» (дар тарҷумаи Қосим Дайламӣ) мебошанд. Минбаъд ин иқдоми нашрия идома дода, дар баробари мавзӯъҳои мактабу маориф ба мавзӯъҳои адабиву фарҳангӣ ва илмӣ низ аҳамияти хоса додааст.

Тавре дар нишонаи «Дониш ва омӯзгор» дарҷ гардидааст, маҷалла бояд аз тарафи Назорати маорифи Тоҷикистон дар ҳар понздаҳ рӯз як бор нашр мешуд, вале ин ҳадаф иҷро нашуд. Сабаби инро муҳаққиқон дар мушкилоти техникӣ медонанд. Аз ҷумла, муҳаққиқ М. Рустамзода дар китоби «Нахустматбуоти соҳаи маориф» (2016) чунин шарҳ додаст: «Воқеан, бояд гуфт, ки «Иди тоҷик» ва «Дониш ва омӯзгор» аз нахустин нашрияҳое мебошанд, ки дар худуди Тоҷикистон – шаҳри Душанбе чоп мешуданд. Аз ин рӯ, нашрияи нав ба мушкилоти гуногуни техникӣ рӯбарӯ гашт. Ҳамин тавр, «Дониш ва омӯзгор» то моҳи июли ҳамон сол (1926) чор шумора (шумораҳои се ва чор якҷоя) чоп шуду бас». Шояд дар матбуоти он давра мушкилоти фанниву техникӣ вуҷуд дошт, вале Қ. Дайламӣ дар мақолаи «Нахустин маҷаллаи педагогӣ» («Маориф ва маданият», 1967, 28 декабр) сабаби аз фаъолият бозмондани маҷалларо дигаргуна шарҳ медиҳад: «Маҷаллаи «Дониш ва омӯзгор» зиёд умр надид, зеро ба муносибати тағйироте, ки дар охирҳои соли 1926 дар кадри роҳбарикунандаи Комиссариати маорифи Тоҷикистон ба амал омада буд, аз фаъолият бозмонд, вале дар муддати зиёде хостгорони зиёде пайдо карда буд». Ба андешаи инҷониб, назари Қ. Дайламӣ низ қобили қабул аст, зеро ӯ дар ин нашрия ба ҳайси муовин фаъолият мекард ва аз рафти ҳодисаҳо бохабар буд. Тавре маълум аст, Аббос Алиев то охири соли 1926 дар вазифаи нозири маорифи Тоҷикистон кор кард ва албатта, барканор шудани ӯ аз ин вазифа ба кори маҷалла таъсири манфӣ расонид. Ва дигар ин ки Аббос Алиев асосгузори рӯзномаи «Иди тоҷик» низ буд. Оё ин нашрия мушкилоти фанниву техникӣ надошт? Албатта, дошт. Чунончи, академик Муҳаммадҷон Шакурӣ дар китоби «Фитнаи инқилоб дар Бухоро» (2010) менависад: «Дар ҳамон гувоҳнома (справка о научно – педагогической работе профессора А. А. Алиева), дар Бойгонии давлатии Тоҷикистон дар парвандаи Аббос Алиев ҳаст, ишора шудааст, ки ба сабаби ихтилофи назар бо И. А. Зеленский – котиби Дафтари осиёмиёнагии Кумитаи Марказии Ҳизби коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ охири соли 1926 Аббос Алиев ба Тошканд пас хонда шуд…. Чунонки мебинем, сабаби барканории Аббос Алиев аз Вазорати маорифи Тоҷикистон ихтилофи ӯ бо И. Зеленский будааст».

Ба ҳар ҳол, нақши «Дониш ва омӯзгор», ки асосгузори он Аббос Алев мебошад, дар мавриди ба вуҷуд омадани дигар матбуоти соҳавӣ бузург аст. Моҳи августи соли 1927 дар соли сеюми таъсиси Ҳукумати Ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон бо тавсияи Совети Комиссарони халқии Тоҷикистон кормандони Назорати маорифи Тоҷикистон дар шаҳри Самарқанд шумораи аввалини маҷаллаи илмӣ – адабӣ «Дониш – биниш» – ро дар ҳаҷми 40 саҳифа бо теъдоди 1500 нусха (минбаъд «Раҳбари дониш» ва маҷаллаи имрӯзаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон «Маърифати омӯзгор») аз чоп бароварданд. Ба ҳайати таҳририяи маҷалла Муҳаммад Мусавӣ, Муҳаммадҷон Ҳасанӣ, Нарзуллоҳ Бектош, Уйғур ва Ҷабборӣ шомил буданд.

Собит Манофзода баъди мутолиаи маҷаллаи «Дониш – биниш» 8 сентябри соли 1927 дар шумораи 172 – и рӯзномаи «Овози тоҷик» мақолаи интиқодие ба чоп мерасонад. Ин ҷо мехоҳем дар робита ба шарҳи мақолаи мазкур бештар сухан бигӯем, зеро он дар таҳқиқотҳои анҷомдодашуда камтар зикр шудааст.

Забони ин мақола сода, фаҳмо буда, арзиши баланди илмӣ дорад ва аз аввалин мақолаҳо дар мавриди нақди матбуоти давр махсуб меёбад. Дар оғози мақола С. Манофзода дар бораи мушкилоти гузаштани фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, идораҳо ва ташкилотҳои ҳизбӣ ба забони тоҷикӣ ва сабаби қатъ гардидани чопи маҷаллаи «Дониш ва омӯзгор» андешаҳояшро баён карда, сипас, бевосита камбудиҳои маҷаллаи «Дониш – биниш»–ро дар ҳафт банд, ки ба сифати чоп, таҳия, ҷобаҷогузории мақолаву расмҳо, забону мунадариҷаи мақолаҳо, сохтор ва интихоби номи маҷалла рабт дорад, таҳлилу баррасӣ менамояд. Аз ҷумла, дар банди 7 – ум омадааст: «Дар ҳар як шумораҳои маҷалла барои огоҳии муаллимони қишлоқ бояд як мақолаи машрух ва муфассал дар бораи аҳволи сиёсӣ – иқтисодӣ ва вазъияти байналмилалии ҳукуматҳои шӯрой навишта шавад ва дар пеши ин вазъиятҳо вазифаи иҷтимоии ҳар як коргар ва деҳқони меҳнаткаш ҳам бо забони сода фаҳмонида шавад, то ин ки муаллими қишлоқ битавонад нисбат ба вазъиятҳои гуногун ҳар вақт барои деҳқонон роҳбарии дуруст намояд…».

Пешниҳоди С. Манофзода дар мавриди табдили номи маҷалла ба «Раҳбари дониш» ё «Партави дониш» низ хеле мантиқӣ мебошад. Дар баробари ин, дар мақола барои чопи босифат ва тарғиби обуна пешниҳодҳои судманд манзур гардидааст, ки аз сатҳи касбияти С. Манофзода дар матбуот дарак медиҳад. Ба назари инҷониб, маҳз ҳамин мақолаи интиқодӣ сабаб мешавад, ки чопи минбаъдаи маҷаллаи мазкурро ба ҳайси котиби масъул ба ухдаи ӯ мегузоранд. Бо дархости Комиссариати маориф ва ҳайати таҳририя масъулияти тартибу таҳияи чопи минбаъдаи маҷалла ба дӯши С. Манофзода гузошта мешавад. Ҳамин тариқ, шумораи дуюми маҷалла бо номи «Раҳбари дониш» моҳи октябри соли 1927 дар ҳаҷми калон бо ороиши хубу шакли нав дар шаҳри Тошканд аз чоп мебарояд. С. Манофзода дар чопи босифати «Раҳбари дониш» ва ҳамчун пажӯҳишгари мунаққид ба масъалаҳои забону адабиёти тоҷик ва соҳаи маориф дахл карда, дар рангину мухтавоманд гардонидани мундариҷаи маҷалла саҳми шоиста мегузорад.

Ба ҳамин минвол, хидмати маҷаллаи «Раҳбари дониш» дар тарғибу инъикоси масъалаҳои маориф ва адабиёти фарҳанг дар марҳилаҳои гуногун бо роҳнамоии ҳайати эҷодӣ, аз ҷумла, устод Садриддин Айнӣ, Собит Манофзода, Муҳаммад Мусавӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Ҷалол Икромӣ, Абдусалом Деҳотӣ, Азизӣ, Туракул Зеҳнӣ, Пайрав Сулаймонӣ, С. Ҷавҳаризода ва дигарон дар таърихи матбуоти тоҷик мондагор аст.

Аз солҳои сиюми садаи XX вобаста ба талаботи замон, аз ҷумла, супоришҳои ҳизбу давлат дар назди матбуот вазифаҳои нав гузошта мешаванд. То охири солҳои бистум инъикоси соҳаҳои гуногун: маориф, илм, фарҳанг, адабиёт ва ҳатто кишоварзӣ ба зиммаи «Раҳбари дониш» (аз нимаи дуюми соли 1929) будааст ва аз соли 1932 маҷалла ба ду қисмат ҷудо мешавад: маориф ва адабиёт. Қисмати маориф бо номи «Инқилоби маданӣ» (аз ноябри соли 1930) интишор мегардид ва қисмати дувум, яъне, адабиёт «Барои адабиёти сотсиалистӣ» номгузорӣ шуд (ҳоло маҷаллаи «Садои Шарқ»). «Дониш – биниш», «Раҳбари дониш», «Инқилоби маданӣ» ва «Мактаби советӣ» номҳои собиқи маҷаллаи аҳли маорифи кишвар «Маърифати омӯзгор» мебошанд.

Бо сабаби он ки фаъолияти соҳаи маориф фарогир мешуд, соли 1932 Комиссариати халқи маорифи Тоҷикистон тасмим гирифт, ки рӯзномаи соҳавии худро таъсис диҳад ва он мунтазам чоп шаваду ахбору маълумоти зарурииро сари вақт ба аҳли маориф пешниҳод кунад ва ҳамин тавр ҳам мешавад. Бо қарори маҷлиси Шӯрои Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунист (б) – Тоҷикистон, рақами 112, аз 5 июли соли 1932 аввалин рӯзномаи соҳаи маориф - «Барои маорифи коммунистӣ» таъсис дода мешавад ва муҳаррири он Нозири маорифи халқ - Саид Носиров (1901 – 1938) таъйин мешавад.




Нақши нашрияи «Барои маорифи коммунистӣ» дар баррасиву арзёбии масъалаҳои инқилоби маданӣ – маҳви бесаводӣ, фарогирии насли наврас ва наслҳои ҷавону калонсол ба таҳсил, таълиму тарбия, таълифу чопи китобу барномаҳои таълим, таъмини муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ, усулу шеваҳои таълим, тарғибу ташвиқи таҷрибаи омӯзгорони пешқадам, баланд бардоштани савияи касбии омӯзгорон, ташаккули афкори илмиву педагогӣ, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ ва худшиносию худогоҳӣ ва амсоли инҳо хеле калон мебошад.

Бояд гуфт, ки нахустин рӯзномаи аҳли маорифи кишвар «Омӯзгор» аз оғози таъсисёбӣ ҳамқадами замон будааст ва инро ҳам дар табдили ном кардан ва ҳам дар мазмуну мундариҷаи он барьало мушоҳида кардан мумкин аст. Дар ибтидо «Барои маорифи коммунистӣ» ном дошт, ки ифодакунандаи идеологияи ҳизби коммунист буд. Соли 1938 ба таъсири забони русӣ ва «Учительская газета» тағйири ном ба «Газетаи муаллимон» кард ва мазмуну мундариҷоти он мушаххастар гардид. Аз соли 1959 бошад, нашрия номи «Маориф ва маданият» - ро гирифт, ки аз муттаҳид гардидани соҳаҳои маорифу фарҳанг дарак медиҳад. Соли 1981 боз «Газетаи муаллимон» номгузорӣ шуд, ки далели бозгашт ба рисолати таърихӣ ва касбиаш аст. Аз соли 1989 табдили ном ба «Омӯзгор» кард, ки баёнгари бедории миллӣ ва хештаншиносӣ мебошад.

Дар бархӯрди марҳилаҳои таърихӣ ва ҷараёни инкишоф ин нашрия ҳамеша инъикоси масъалаҳои муҳими мактабу маориф ва адабиёту фарҳангро ҳадафи асосии худ қарор дода, дар татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат дар соҳаи маориф, илму фарҳанг, адабиёту маънавиёт нақши бориз гузоштааст. Тавассути нашрия аҳли маорифи кишвар аз асноди ҳуқуқии соҳаи маориф ва дастурҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ ва Вазорати маориф бархӯрдор шуда, фаъолияти худро ба низом даровардаанд, таҳкиму тақвият бахшидаанд ва дар баробари ин, афкору андешаҳои худро аз тариқи нашрия оид ба бурду бохт ва проблемаҳои мавҷуда ва ислоҳи онҳо пешниҳод кардаанд.

Аз таҳлили осори донишмандон ва пажӯҳишгарони таърихи матбуоти тоҷик хулоса ин аст, ки дар сарғаҳи таъсиси аввалин матбуоти миллии тоҷикӣ маорифпарварону кормандони соҳаи маориф қарор доштанд. Ин масъаларо муҳаққиқ М. Муродов дар китоби «Истиқлолият ва рушди матбуоти даврӣ» (2017) хеле хуб шарҳ додааст: «Аввалан, мақсад ва маслаки ин соҳа (соҳаи маориф - Н.Н.), ки равшангароӣ аст, ба табиат ва аҳдофи рӯзноманигорӣ шабоҳат дорад, яъне маориф бидуни матбуот ва матбуот бе масъалаҳои маориф вуҷуд дошта наметавонад; баъдан, маорифи кишвар аз бунёдгузорони матбуоти даврии тоҷик аст, аввалин нашрияҳои даврӣ маҳз бо иқдом ва кӯшишҳои аҳли маориф рӯйи чоп омадаанд; солисан, аудиторияи нашрияҳои соҳаи маориф нисбатан зиёд буда, ағлаб рисолати маърифатҷӯйӣ ва равшангароӣ доранд».

*Ноилшоҳ НУРАЛИЗОДА,*
*«Омӯзгор»*

Дар саросари Тоҷикистон тӯли 15 рӯз маҳфилҳои идонаи «Ширу шакар» баргузор мегардад.

ОМӮЗИШ

# Бисту як соли фаъолияти серҷабҳа

**Ташкил ва баргузор намудани чорабинии тантанавии умумимактабӣ бахшида ба ҷашни бисту якумин солгарди таъсисёбии Созмони хонандагон дар муассисаи давлатии таҳсилоти ибтидоӣ ва шабонарӯзии кӯдакони нобино ва сустбини назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе барои хонандагон, омӯзгорон ва волидайн ҷолиби диққат ва хотирмон буд.**

Ҳадаф аз роҳандозии чорабинии мазкур дар мафкура ва қалби хонандагон тарбия намудани ҳисси ватандӯстӣ ва омода будан баҳри ҳифзу ҳимояи якпорчагии сарзамини муқаддаси тоҷикон маҳсуб меёбад.

Баргузории чунин чорабиниҳо дар хонандагон дарки масъулияти фардиро аз марҳилаи ба зинаи "Ахтарон"-и Созмони хонандагони Тоҷикистон ба номи Исмоили Сомонӣ дохил шуданашон бедор менамояд.

Дар баробари омода кардани барномаи махсуси ҷашнӣ, дар байни синфҳои дуюм, сеюм ва чоруми муассиса озмуни "Эҷодкорони наврас", ки бахшида ба бисту якумин солгарди таъсисёбии Созмони хонандагони Тоҷикистон ба номи Исмоили Сомонӣ ба нақша гирифта шуда буд, эълон карда шуд. Озмуни мазкур эҷод намудани ҳикояча ва ё афсонаи беҳтарин ва аз рӯи мундариҷаи матни эҷодшуда



сохтан ва ороиш додани китобчаро дар бар мегирифт, ки аз рӯи нақшаи муайян баргузорӣ карда шуд.

Хонандагонро мебоист, нақли саргузашти хеш ё саргузашти наздиконашонро пешкаш намуда, аз байни онҳо як нақли ҷолибтаринро интихоб намуда, дар бораи он ҳикоят иншо намоянд.

Ҳангоми мушоҳида аз рафти ҷараёни омодасозии китобчаҳо шоҳиди он гаштем, ки ин амал баёнгари шавқу рағбати беандозаи хонандагон гардид.

Озмун ҷамъбаст гардида, ғолибон муайян ва бо ифтихорномаҳо қадрдонӣ карда шуданд.

Дар ҷамъомад волидайне, ки дар навбати хеш замоне аъзои Созмони хонандагон буданд, фарзандони худро ба дохил шуданашон ба сафи Созмони хонандагон таҳният мегуфтанд.

Ҳамин тариқ, бо боварӣ метавон гуфт, ки дар баробари бисту якумин солгарди таъсисёбии хешро ҷашн гирифтан, Созмони хонандагони ба номи Исмоили Сомонӣ ба ҳадафҳои хеш, ки муҳимтарини онҳо дар ниҳоди мактаббачагон тарбия намудани ҳисси ватандӯстӣ ва ваҳдату ягонагии миллату якпорчагии кишвар, меҳнатдӯстӣ, дӯстиву рафоқат, ҷонибдорӣ аз сиёсати Роҳбари давлат мебошад, расида тавонист

*Ҳамида ОРИФҶОНОВА,*
*роҳбари Созмони хонандагони ба номи Исмоили Сомонии муассисаи давлатии таҳсилоти ибтидоӣ ва шабонарӯзии махсус барои кӯдакони нобино ва сустбини назди сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе*

ТАҶРИБА

# Рағбат ба омӯзиши бавусъат

**Ман ҳамчун омӯзгори ҷавон мехоҳам дарсҳоям ба таври шавқовару замонавӣ дар кабинети муҷаҳҳази таълимӣ гузаронида шаванд.**

Барои он ки хонандагон ба омӯзиши илму фан шавқу рағбат пайдо намоянд, ҷаҳонбиниашон васеъ шавад, дарсҳо фаромӯшнашаванда ва хотирмон гузаранд, омӯзгорон аз усулҳои гуногуни таълим истифода мебаранд.

Яке аз онҳо дарс - конфронс мебошад. Бо ин мақсад ба хонандагон дар мавзӯи "Асри XXI – асри информатика ва технологияи нав" дарс – конфронс гузаронидам. Оид ба ин мавзӯъ гуфтору суханрониҳо ва шеъру чистонҳоро гирд овардам ва кӯдакон онҳоро азёд карда ба дарс омода шуданд. Дарс – конфронс ба таври зайл гузаронида шуд:

*I. Дар барномаи якум дар бораи роҳи таърихии тайкардаи инсоният аз олоти сангин то ихтирооти охирини замонавӣ сухан меравад*

Тамоми давраҳое, ки инсоният аз сар гузаронидааст, бо номҳои махсус шинохта мешаванд, ки созандагӣ ва офарандагии инсонро нишон медиҳад. Масалан, асри санг даврае мебошад, ки инсон тамоми олоту таҷҳизоти муҳими рӯзгори худро аз санг сохтааст. Ба ин монанд, дигар давраҳое ҳам мавҷуд буданд, ки инсон ба ихтироъкориву навоварӣ машғул буд. Замони муосир, ки "асри техника ва технология" номида мешавад, идомаи иқдоми фаъолияти одами қадим мебошад, ки барои фароҳам омадани чунин имкониятҳои дастрас ба инсони муосир замина гузоштааст. Омӯзиш ва мукаммалсозии ихтирооту навовариҳои пешин боиси пайдоиши технологияҳои муосир гардид.

Инсон дар тамоми давраҳои мавҷудияти худ ба таҷҳизоти ҳисоббарорӣ эҳтиёҷ дошт. Ҳазорҳо сол муқаддам одамон барои эҳтиёҷоти рӯзгори худ ҳангоми ҳисоббарориҳо аз ангуштон, сангчаҳо, чӯбчаҳо, ресмонҳои гиреҳдор, тасмаҳои сӯрохдор ва ғайра истифода мебурданд.

Асбоби аввалин Абак ном дорад. Сохти асбоби ҳисоби аввалин чунин буд: Ба тахтача ё плиткаи на он қадар калон як қабат рег рехта, он бо хат ба сутунҳо ҷудо карда мешуд. Ҳар як сутуни он разрядҳои воҳид, даҳӣ, садӣ, ҳазорӣ ва ғайраро ифода менамуд. Вобаста ба адади додашуда, шумораи сангчаҳо ба разрядҳо каму зиёд мешуданд.

Асбоби дигари қадима чут ба ҳисоб меравад, ки имрӯзҳо низ дар бисёр мамлакатҳои дунё истифода мебаранд.

Ҳамин тариқ, бо заҳмату талошҳои олимону донишмандон зина ба зина таҷҳизоти нав ба нав рӯйи кор омадан гирифтанд.

Ҳоло бошад, технологияе рӯйи кор омадааст, ки ҳамаи мушкилиҳои инсонро осон менамояд.

*II. Дар баромади дуюм дар бораи аҳамияти технологияи иттилоотӣ дар ҳаёти муосир сухан меравад.*

Қобили қайд аст, ки технологияҳои иттилоотӣ дар ҳама самтҳои фаъолияти инсон васеъ истифода мешаванд. Компютер олоти асосии корӣ ба шумор рафта, меҳнати фикрии инсонро осон менамояд. Аммо набояд фаромӯш кард, ки компютерро ҳам худи инсон сохтааст ва аз он ҳам таҷҳизоти пуриқтидортар сохта метавонад.

Инсонҳои нобиға таҷҳизоти муосирро барои мо сохта пешниҳод намуданд, вале мо барои худ чӣ корҳоро анҷом додаем? Нишастему аз имкониятҳои таҷҳизоти техникӣ истифода бурдем ва бо гузашти вақт ҳатто фикр карданро ҳам фаромӯш намудем. Соатҳои дароз ба истифодаи компютер ва телефонҳои мобилӣ банд гардида, вақти худро бемаврид сарф менамоем. Аз интернет на барои фоидаи худ, балки барои зиёд намудани буҷаи созандагони баъзе аз сомонаҳои муоширатӣ ва бозиҳои компютерӣ истифода мебарем. Мо ҳатто фикр намекунем, ки таҷҳизоти муосир моро идора мекунад, яъне таҷҳизоте, ки худи инсон сохтааст, идоракунандаи вақт ва ҳаёти ӯ гардидааст. То ҳол инсонро ягон мавҷудоти замин идора карда натавонист, аммо худи ӯ имрӯз таҷҳизоте сохтааст, ки ҳаёт ва вақти пурқимати ӯро идора менамояд. Аз ин рӯ, мо – насли имрӯзаи башариятро мебояд, ки хиради азалӣ ва андарзи ниёгонро сармашқи кори худ намуда, мутобиқи панди зерини шоир зиндагӣ намоем:

***Замона аспу ту роиз, барои хештан тоз,***
***Замона гӯю ту чавгон, барои хештан тоз!***

III. Хонандагон бо навбат шеърҳои дар ситоиши фанни технологияи иттилоотӣ азёдкардаашонро қироат менамоянд

### Шеърҳо

***Шоҳи фанҳо риёзӣ,***
***Шоҳдухтар ёфта акнун.***
***Информатика номаш***
***Ҳусн зебо, ақл афзун.***
***Имрӯз ҳаётро бе ӯ,***
***Натвон кардан тасаввур.***
***Наҷот диҳад аз зиққӣ,***
***Зеҳнро месозад пурзӯр.***

***

***Назар кун ба атроф ту,***
***Ин компютер дӯсти ту.***
***Зарбу тақсим мекунад***
***Ба ту ёрӣ медиҳад,***
***Дар маркази ин дастгоҳ,***
***Ҷойгир шудааст экран.***
***Лек блоки системавӣ,***
***Аз ҳама қисми асосӣ.***
***Ӯ хонад ҳисоб кунад,***
***Дар хотир нигоҳ дорад.***
***Муш ёрдамчии бемисл,***
***Сафҳакалид беҳамто,***
***Агар дуруст кор кунӣ:***
***Мешавад бо ту ҷӯра.***

***

*IV. Лаҳзаи шавқовар ёфтани чистонҳо мебошад.*

### Чистонҳо

**Ин ҷомадон баҳри чист?**
**Коғаз мехӯрад беист.**
**Худаш ҳарфу ҳиҷоро,**
**Ҳатто калимаҳоро**
**Менависад бемалол,**
**Расм ҳам кашад беозор,**
**Вараќи тоза хӯрда,**
**Баргардонад пур карда.** *(принтер)*

***

**Қуттичаи зебоям,**
**Ноқили барқ ҳам дорам.**
**Микросхемаҳоям замонавӣ,**
**Номам........** *(блоки системавӣ)*

***

**Ин таҷҳизот дорад сир**
**Муъҷизаи муосир**
**Хонад, сарояд, рақсад.**
**Аз мушкилӣ натарсад.**
**Ӯ шуда метавонад**
**Рафиқи хуб бароят** *(компютер)*

***

*V. Сипас дарс-конфронсро ҷамъбаст намуда, таъкид менамоем, ки дар замони муосир донистани фанни технологияи иттилоотӣ дар ҳамаи самтҳои ҳаёт шарти муҳиму асосӣ аст.*

***Шаҳноза КОМИЛОВА,***
***омӯзгори технологияи иттилоотии литсейи шаҳри Панҷакент***

ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ

# Муниси кӯдакон

Ҳангоме ки ба кӯдакистон ворид мегардем, садои хандаи беғаши кӯдакон, мусиқии дилнавоз, хониши шеър давраҳои кӯдакиро ба хотир меоранд. Аҷаб давраи гуворост айёми кӯдакӣ.

Мо тасмим гирифтем, як рӯзи муассисаи давлатии таҳсилоти томактабии №157-ро, ки бо номи "Хушояк" дар ноҳияи Сино фаъолият мекунад, нақл намоем.

Маъмурияти кӯдакистони мазкур баҳри фароҳам овардани шароити хуб барои кӯдакон мекӯшад ва аз рӯи барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабии "Рангинкамон", "Низомномаи намунавии муассисаҳои томактабӣ" ба роҳ мондани машғулиятҳо аз ҷониби омӯзгорон (мураббияҳо) чораҳои судманду муассир меандешад.



Ҳар як мураббия ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи дониши кӯдакон ҷидду ҷаҳд мекунад.

Мудири кӯдакистон Р. Зарифова иброз медорад, ки самаранокии таълиму тарбияи кӯдакон аз маҳорату малакаи касбии мураббӣ вобастагӣ дорад. Месазад кору фаъолияти педагогии мураббиёни соҳибтаҷриба Гулнора Шодиева, Сайрам Худоева, Сайёра Назриева, Людмила Расулова, Ҳалима Каримова, Малоҳат Ғафурова, Екатерина Вихлаева, Наргис Қурбонова ва Дилнора Ишматоваро қайд намуд, ки дар таълиму тарбияи кӯдакон аз усулу шеваҳои навини таълим истифода мекунанд. Падару модарон низ аз ҷараёни таълиму тарбияи фарзандонашон қаноатбахш мебошанд.

Ба қарибӣ баҳри баланд бардоштани савияи дониши кӯдакон ва бо мақсади ташаккули инкишофи ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва бо назардошти қобилияту хусусиятҳои фардии кӯдакон озмуни "Донояк" байни кӯдакони муассиса баргузор гардид. Айни ҳол ғолибони ин озмун давраи ниҳоиро интизор гашта, мунтазам савияи дониши хешро сайқал дода истодаанд ва баҳри дастболо шудан дар давраҳои минбаъда бо онҳо мураббиён кору фаъолият намуда истодаанд.

***Мавлуда АЗИЗОВА,***
***сармураббии муассисаи давлатии таълимии томактабии №157- и ноҳияи Сино***

**Дар доираи амалиёти «Пиёдагард» ба хонандагони шаҳри Душанбе аломатҳо ва қоидаҳои ҳаракати роҳ омӯзонида мешавад.**

НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ

# Моҳияти танқиди адабиро бояд донист

Ҳангоми таълими адабиёт дар зинаҳои дуюму сеюми таҳсилот вобаста ба назарияи адабиёт, дар қатори мавзӯъҳои дигар ба масъалаи танқиди адабӣ низ таваҷҷуҳ зоҳир бояд кард. Танқид реша аз калимаи нақд, ки ба маънии сара ва хуб кардан мебошад, дорад ва ба маънои таҳлилу баррасӣ ва арзишдорӣ намудани асарҳои адибон фаҳмида мешавад. Танқид дар адабиёти бадеӣ ва дар бахши санъат бо номи танқиди адабӣ маъмул аст. Ба таъкиди адабиётшиносон, танқиди адабӣ асарҳои адибонро аз ҷиҳати мавзӯъ, ғоя, шаклу мундарича омӯхтаву муқоиса намуда, ба хонандагон маънидод мекунад, тавзеҳ мебахшад, то ҳар асари бадеӣ дуруст фаҳмида шавад. Танқиди адабӣ натанҳо ба хонандагон, балки ба нависандагон ҳам ёрӣ мерасонад, то ин ки бурду бохти эҷодии худро бифаҳманду бидонанд, ҷанбаи хуби эҷодашонро равнақ бахшанд, нуқсонҳои эҷодиашонро бартараф созанд. Ба ин васила, танқиди адабӣ ба пешрафти адабиёт хизмат мерасонад, адибонро роҳнамоӣ мекунад. Танқиди адабӣ (умуман, танқид) на ҳамеша хушоянд аст ва қисме аз адибон аз он меҳаросанд, танқидро намеписанданд. Вақте ки танқид беғаразона аст, бояд қабул кард ва аз пайи рафъи норасоиҳо шуд. Мунаққид (оне, ки бо танқиди адабӣ сару кор дорад) бояд шахси пурмутолиа, донишманд, беғаразу софдил ва аз ҷараёнҳои адабӣ бохабар бошад. Дар адабиёти тоҷик танқиди адабӣ-нақди шеър (сухун) таърихи дерин дорад. Дар нигоштаҳои Ибни Сино, Носири Хисрав, Абдураҳмони Ҷомӣ… ҷо-ҷо ба нақди сухан дучор меоем. Унсурулмаолии Кайковус дар «Қобуснома», аз ҷумла, чунин овардааст: «Ва агар шоир бошӣ, ҷаҳд кун, то сухани ту саҳли мумтанеъ бошад ва парҳез аз сухани ғоммизнамо ва чизе, ки ту донӣ ва дигаронро ба шарҳи он на ҳоҷат бошад, магӯй. Дар шеър ба вазну қофияи тиҳӣ қаноат макун». Носири Хисрав дар шеъри «Дар мазаммати шуаро» ва Ҳаким Саноӣ дар шеъри «Дар ҳаққи шоирони бад» ашъори пучу маддоҳона ва манфиатҷӯёнаву ғаразбори зумрае аз шоирони дарбориро сахт танқид кардаанд. Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар равзаи ҳафтуми «Баҳористон» мартабаи адабиётро баланд арзёбӣ карда, табъи пасту шеъри каммояи гурӯҳе аз шоиронро зери тозиёнаи танқид қарор додааст.

Дар адабиёти муосири тоҷик мавқеи танқиди адабӣ барҷаста аст. Ин гуна танқид ҳамоно адабиётро роҳнамоӣ мекунад, асарҳои тоза ба тозаи нависандагонро ба риштаи таҳрир кашида, воқеъбинона баҳогузорӣ менамояд. Мунаққидони маъруфи тоҷик М.Шакурӣ, С.Табаров, Х.Шарифов, А.Сайфуллоев, Ҳ.Шодиқулов, А.Абдуманнонов, А.Ҳаким, А.Абдусаттор… бо рисолаҳои пурарзишу воқеъбинонаи худ ба пешрафти адабиёт мусоидат мекунанд.

Бояд гуфт, ки мунаққидон бо мақолаву рисолаву китобҳои худ истеъдод ва завқи адабиётфаҳмии хонандаро инкишоф медиҳанд ва ҳамбаста ба ин, худ низ воқеияро амиқтар меомӯзанд. Мунаққид чун адиб дар эҷоди осораш аз услубу жанрҳои гуногун истифода мебарад.

Маълумот пайдо кардан дар бораи танқиди адабӣ шогирдони моро ба дуруст омӯхтану донистани адабиёт омода мекунад.

*Моҳбегим ҚУРБОНОВА,*
*омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик*

КИТОБИЁТ

# Дастури пурарзиши физикӣ

Ба наздикӣ матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дастури таълимӣ – методиеро бо унвони «Алифбо» - и физика» бахшида ба 30 – солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф», бо ибтикори номзади илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи физикаи умумии факултаи физикаи ДМТ Ҳ. Саъдуллозода аз чоп баровард. Дар мукаммал гардондан ва ба нашр омода сохтани дастур докторони илмҳои физикаву математика, профессорон Д. Солеҳов, Д. Ақдодов ва дотсенти кафедраи зикрёфта Б. Гулов саҳми арзанда гузоштаанд.

Дастур барои омӯзгорони ҷавон, донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, хонандагони мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ, гимназияю коллеҷҳо ва худомӯзон пешбинӣ гардидааст.

«Алифбо»-и физика бо сарсухани «Омӯхтани физика чӣ зарурат дорад?» оғоз ёфта, дар он дар мисоли кашфиётҳои оламшумул, аз қабили радиоактивият, ки дар бунёди киштиҳои яхшикани бемисли атомӣ (дурусттараш ядро ё худ ҳастаӣ), электростансияҳои бо энергияи реаксияҳои амалкунанда, ихтирои лазерҳои барои бунёди техникаю технологияи муосири навтарин корбасташаванда, инчунин, дастовардҳои дигари нодири дар асоси назарияи қонуниятҳои физикӣ амалигардида, омӯхтани ногузири физикаи дар назари аввал нофаҳму дилгиркунанда, вале дар асл хеле шавқовару бедоркунандаи ҳисси кунҷковии ҷавонони наврас асоснок карда шудааст. Ба қавли муаллифон, дастур пайраҳаи нахуст нест, дар азбар кардани физика ҳамчун асоси назарию техникаи муосир онро бояд убур кард.



Дар дастур намунаҳои ҳалли батафсили масъалаҳои барои шарҳу эзоҳи матн зарур оварда шудаанд, ки бо расму нақшаҳои возеҳи ранга оро ёфтаанд. Ҳарчанд дар дастур доир ба системаҳои воҳидҳое, ки то қабули системаи ягонаи байналмилалии СИ амал мекарданд, маълумоти муфассал оварда шудаанд, ки танҳо аҳамияти таърихӣ доранду бас, то андозае дилгиркунанда баён ёфтаанд.

Вале дар поёни дастур маводи зиёд чун маълумотнома илова шудаанд, ки бо воҳидҳояшон формулаҳои асосии ҳама соҳаҳои физика, ҷадвалҳои гуногуни қиматҳои бузургиҳои физикавӣ, маълумоти кофӣ аз арифметика, алгебра, геометрия, тригонометрия оварда шудаанд, ки зарурати дастурро ба маротиб афзун менамоянд.

Хеле муфид мебуд, агар нусхаи электронии дастур тариқи интернет паҳн карда мешуд.

*Шамсулло АМИНОВ,*
*номзади илмҳои техникӣ,*
*дотсенти ДДТ ба номи академик*
*М. С. Осимӣ*

# Рисола дар шинохти таърих

Бо муҳаққиқ, муаррих ва муаллими кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих Маҳмудзода Суханвари Анвар ҳанӯз аз давраи таҳсилаш дар гимназияи рақами 2 барои хонандагони болаёқати ноҳияи Шоҳмансур шинос ҳастам. Суханвар аз пайи омӯзишу таҳқиқ ҷиддан камари ҳиммат баста, соли 2018 дастури таълимию методии аҷибу шавқоварро бо номи «Оқил шудан мехоҳед?» таълиф кард.

Қабл аз он, вай «Маҷмӯаи презентатсияҳо» (аз «Таърихи умумӣ»), «Муаммоҳо ва кашфиёти таърих», «Таърихи мухтасари халқи тоҷик», (бо нақшаю расмҳо) барин китобу дастурҳоро таълиф ва пешниҳоди толибилмон гардонда буд. Инак, Суханвар баъди омӯзишу таҷрибаи зарурӣ ҳосил кардан, бо ҳаммуаллифӣ бо устодаш, муаллимаи шинохта, дотсенти кафедраи таърихи наву навини кишварҳои хориҷии ДМТ, номзади илмҳои педагогӣ Тамара Мунавварова дастури мукаммали методиеро таҳти унвони «Муқаддимаи ихтисоси таърихшинос» аз чоп баровард, ки муҳаррири масъули он, доктори илмҳои таърих, профессор А.Абдулҳаев ва муқарризон, доктори илмҳои таърих С.Муллоҷонов ва дотсент М.Фозилова мебошанд. Китоби мазкур аз 11 мақола иборат буда, масоили гуногуни методикаи таълими фанни таърихи халқи тоҷикро дар бар мегирад. Китоби «Муқаддимаи ихтисоси таърихшинос ҳамчун дастури методӣ ба хонандагони макотиби миёна ва донишҷӯён дар омӯзиши огоҳмандонаи фанни таърихи халқи тоҷик хидмати арзанда хоҳад кард.

*Шодӣ РАҶАБЗОД,*
*«Омӯзгор»*

ТАКМИЛИ ИХТИСОС

# Аз устодон сипосгузорем

Муассисаи таълимии мо соли 2010 сохта шудааст. Дар муассиса айни ҳол 387 нафар хонанда таҳсил мекунанд, ки ба онҳо 32 нафар омӯзгор сабақ меомӯзонанд. Ман бори аввал дар курси такмили ихтисос ва бозомӯзӣ иштирок дорам, то ин дам чанд маротиба дар курсҳои такмили ихтисоси филиали ДҶТИБКСМ дар шаҳри Хоруғи ВМКБ иштирок кардам.

Сатҳу сифати машғулиятҳо дар курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф аз ҷониби омӯзгорони ДҶТИБКСМ дар сатҳи баланд гузаронида мешавад. Ҳар пагоҳӣ, пеш аз оғози машғулият, ректори донишкада Хонаӣ Қурбонзода бо шунавандагони курсҳои такмили ихтисос ҳамсуҳбат гардида, аз рафти машғулиятҳо ва сатҳу сифати таълиму тарбияи насли наврас пурсон мешавад.

Ман бори охир соли 2017 ба шаҳри Душанбе, пойтахти ҷумҳуриамон барои тамошо омада будам, ҳоло дар вақтҳои фориғ аз дарс ба тамошои пойтахти азизамон мебароям. Душанбе хеле ободу зебо шудааст. Ҳатто вақти ба Душанбе ворид гардидан шаҳрро нашинохтам. Дар ҷойи биноҳои пештара биноҳои баландошёнаи зебо қомат афрохтааст. Бо ташаббуси Раиси шаҳри Душанбе хатсайрҳо бо автобусҳои нави замонавӣ таъмин карда шудаанд.

Айни ҳол бо роҳбарии Майрамбек Тойчиев ба тарҷумаи китобҳои дарсӣ аз забони тоҷикӣ ба забони қирғизӣ шурӯъ кардам. Аллакай 10-15 китоби дарсӣ ба забони қирғизӣ тарҷума ва чоп гардид. Дар таърих аввалин маротиба китобҳои дарсии забони тоҷикӣ ба забони қирғизӣ бо дастгирии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад. Меохам аз номи худам ва сокинони ноҳияи Мурғоб ба вазири маориф ва илми ҶТ, мӯҳтарам М. Имомзода барои дастгириашон арзи сипос баён намоям.

Ба мо, директорон - шунавандагони курсҳои такмили ихтисос, омӯзгорони донишкада Исфандиёр Раҳматшоев, Субҳон Комилов, Меҳриддин Ғиёсиев ва дигарон машғулият гузарониданд. Дар рафти машғулиятҳо дар мавзӯи «Терроризм ва экстремизм-таҳдид ба амнияти кишвар, минтақа ва ҷаҳон» иншо гирифта шуд.

*Муҳаммадсодиқ АТАМБАЕВ,*
*директори мактаби №19-и ноҳияи Мурғоб*

ШЕВАИ ТАДРИС

# Тасвири манзара – машғулияти ҷолиб

Яке аз машғулиятҳое, ки дар тарбияи маърифатию зебоипарастии хонандагон нақши калон мебозад, санъати тасвирӣ ба шумор меравад. Дар дарсҳои санъати тасвирӣ омӯзгор ба шогирдон, пеш аз ҳама, сифатҳои мушоҳидакорӣ, таваҷҷуҳ зоҳир намудан ба ҷузъиёти ашё, дарку эҳсоси зебоиҳои табиат ва дар маҷмӯъ, муҳити атрофро бояд такмулу тақвият бахшад. Шогирдонро тавре бояд тарбия намуд, ки бо истифода аз қаламҳои ранга (дар кабинети махсус бошад, бо мӯқалам ва рангҳои мухталиф) тарҳу манзараҳои табиатро офарида тавонанд. Бигирем, манзараҳои табиати деҳаро. Дар тасвири расми манзараи деҳа вобаста ба фаслҳои сол, албатта, қобилияти зотии хонанда нақши бузург мебозад. Маҳз лаёқати фардӣ ба шогирдон имкон медиҳад, ки ранги табиии ҳар як ашёро пеши назар оварда, он мавҷудоти табиатро воқеънигорона рӯйи сафҳа оранд. Таври мисол, кашидани расми барг дар чор ҳолат (зимистон, баҳор, тобистон ва тирамоҳ) бо махсусиятҳои худ фарқ мекунад. Баҳорон барг ранги сабз дорад, тобистон низ сабз аст, вале каме рангаш коста гардида, тирамоҳ хазон мешавад ва ранги заъфаронӣ пайдо мекунад. Дар зимистон ранги барг хокистарӣ мешавад. Агар хонанда ин ҳолати баргро дақиқан бо ҳама ҷузъиёташ ба мушоҳида нагирифта бошад, расми ҳақиқии баргро офарида наметавонад. Ҳамин тавр, ҳангоми кашидани расми гул, дарахт, булбул (умуман, парандагон), кӯзаи гулдор, боғ, теппаву адирҳо, кӯҳҳо, хонаҳо, бинои мактаб ва амсоли ин, бояд омӯзгор ҳамчун роҳнамо ба шогирдон шарҳу тавзеҳ диҳад, ки ҳар як ашё вижагиҳои худро дорад. Вақте ки хонандагон расми гули садбаргро кашиданӣ мешаванд, ҳатман хорҳоеро, ки дар танаи гул сабзидаанд, бояд рӯйи коғаз оранд, чунки махсусияти нишонаи гули садбарг хорҳои танаи он ба ҳисоб меравад. Аммо ҳангоми офаридани расми гули лола ба он омил бояд диққат дод, ки ин гул аз баргҳои сурх таркиб ёфта, дар доҳилаш ранги сиёҳ, ки онро шоирон ба доғи дил ташбеҳ кардаанд, дорад.

*Нодира МЕЛИМУРОДОВА,*
*омӯзгори гимназияи "Ҳилол",*
*шаҳри Душанбе*

Бахшида ба Рӯзи модар намоиши ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Инъикоси чеҳраи зан-модар дар ёдгориҳои Осорхонаи миллии Тоҷикистон» баргузор гардид.

*Сухан сарлашкари неруи инсонист.*
*В.Маяковский*

«Омӯзгор» № 10, 11 марти соли 2021

СОЛГАРД

*Устод Додоҷон Тоҷиев ошиқи баҳор буданд, ба табиати ҳамешабаҳори диёрамон муҳаббати бепоён доштанд. Гул барояшон ҳамчун рамзи ҳусни зиндагию покии ахлоқ муқаддас буд. Ҳамеша дар рӯзҳои Наврӯз бо шогирдону ҳамкорон ба сайри табиат мебаромаданд.*

# Сарбози забони миллат

Шоистаи таваҷҷуҳ ва мувофиқати ҷолиб аст, ки устод дар ҳамин фасли дилфиреб ва аниқтараш, дар рӯзи Наврӯзи дилафрӯз ба олам омадаанд.

Сабақҳои эшон аз каломи модарӣ гулистонеро мемонд, ки шогирдон дар он сайр мекарданду ба машомашон накҳати гулҳои зебо мерасид.

Устоди шодравон профессор Д.Тоҷиев, воқеан ҳам, омӯзгори асилу ҳақиқию олими варзида буданд. Фаъолияти меҳнатии устод аз ҳар ҷиҳат ибратомӯз ва файзбахш аст.

Профессор Тоҷиев Додоҷон Тоҷиев соли 1952 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кафедраи забони тоҷикиро ташкил карда, то вопасин рӯзҳои зиндагиашон ба ҳайси мудири ҳамин кафедра фаъолият доштанд.

Устод аз рӯзҳои аввали фаъолияти роҳбариашон дар кафедра ба масъалаи сифати таълим, равнақдиҳии усулҳои таълим, такмилдиҳии маҳорати педагогӣ-омӯзгорӣ, иҷрои корҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-тадқиқотӣ аҳамияти ҷиддӣ медоданд. Дарсҳои лексионӣ ва амалии устод барои ҳамкорон дар кафедра намунавӣ буданд.

Устод тамоми хусусиятҳои маъноӣ ва сохтории воҳидҳои забониро бо рақам номбар карда дар нақша нишон медоданд.

Аз ҷумла, дар яке аз лексияашон (устод аз наҳви забони тоҷикӣ ба мо дарс медоданд) ибораро ба таври зайл маънидод карда буданд:

Ибора дорои панҷ хусусият ё аломат аст: якум, ибора бояд аз ду ва ё зиёда калима иборат бошад: дувум, калимаҳои ибора ё ҷузъҳои асосии он бояд мустақилмаъно бошанд: сеюм, алоқаи байни калимаҳо ҳатман бояд тобеъ бошанд; чорум, ибора бояд мафҳуми мураккабро ифода кунад; панҷум, ибора вазифаи номинативӣ- номбаркуниро дорад. Дар асоси ҳамин панҷ аломати мазкур устоди борикбину нозукбаён профессор Д.Тоҷиев қоидаи умумии ибораро бароварда, аз ҷиҳати вазифа ба калимаю таркибҳо умумият ва аз ҷумла фарқ доштани онро, ҳамчунин, хелҳои сохтории маъноии ибораро хеле равшану возеҳ баррасӣ намуданд. Бо ҳамин тарзу усул хусусияту нишонаҳои асосии ҷумла, аъзои ҷумла: мубтадо, хабар ва ғайра, ҷумлаҳои мураккаб ва хелҳои онро устод бо тарзи хеле равшану возеҳ бо далелҳои раднопазир баён намуданд, ки ҳамаи онҳо хотирмону фаромӯшнашуданӣ буданд.

Барои тасдиқи ҳар як фикру мулоҳизаҳояшон устод аз олимони маъруфи тоҷику хориҷии соҳаи наҳвшиносӣ иқтибосу далелҳо меоваранд. Тарзи баёнашон ҳам дар гуфтор ва ҳам дар навиштор хеле кӯтоҳу пурмазмун буд. Ба ибораи Абдуллоҳи Ҳотифӣ, устод Тоҷиев «Сухансанҷу камгӯю бисёрдон, хирадпешаву зираку кордон» буданд.

Ба дарсҳои устод Додоҷон Тоҷиев на танҳо шогирдон, балки олимону донишмандони зиёде иштирок намуда, ба ҳунари ибратбахши дарсгузарии устод ва маҳорати педагогию омӯзгориашон баҳои баланд додаанд.

Профессор Баҳриддин Камолиддинов аз тарзи қабули санҷишу имтиҳонҳои Д.Тоҷиев ёдоварӣ намуда, навиштаанд: «Тариқи санҷидан ё имтиҳон кардани дониши шогирд дар усули кори муаллим ба тарзи наҷиб ва ибратомӯз сурат мегирифт. Аввалан, санҷиши муаллим аз имтиҳонашон фарқ намекард: ҳатто санҷишҳои одитарини муаллим бе «ҳайати комиссияи шогирдон» намегузашт… Санҷиш ё имтиҳони донишҷӯ дар ҳузури «ҳайати комиссия» дилгиркунанда намегузашт, баръакс, ранги баҳсу мунозираи илмӣ мегирифт. Донишҷӯ ба саволҳои пурсишнома мукаммал ҷавоб медиҳад, устод боз як –ду саволи озмоишкоронаи ба қавли худашон, «нӯгиостинӣ» медоданд, то аён гардад, ки он ҷавоби нағз аз сари пурмағз баромадааст ё аз киса. Устод чанд саволи «кисагӣ» ҳам доштанд ва онро аҳён-аҳён истифода мекарданд. Баъзан донишҷӯ гапи бисёр мегуфту ба моҳияти масъалаи асосӣ наздик намешуд ва атрофи он «сайр мекард». Дар ин гуна мавридҳо муаллим ба паҳлу хам шуда мегуфтанд. «ин бача аз боли уштур гандум медаравад». Донишҷӯ баъди чунин «ҷавоб » ба баҳои устод розӣ намешуд ва бо исрор талаб мекард, ки боз савол диҳанд. Ана, дар ҳамин гуна мавридҳо он саволҳоро ба кор меандохтанд. Аз ҷумла, мепурсиданд, ки «Аъзои истисноии ҷумла чист?». Ё ин ки : «Баёнияи истисноӣ чист?» Ё хоҳиш мекард, ки дар бораи ҳоли хилоф маълумот диҳад».

Дар бобати маҳорати баланди омӯзгорӣ - педагогӣ устод Д. Тоҷиев профессорони шодравон Раззоқ Ғаффоров, Абдусаттор Мирзоев ва яке аз шогирдони устод Давлатбек Хоҷаев баҳои баланд дода бо маҳбубияти беандоза чунин қайд намудаанд: «Муболиға нахоҳад шуд, агар бигӯем, ки устод Додоҷон Тоҷиев барои дарс гуфтан, барои таълиму тарбияи ҷавонон ба дунё ҳастӣ омадааст. Устоди пурҳунар таҷрибаи андӯхтаашро дар фаъолияти ҳамарӯзаи худ чунон моҳирона истифода мекард, ки ҳатто муаллимони таҷрибадор ҳам ба дарсҳои ӯ иштирок намуда, ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам методу усулҳои дарсгӯӣ файзёб ва баҳраманд мешуданд».

Профессор Д.Тоҷиев махсусан ба туфайли маҳорату истеъдоди баланди тавзеҳи масъалаҳои ниҳоят муҳиму нозуки наҳви забони тоҷикӣ мактаби олии омӯзгории хешро ташкил дода буданд, ки аз ин мактаб профессорон М.Қосимова, Б.Камолиддинов, Ҳ.Маҷидов, Д.Хоҷаев, Т.Хаскашев… (аз ҷумла банда низ) барҳурдор гардидаанд. Устод олими тозабаёну навгӯю навҷӯю нававар буданд. Андешаҳои илмиашон басо



дақиқу таҳлилҳояшон ниҳоят амиқ, нозукбину гавҳаршинос буданд. Фаъолияти илмии Д.Тоҷиев серсоҳа буда, тамоми бахшҳои забоншиносӣ – лексикалогия, фонетика, морфология, синтаксис, таърихи забон, услубшиносӣ ва ғайраро дар бар мегирад. Якчанд мақолаи устод ба масъалаҳои назариявии забоншиносии тоҷик ва пайдоишу инкишофи он бахшида шудаанд.

Профессор Д.Тоҷиев дар хусуси тозагии забон ва маданияти нутқ низ сайю кӯшишҳои зиёде кардаву нигоштаҳои арзишманд ба мерос гузоштаанд.

Хизматҳои устод дар таҳқиқи соҳаи наҳви забони тоҷикӣ бағоят калон аст. «Воситаҳои алоқаи муайянкунандаҳо бо муайяншавандаҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик», «Ҷумлаҳои мураккаби сертаркиба», «Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забони адабии ҳозираи тоҷик», «Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик» барин асарҳои илмӣ – тадқиқотии бунёдиашон гиреҳкушои муаммоҳои баҳсталаби соҳаи наҳвшиносӣ буда, ҳамчун кашфиёти навини соҳаи илми забоншиносӣ пазируфта шудаанд. Дар инкишофи минбаъдаи афкори забоншиносии муосири тоҷик, махсусан, дар тадқиқи ҳамаҷонибаи соҳаи наҳвшиносӣ, аз ҷумла, иборашиносӣ, дар муайяну муқаррар кардани тарзу воситаҳои ташаккулёбии ибораю ҷумлаҳои сода ва мураккаб, воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои мураккаб, хусусиятҳои морфологию синтаксисии сифати феълӣ, роҳу усулҳои калимасозӣ устод нақши назаррас гузоштаанд.

Тадқиқотҳои минбаъдаи суханшиносони донишманд, монанди «Дар бораи парадигматикаи гипотаксиси тоҷикӣ», «Проблемаҳои омӯзиши ҷумлаҳои мураккаби тобеъ» дар маҷаллаву маҷмӯаҳои илмии марказҳои забоншиносии Иттиҳоди Шӯравӣ (Москва, Ленинград, Тошканд, Тбилиси, Боку ва ғ.) интишор ёфта, асоси назариявии чандин таҳқиқоти олимони ҷумҳуриҳои дигар гардидаанд ва шуҳрати устодро боз ҳам баланд бардоштаанд.

Таҳти роҳбарии Д.Тоҷиев 11 нафар пажӯҳишгар рисолаи номзадию докторӣ дифоъ намудаанд.

Маҳз ба туфайли мактаби илмии устод сафу ҳайати олимони соҳаи забоншиносӣ афзуда, тадқиқоти зиёди илмии назаррас дар ин соҳа ба миён омад ва омадаанд. Аз ҷониби шогирдони устод М. Қосимова, Б. Камолиддинов, Д. Хоҷаев, М. Норматов, Ш. Кабиров ва чанде дигар монографияҳои илмӣ, китобҳои дарсию воситаҳои таълимӣ нашр шуда, дастраси донишҷӯёну омӯзгорон ва олимон гардидаанд. Боиси хушнудии мост, ки имрӯзҳо шогирдони боистеъдоди устод мактаби омӯзгорӣ ва илмиашонро такмилу тақвият медиҳанд.

Профессор Додоҷон Тоҷиев дар қатори дигар фидоиёну қаҳрамонони миллати тоҷик баҳри арҷгузории фарҳангу номи тоҷик саъйю кӯшишҳо ва фидокориҳои зиёде кардаанд ва ба ин васила дар дилу дидаи халқи тоҷик зиндаю ҷовид боқӣ монданд.

Шоири халқии Тоҷикистон Низом Қосим бо ихлосу сипос дар васфи устод чунин сатрҳоро бахшидааст:

*Будӣ бо азму рази як сухандон*
*Ту сарбози забони Тоҷикистон.*
*Равонат шод бодо, эй забондор,*
*Аё Тоҷӣ-забонро тоҷбардор!*

**Солеҳҷон СОБИРҶОНОВ,**
*номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи забони тоҷикии ДДМИТ*

ЁДЕ АЗ ЛУТФУЛЛО БУЗУРГЗОДА

# Ахтаре дар самои илм

Азбаски падарам, шодравон Валӣ Самад ҳама умр ба омӯзиш ва пажӯҳиши сарнавишту осори Лутфулло Бузургзода машғул буданд, ҳамчун омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик шавқам нисбат ба корҳои илмӣ ва заҳматҳои ӯ афзуду хостам аз фаъолияти омӯзгории ӯ бохабар бошам. Л. Бузургзода дар баробари иҷрои корҳои бузурги илмию эҷодӣ, омӯзгори закитабъ низ ҳисоб меёфт. Устод Т. Зеҳнӣ дар ёддоштҳояшон меоранд, ки Л. Бузургзода ҳанӯз соли 1933 (замони донишҷӯияш) дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд китоби дарсии «Забони модарӣ» (барои синфҳои 3 – 4) – ро таълиф намуда буд. Ин санаро метавон оғози фаъолияти омӯзгории ӯ номид.

Ҷолиб аст, ки ин иқдом на аз фаъолияти бевоситаи амалии педагогӣ, балки аз навиштани китоби дарсӣ барои хонандагони мактабҳои миёна шурӯъ гардид. Донишманди маъруф Носирҷон Маъсумӣ, ки аз ҷумлаи шогирдони қобили Бузургзода маҳсуб меёфт, маҳорати омӯзгории ӯро ситоиш кардааст.

Шоири рангинхаёл, ҳамзамон, устоди Донишкадаи омӯзгории ба номи Т. Г Шевченко (ҳоло ДДОТ ба номи С. Айнӣ) Тилло Пӯлодӣ низ аз файзи сабақҳои Л. Бузургзода баҳравар гардида гуфтааст: «Вай чун омӯзгори дилсӯз, ғамхор чи дар вақти дарс ва чи берун аз он машғули суҳбат буд. Ҳатто дар чойхона (вақти чойнӯшӣ) ба шогирдон маслиҳатҳои судманд медод. Ӯ омӯзгори фанни шевашиносӣ бошад ҳам, фолклорро нағз медонист, табъи баланди шоирӣ дошт. Китоби дарсии «Грамматикаи забони тоҷикӣ»-ро таълиф кардааст. Бино ба қавли Тилло Пӯлодӣ: «Илми забоншиносии тоҷик бо номи Л. Бузургзода пайванди ногусастанӣ дорад». Вай ҳанӯз ҳангоми донишҷӯйӣ дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд бо донишмандони фозил Б.Хоҷазода ва Т. Зеҳнӣ барои мактабҳои ибтидоӣ дастуреро зери унвони «Китоби дарсии «Забони модарӣ» нашр намуд. Баъдтар асарҳои дигари вай дар боби фонетика, морфология ва синтаксис чоп шуданд.

Хотираҳои шоири номдори тоҷик, устод Боқӣ Раҳимзода низ оид ба Л. Бузургзода хеле аҷиб аст. Б. Раҳимзода ба ёд овардааст, ки соли 1943 ҳамроҳи Раиси Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон Мунаввар Шогадоев бо қатораи махсус тӯҳфаҳои аз тарафи ҳукумат ҷудошударо ба фронт мебурдем. Дар истгоҳи роҳи оҳани шаҳри Ленинград Лутфуллоро дидем. Рафтани моро шунида, ба пешвозамон баромадааст. Нағз дар хотир дорам, ки дасти росташ докапеч буд. Бо остини холимондааш зери тасмаи миён худро ба оғӯши ман партофта гиря кард. Аҳволи илму адаб, зану бачаҳояшро пурсид. Баъд доир ба натиҷаи китоби ҳаммуаллифиамон – «Фолклори Дарвоз» пурсид. Гуфтам, ки фолклорро як тараф монда, аз худат гап зан, ҳолат хуб аст? Чаро бо тани маҷрӯҳ ба Ватан барнамегардӣ?.

М. Шогадоев маҳорати баланди ӯро дарк карда, ваъдаи бозпас хонданашро дод. Вале Бузургзода гуфт, ки алҳол чунин кор номумкин аст, зеро шахси маро ивазкунанда нест. Ӯ аз М. Шогадоев илтимос кард, ки аз аҳволи аҳли оилааш бохабар бошад, шуд. М. Шогадоев афсӯс хӯрд, ки чунин як истеъдоди нодирро дар вақташ нигоҳ дошта натавониста будем ва ваъдаи қатъӣ дод, ки ӯро ба Ватан бозпас мехонад. Мутаассифона, ин кор амалӣ нагардид, зеро ҳангоми бозгашт дар роҳ, қатора ба Тоҷикистон нарасида, хабари марги ӯ паҳн гардид.

Чун ба шогирдонам аз забон ва адабиёти тоҷик дарс мегӯям, дар маҳфилҳои фаннӣ аз ҳаёт ва эҷодиёти ҳамин гуна шахсиятҳои барҷаста маълумот медиҳам, аз бузургӣ ва хирадмандии онҳо ангушти ҳайрат мегазам. Як рӯйдоди хотирмон меҳри маро ба Л. Бузургзода ва осори ӯ афзуд. Замоне дар гимназияи №74-и шаҳри Душанбе фаъолият кардаам, бо як зани ҳунарманд, омӯзгори ботаҷрибае шинос шудам, ки вай ҳамсари Қаҳрамон - писари Л. Бузургзода будааст. Шиносӣ бо ӯ, нақлу ҳикоятҳояш оид ба рӯзгори олим боз ҳам меҳри маро ба забону адабиёт бештар кард. Аз рӯйи тадқиқот ва дастнависи китобҳои падарам маълум гардид, ки ӯ, воқеан ҳам, олими тавоно, донишманд ва омӯзгори фаъол будааст. Шогирдонашро дӯст дошта, мекӯшидааст, ки ҳар дарсаш пурмазмун бошад, то ба дили хонандагон роҳ ёбад. Ватани азиз, хиёбону гулгаштҳои диёрашро ёд карда, ба халқи азизи худ муҳаббату садоқати беинтиҳо доштааст.

**Сайёра САМАДОВА,**
*омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики ЛКД – и шаҳри Душанбе*

Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон яке аз қуллаҳои кӯҳӣ ба номи олими бузурги тоҷик, академик Раҳим Масов гузошта шуд.

СУХАНИ САБЗ

# Шарофати пешаи наҷиб

**Ман ҳамеша бар он ақидаам, ки омӯзгорӣ, воқеан ҳам, шарафбортарин ва беҳтарин аз кулли пешаҳост. Аз шарофати ин пеша борҳо бархӯрдор шудаву ифтихор кардаам, ки омӯзгор ҳастам ва аз шаҷараи омӯзгорам. Падари арҷмандам низ умре шуғли омӯзгорӣ доштанд ва ҳаргиз арзи пушаймонӣ аз ин шуғли баргузидаашон накардаанд.**

Яқин, бар асари таъсирпазирию бардошт аз фаъолияти падар буда, ки ман аз пайи эшон рафтам ва инак, солҳост, ки дар сафи аҳли маориф қарор дорам. Ба қавли мардумӣ, устухони ман бо нони омӯзгор шах шудааст ва воқеан ҳам:

*Надидам неъмате дар ҳар ду олам*
*Ҳалол аз пораи нони муаллим.*

Сухан дар огоз аз шарофати омӯзгор буд. Ба шарофати падари омӯзгорам ман як силсила китобҳои хуби илмию кӯшиш кунеду навиштаҳои рӯзномаву маҷаллаҳоро амиқтар биомӯзед, хатман омӯзгори эҷодкор мешавед» гуфтанаш хеле рӯҳбаландам намуд. Ин байт ҳам аз ҳамон суҳбат дар хотирам нақш бастааст:

*Коне, ки канӣ зи баҳри гавҳар,*
*Сангат диҳад аввал, он гаҳе зар.*

Дар роҳи бозгашт ба хонаамон падари омӯзгорам, ки борҳо ба одамшинос буданашон ҳам қоил шудаам, андешаманд гуфтанд:

- Духтарам, маслиҳатҳои хуб шунидӣ, Муродӣ эҷодкори асилу доно ва журналисти ҳақиқӣ будааст. Аз суханону иктибосу таҳлилҳояш маълум. Навиштаатро аз нав кор куну ба ӯ бозгардон, ҳамааш хуб мешавад.

Аз ин гуфтаҳои падарам эҳтиромам ба Муродӣ афзуду ӯро дар дил устод хондам ва аз пайи таҳрири навиштадаст мегирам. Ба эҷоди таронаҳои насрӣ даст заданам низ бастагӣ ба маслиҳату ҳидоятҳои устод Муродӣ дорад…



Аз хислатҳои ҳамидаи устод, чун хоксорию хушмуомилагӣ ва дилогоҳӣ «сӯиистифода» намуда, чанд шиносу ҳамкори худро, ки низ ба мақоланависӣ ҳавасу рағбат доштанд, ба ҳузури эшон овардам, ба истилоҳи маъмул, миёнаравӣ ё воситабозӣ кардам.

Устод онҳоро хуш пазируфтанд, маслиҳатҳои судманд доданд ва ба чопи навиштаҳояшон мусоидат бинмуданд. Эҳтиромам, обрӯям ба ин васила дар назди дӯстонам дучанд шуд.

Бо мурури вақт огаҳӣ дарёфтам, ки устод Муродӣ муаллифи қариб 20 китоб будаанду дар доираҳои адабӣ ҳамчун нависанда, шоир ва ҳаҷвнигори муваффақ шинохта шудаанд. Чанд китобашон (аз ҷумла, «Бархез, баҳор омад!» методию адабиро мутолиа кардам, бисёр мушкилоти корамро бартараф сохтам, ба чанде аз идораҳои маърифатию фарҳангӣ ворид гаштаву дасту маслиҳатҳои муфид гирифтам ва ҳамчунин, бо як идда ашхоси неку хирадвар, бо эҷодкорони асил ошноӣ пайдо намудам.

Боре падари бузургворам ба ман маслиҳат доданд:

-Фаъолияти омӯзгориат, ба назарам, хуб аст, духтарам. Вале омӯзгор дар баробари таълиму тарбия додан бояд эҷодкор ҳам бошад, мақолаҳо нависад, дар конфронсҳо суханронӣ кунад. Ин ҳам такмили фаъолият мешавад, ҳам сайқали дониш…

Ҳидояти падар бароям сахт корагар шуду нахустин мақолаи методиамро (ба назари худам) ҳамчун муаллимаи синфҳои ибтидоӣ рӯи коғаз овардам ва аз ин хусус ба падарам мужда расондам. Падарам хеле хурсанд шуданду офаринам хонданд ва рӯзи дигар моро, падару духтар ба идораи ҳафтаномаи «Омӯзгор» омадем. Вориди кабинете шудем, ки дар пасаш мизи ба шакли ҳарфи «Т» гузоштаашуда шахси айнакдори ҷиддисимо менишаст. Ба пешвозамон аз ҷой хест ва ба нишастан даъват намуду худро муаррифӣ кард:

-Ман ҷонишини сармуҳаррир Абдурауф Муродӣ. Агар ягон хизмат бошад…

Падарам ба ман ишора карданду навиштаамро ба ҷонишини сармуҳаррир дароз намудам. Ӯ онро аз дастам гирифту ба ҷояш нишаст ва дарзамон машғули мутолиа шуд. Рости гап, дар дилам ҳаросе падид омад. Навиштаи нахустин. Камтаҷрибагӣ. Нобоварӣ…

Ниҳоят, Муродӣ аз вараҳои ман сар боло карду бидуни муқаддимае гуфт: -Ин мақола нест, реферат аст! Камҳавсалагию саҳлангорӣ кардаед, ҳонум!

Ин чо ӯ каме хомӯш монда, баъд суханонашро идома бахшид. Акнун як қадар нарм сухан мегуфт. Дар бораи эҷоду эҷодкорӣ, масъулиятмандию ҷиддият дар қаламкашӣ, дар бораи ҳусни сухану мартабаи суханвар, дар бораи эҳтироми забон ва забони мақола дар рӯзнома хеле саҳеҳу муассиру дилчасп ҳарф зад. Гуфтораш пур аз мақолу андарзу байтҳои пурмазмун буд, гуворою пазиро ба гӯш мерасид. Агар аз ду ҷумлаи аввалаш як қадар ранҷидаву дилсард шуда бошам, идомаи суханонаш нисбат ба ӯ дар дилам эҳтироме пайдо кард. Махсусан, дар поёни суханонаш «Муаллимаи азиз, ба ҳар ҳол, ман дар ин навиштаҳои шумо як навъ шарораи истеъдодро мебинам, ам шудам. Чун кор ба назарам беҳтар анҷомёфта намуд, хостам боз роҳ ба сӯйи идораи «Омӯзгор» пеш гирам, аммо ҷуръат накардаму ба устод Муродӣ занг задам. Устод, хайрият, маро фаромӯш накарда будаанд ва ба гӯе ки дӯстони деринашон бошем, самимона аҳволпурсӣ карданд ва маломатам намуданд: - Чаро то ҳол мақоларо бо таҳрир ба мо дастрас накардаед. Одам кори огозкардаашро ҳаргиз набояд нимкора монад. Азми дурусту саъйи комил бояд дошт, зеро «Бе азми дурусти саъйи комил, Касро нашавад мурод ҳосил». Муаллимаи азиз, шумо истеъдод доред, танҳо онро бояд сайқал дод…

Ва боз чанд сухани рӯҳбахшу ҳидоятгар гуфтанд устод. Ростӣ, хеле шукуфтам, ки аз забони як рӯзноманигори варзида ин қадар таърифу тавсиф мешунавам.

…Ҳамин тавр, ҳамкории ман бо ҳафтаномаи бароям азизу маҳбуб-«Омӯзгор» огоз ёфт. Мақолаи нахустини «чанҷолӣ»-ам ба нашр расиду пасон давра ба давра мақолаҳои дигарам рӯйи чопро диданд. Ростӣ, пас аз чопи мақолаҳоямро дида, ҳам хурсанд мешудаму ҳам хиҷолат мекашидам. Устод Муродӣ навиштаҳоямро хеле таҳрир мекарданд. Як «дарс»-и устод ҳеҷ аз ёдам намеравад: гоҳе ки ба нашрия мақолаи навамро меовардам, варақаки таҳриршудаи навиштаи пешинамро ба дастам дода, мегуфтанд:-Бигиреду мукоиса бикунед ва хулоса бароред биомӯзед!

Ман навиштаи худ ва таҳрири устодро мукоиса карда, воқеан ҳам, дарси нигорандагӣ меомӯхтам ва мекӯшидам, ки галатҳоямро дар услубу нигоришу ҷумлаҳоям такрор накунам…

Соли 2019 буд. Ба ифтихори 20-солагии Созмони хонандагон дар ноҳияи Рӯдакӣ ҳамоише баргузор шуд, ки дар он устод Муродӣ низ ширкат доштанд. Дар анҷоми ин ҳамоиш бо устод воҳӯрдам. Ба ман офарин гуфтанд, ки дар пайи такмили худу омӯзиши пайваста ҳастам.

«Навиштаи охиратон тақрибан бидуни таҳрир чоп шуд. Қаламатон хеле рост шудааст. Вале дар хотир бояд дошта бошед, ки бузургонамон фармудаанд: «Ҷонеъ машавӣ, ба ҳар чӣ ёбӣ, Аз хуб ба хубтар шитобӣ», -гуфтаанд»,-иброз доштанд устод.

Хеле хурсанд шудам, боварам ба худу ба қаламам афзуд. Бо маслиҳати устод мақолаҳоямро ба нашриёҳои дигари ҷумҳурӣ низ пешниҳод кардаму ба чоп расиданд. Акнун дигар бо дили пур, бо бовари комил қалам бо нияти эҷод ба «Пайкори мӯрон», «Атри гулбарг», «Дарункӯб»…)-ро хонда, ба ростӣ, ҳам роҳат кардаму ҳам маърифат афзудам. Махсусан, ҳаҷви устод хеле писандам омад. Воқеан, устод дар Рӯзи ханда-1 апрел ба дунё омадаанду дар ҳаҷву ҳазлгӯӣ камназиранд. Боре бо устод як мақолаи маро барои чоп ба назди сармуҳаррири маҷаллаи «Маърифати омӯзгор» Шодӣ Шокирзода бурдем. Сармуҳаррир мақоларо аз назар гузаронида, гуфтанд: - Муродӣ, ман аз забони ин мақола чизе нафаҳмидам.

Устод дарзамон ҷавоб доданд: - Бодиққаттар хонед, мефаҳмед. Фақат дар назар дошта бошед, ки муаллима Норова русӣ фикр мекунанду тоҷикӣ менависанд.

Шокирзода хеле хандиданд ва мақолаам бо андаке таҳрир дар шумораи навбатии маҷалла чоп шуд.

Бори дигар як мақолаамро ба назди устод бурданӣ шуда, аз рӯйи эҳтиёт қаблан занг задам. Устод Муродӣ дар ҷавоб гуфтанд, ки ман беморам дар хонаам хобам. Бо дилсӯзӣ маслиҳат додам:

-Устод, андаке асалро бо шир сечор маротиба хӯред, Худо хоҳад, шифо меёбед.

Дар ҷавоб аз гӯшии телефон шунидам:

-Бону, агар ин чизҳоро медоштам, бемор намешудам…

Ҳоло дар шаҳр кор мекунаму дар арафаи ҳимояи кори илмиям қарор дорам. Ва дар навиштани мақолаҳои илмиям низ аз маслиҳатҳову қалами таҳрири устод Муродӣ бархурдор будам. Ҳар гоҳ ки ба мушкилие дучор мешавам, хаста ва дилгир мегардам, дар ёфтани калимаи мувофиқе ё таҳрири ҷумлаеву матне дармемонам, ба устод Муродӣ занг мезанам; ҳам маслиҳатҳои мушкилкушо дармеёбаму ҳам хушдил мешавам, механдам.

Устод дар ҳар маврид байти мувофиқе, ҳикояте, мақоле, латифае, иқтибосе доранд ва саховатмандона нисори кас мекунанд.

Дар бисёр маҳфилу суҳбату ҷамъомадҳо таърифу тавсифи устод Муродиро аз забони ашхоси фазилатманду маъруф шунидаам.

Ман аз доштани чунин устоди равшанзамир ва дӯсту дастгир ифтихормандам. Устодро ба ифтихори Рӯзи матбуоти тоҷик табрик мегӯям ва бароюшон рӯзгори пурнишоту сиҳатмандӣ таманно дорам. Сари сабз, қалами сабз ва ҷодаҳои сабз насибашон бод ҳамеша.

*Зарина НОРОВА,*
*мудири кафедраи ДҶТИБКСМ*

МЕҲРИ УСТОД

# Нахустомӯзгори маҳбуби ман

Барои ҳар як хонанда омӯзгори хуб доштан бахту шараф аст. Чунин шарафмандӣ, хушбахтона, аз соли аввалини огози таҳсилам дар мактаб насиби ман гардид. Нахустмуаллими ман дар мактаби рақами 32-и пойтахти ҷумҳурӣ Дудорова Валентина Викторовна буданд. Он кас ман ва ҳамсинфонамро аз аввалин рӯзи таҳсил гарму самимӣ ва бо чеҳраи шукуфта пешвоз гирифтанд, сарамонро сила намуда, табрикамон гуфтанд ва таърифамон карданд, ки ҳама тозаю озода ҳастему дафтару китобу қалам дорем, боинтизомем. Муаллима хеле дилнишину равону самимӣ сухан мегуфтанду диданд моро мафтун мекарданд ва дар диламон меҳр ба таҳсилро дучанд менамуданд. Мекӯшиданд, ки мо ҳар чӣ зиёдтар шеър азёд кунему луғат донем ва китоб хонем. Дар синф мо 50 нафар будем, вале муаллима он қадар бомаҳорат буданд, ки қариб дар ҳар як дарс барои пурсидани аксари хонандагон, аз назар гузаронидани иҷрои супоришҳо вақт меёфтанд, ҳамеша ҳамаи шогирдонро зери назорат доштанд. Агар хонандае дар давоми дарс ба ҷавоб додани мавзӯъ ё гуфтани шеъре муваффақ нашавад (бинобар нарасидани вақт) муаллима ӯро берун аз дарс, хатто, дар долону саҳни мактаб мешуниданд ва албатта, барояш баҳо мегузоштанд.

Муаллимаи мо ҳар субҳ аз ҳама пештар - соати ҳафт ба мактаб ҳозир мешуданд ва то омадани мо хеле корҳои худро вобаста ба синфамон иҷро менамуданд, баъзан ҳар яки моро самимона, бо ҳолу аҳволпурсӣ истиқбол мегирифтанд. Синфи 50-нафараи мо ҳам аз ҷиҳати давомот ва ҳам аз ҷиҳати сифати таҳсил дар мактаб беҳтарин буд ва ин, албатта, бо маҳорату малака, хислатҳои олии омӯзгории Валентина Викторовна алоқамандӣ дошт.

Бо сабабҳои оилавӣ маро лозим омад, ки дар соли хониши 2018-2019 дар мактаби рақами 1357-и шаҳри Москва идомаи таҳсил намоям. Ба ин таълимгоҳ дохил шудан кори саҳл набуд, бояд имтиҳони ҷиддӣ ва душворро (бо усули тестӣ) мегузаштам. Чанд рӯз сатҳи донишу фаҳмиши маро санҷиданд ва ниҳоят, лоиқ донистанд, ки дар пешқадамтарин синф таҳсил намоям. Хурсанд будам, ки шарафи мактаби рақами 32-и шаҳри Душанбе ва умуман, шарафи маорифи Тоҷикистонро ҳимоя кардам. Бояд гӯям, ки мактаби рақами 1357-и шаҳри Москва дар рӯйхати рейтингҳои тамоми таълимгоҳҳои Россия мақоми 27-умро ишгол менамояд. Дар синфи мо 25 хонанда буд. Ман ба ҳамсинфонам дар бораи Тоҷикистон, шаҳри Душанбе ва албатта, дар бораи омӯзгори азизам Валентина Викторовна ҳикояҳо кардам…

Мо боз ба Тоҷикистон баргаштем ва ҳоло ман дар литсейи рақами 2 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе таҳсил дорам. Таъриф нашавад, хонандаи пешқадам мебошам ва инро аз он медонам, ки муаллимаи аввалинам соҳиби маҳорату истеъдоди баланд буданд.

Ман акнун омӯзгорони зиёд дорам ва аз ҳамаашон сипосгузорам, вале меҳрам, эътиқодам ба устоди нахустинам Дудорова Валентина Викторовна махсус аст. Аз номи худам ва хоҳарам Фотимаю ҳамсинфам Авраам муаллимаи азизро ба муносибати Рӯзи модар ва ҷашни Наврӯз табрику таҳният мегӯям. Орзумандам, ки ҳамеша сиҳатманду пурғайрат бимонанд.

*Билол АЛИЕВ,*
*хонандаи синфи 5-и литсейи рақами 2*
*барои хонандагони болаёқати*
*шаҳри Душанбе*

Шумораи аҳолии Тоҷикистон то 1 январи соли 2021 ба 9 миллиону 504 ҳазор нафар расид.

*Бо кам касоне дӯстӣ мегирам, вале онро пос медорам.*
*Карл Маркс*

«Омӯзгор» № 10, 11 марти соли 2021

# Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (ДДТТ) аз ҷумлаи бонуфузтарин муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар маҳсуб ёфта, дорои чор факултет - менеҷмент ва ҳуқуқи тиҷорат, молия ва қарз, муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, иқтисодиёт ва тиҷорат мебошад, ки дар онҳо аз рӯи 34 ихтисос таҳсил ба роҳ монда шудааст.

Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон на танҳо дорои шароити хуби таълиму тарбия, ҳамчунин, заминаи мустаҳками моддӣ-техникӣ, иқтидори кадрӣ, синфхонаю озмоишгоҳҳои бо компютер ва тахтаҳои электронӣ муҷаҳҳаз мебошад. Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон соҳиби ҷоизаҳои “Сифати аврупоӣ” ва “Муассисаи беҳтарини Аврупо” буда, соли 2012 дар ҷумҳурӣ нахустин шуда, соҳиби аккредитатсияи байналмилалӣ гардидааст. Охирҳои соли 2019 бошад, чор барномаи магистрӣ ва ду барномаи бакалавриати донишгоҳ аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузаронида, соҳиби шаҳодатнома шуданд.

**Довталабони гиромӣ!**

**Рамзи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №106 мебошад.**

**Марҳабо, ба Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон!**

## Нақшаи қабули донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон барои соли таҳсили 2021-2022

| т/р | Рамзи ихтисос | Ихтисос | Тибқи иҷозатнома | Нақшаи қабул | Ҳамагӣ | Рӯзона | | | | | | | | | Фосилавӣ | | | | | | | | Квота | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | буҷетӣ | | | | шартномавӣ | | | | | буҷетӣ | | | | шартномавӣ | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | тоҷикӣ | русӣ | ӯзбекӣ | англисӣ | тоҷикӣ | русӣ | ӯзбекӣ | англисӣ | ҳамагӣ | тоҷикӣ | русӣ | ӯзбекӣ | англисӣ | тоҷикӣ | русӣ | ӯзбекӣ | англисӣ | Ҳамагӣ | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | Ҳамагӣ |
| 1 | 1-26 02 03 | Маркетинг | 50 | 50 | 50 | | | | | 50 | | | | 50 | | | | | 0 | | | | 0 | | | | | | | 0 |
| 2 | 1-25 01 10 04 | Фаъолияти тиҷоратӣ дар бозори берунӣ | 25 | 25 | 25 | | | | | 25 | | | | 25 | | | | | 0 | | | | 0 | | | | | | | 0 |
| 3 | 1-25 01 07 05 | Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар корхонаҳои савдо | 75 | 75 | 75 | | | | | 25 | 25 | | | 50 | | | | | 25 | | | | 25 | | | | | | | 0 |
| 4 | 1-25 01 08 | Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит | 125 | 125 | 125 | | | | | 50 | 25 | | 25 | 100 | | | | | | 25 | | | 25 | | | | | | | 0 |
| 5 | 1-26 02 02 | Менеҷмент | 75 | 75 | 75 | | | | | 25 | 25 | | | 50 | | | | | 25 | | | | 25 | | | | | | | 0 |
| 6 | 1-25 05 05 | Омор | 25 | 25 | 25 | | | | | 25 | | | | 25 | | | | | 0 | | | | 0 | | | | | | | 0 |
| 7 | 1-25 01 09 | Молшиносӣ ва муоинаи мол | 25 | 25 | 25 | | | | | 25 | | | | 25 | | | | | 0 | | | | 0 | | | | | | | 0 |
| 8 | 1-96 01 01 | Хадамоти гумрукӣ | 125 | 125 | 125 | | | | | 75 | 25 | | | 100 | | | | | 25 | | | | 25 | | | | | | | 0 |
| 9 | 40 01 02 02 | Технология ва низоми иттилоотӣ (дар иқтисод) | 25 | 25 | 25 | | | | | 25 | | | | 25 | | | | | 0 | | | | 0 | | | | | | | 0 |
| 10 | 1-25 01 03 | Иқтисодиёти ҷаҳонӣ | 125 | 125 | 125 | | | | | 50 | 25 | | 25 | 100 | | | | | | 25 | | | 25 | | | | | | | 0 |
| 11 | 1-89 01 01 | Саёҳат ва меҳмондорӣ | 50 | 50 | 50 | | | | | 25 | | | | 25 | | | | | 25 | | | | 25 | | | | | | | 0 |
| 12 | 1-25 01 04 02 | Кори бонкӣ | 100 | 100 | 100 | | | | | 50 | 25 | | | 75 | | | | | 25 | | | | 25 | | | | | | | 0 |
| 13 | 1-25 01 04 | Молия ва қарз | 125 | 125 | 125 | | | | | 50 | 25 | | 25 | 100 | | | | | 25 | | | | 25 | | | | | | | 0 |
| 14 | 1-25 01 04 03 | Андоз ва андозбандӣ | 100 | 100 | 100 | | | | | 50 | 25 | | | 75 | | | | | 25 | | | | 25 | | | | | | | 0 |
| 15 | 1-25 01 07 17 | Иқтисодиёт ва идора дар корхонаҳои сайёҳӣ | 25 | 25 | 25 | | | | | 25 | | | | 25 | | | | | 0 | | | | 0 | | | | | | | 0 |
| 16 | 1-25 01 07 20 | Иқтисодиёт ва идора дар корхонаи хизматрасонӣ | 25 | 25 | 25 | | | | | 25 | | | | 25 | | | | | 0 | | | | 0 | | | | | | | 0 |
| 17 | 1-25 01 12 | Информатикаи иқтисодӣ | 25 | 25 | 25 | | | | | 25 | | | | 25 | | | | | 0 | | | | 0 | | | | | | | 0 |
| 18 | 1-26 02 01 01 | Бизнес-маъмуриятчигӣ дар соҳаи истеҳсолот ва хизмат | 25 | 25 | 25 | | | | | 25 | | | | 25 | | | | | 0 | | | | 0 | | | | | | | 0 |
| 19 | 1-25 01 11 | Аудит ва ревизия | 50 | 50 | 50 | | | | | 50 | | | | 50 | | | | | 0 | | | | 0 | | | | | | | 0 |
| 20 | 1-23 01 02 05 | Таъминоти забонии робитаҳои байнифарҳангӣ (робитаҳои иқтисодии берунӣ) | 50 | 50 | 50 | | | | | 50 | | | | 50 | | | | | 0 | | | | 0 | | | | | | | 0 |
| 21 | 1-25 01 04 04 | Суғурта | 25 | 25 | 25 | | | | | 25 | | | | 25 | | | | | 0 | | | | 0 | | | | | | | 0 |
| 22 | 1-25 01 08 01 | Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар бонкҳо | 50 | 50 | 50 | | | | | 50 | | | | 50 | | | | | 0 | | | | 0 | | | | | | | 0 |
| 23 | 1-24 01 01 04 | Ҳуқуқи байналмилалии тиҷоратӣ | 50 | 50 | 50 | | | | | 25 | 25 | | | 50 | | | | | 0 | | | | 0 | | | | | | | 0 |
| 24 | 1-24 01 03 | Ҳуқуқи иқтисодӣ | 75 | 75 | 75 | | | | | 50 | | | | 50 | | | | | 25 | | | | 25 | | | | | | | 0 |
| 25 | 1-23 01 01 03 | Ташкили робитаҳои байналмилалӣ | 25 | 25 | 25 | | | | | 25 | | | | 25 | | | | | 0 | | | | 0 | | | | | | | 0 |
| 26 | 1-91 01 01 01 | Технологияи маҳсулот ва ташкили хӯроки омма | 25 | 25 | 25 | | | | | 25 | | | | 25 | | | | | 0 | | | | 0 | | | | | | | 0 |
| 27 | 1-24 01 02 04 | Ҳуқуқи андозу бонкӣ | 25 | 25 | 25 | | | | | 25 | | | | 25 | | | | | 0 | | | | 0 | | | | | | | 0 |
| 28 | 1-24 01 02 05 | Ҳуқуқи гумрукӣ | 25 | 25 | 25 | | | | | 25 | | | | 25 | | | | | 0 | | | | 0 | | | | | | | 0 |
| 29 | 1-24 01 02 16 | Ҳуқуқи иттилоот | 25 | 25 | 25 | | | | | 25 | | | | 25 | | | | | 0 | | | | 0 | | | | | | | 0 |
| 30 | 1-96 01 01 03 | Бехатарии иқтисодӣ | 25 | 25 | 25 | | | | | 25 | | | | 25 | | | | | 0 | | | | 0 | | | | | | | 0 |
| 31 | 1-25 01 07 31 | Иқтисодиёти бизнеси электронӣ | 25 | 25 | 25 | | | | | 25 | | | | 25 | | | | | 0 | | | | 0 | | | | | | | 0 |
| 32 | 1-26 02 02 22 | Менеҷменти тарабхона ва меҳмонхонаҳо | 25 | 25 | 25 | | | | | 25 | | | | 25 | | | | | 0 | | | | 0 | | | | | | | 0 |
| 33 | 1-25 01 07 32 | Иқтисодиёт ва ташкили бизнеси тарабхонаҳо | 25 | 25 | 25 | | | | | 25 | | | | 25 | | | | | 0 | | | | 0 | | | | | | | 0 |
| 34 | 1-91 02 01 | Сервиси тарабхона ва меҳмонхонаҳо | 25 | 25 | 25 | | | | | 25 | | | | 25 | | | | | 0 | | | | 0 | | | | | | | 0 |
| | | Таҳсилоти дуюм | 50 | 50 | 50 | | | | | | | | | 0 | | | | | | 50 | | | 50 | | | | | | | 0 |
| | | Идомаи таҳсилот | 0 | 0 | 0 | | | | | | | | | 0 | | | | | | | | | 0 | | | | | | | 0 |
| | | Ҳамагӣ | 1750 | 1750 | 1750 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1150 | 225 | 0 | 75 | 1450 | 0 | 0 | 0 | 0 | 200 | 100 | 0 | 0 | 300 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| | | Ҷамъ | | | | 0 | | | | 1450 | | | | | 0 | | | | 300 | | | | | 0 | | | | | | |

## Нақшаи қабул ба магистратураи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон барои соли таҳсили 2021-2022

| т/р | Рамзи ихтисос | Номгӯи ихтисос | Тибқи иҷозатнома | Нақшаи қабул | Ҳамагӣ | Шуъбаи рӯзона | | | | | Фосилавӣ | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | буҷетӣ | | шартномавӣ | | | буҷетӣ | | шартномавӣ | | |
| | | | | | | тоҷикӣ | русӣ | тоҷикӣ | русӣ | Ҳамагӣ | тоҷикӣ | русӣ | тоҷикӣ | русӣ | Ҳамагӣ |
| 1 | 1-25.01.03 | Иқтисодиёти ҷаҳонӣ | 20 | 20 | 20 | – | – | 20 | – | 20 | – | – | – | – | – |
| 2 | 1-25.01.04 | Молия ва қарз | 20 | 20 | 20 | – | – | 20 | – | 20 | – | – | – | – | – |
| 3 | 1-25.01.08 | Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит | 30 | 30 | 30 | – | – | 30 | – | 30 | – | – | – | – | – |
| 4 | 1-25.01.07 | Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар корхона | 15 | 15 | 15 | – | – | 15 | – | 15 | – | – | – | – | – |
| 5 | 1-26.02.02 | Менеҷмент | 15 | 15 | 15 | – | – | 15 | – | 15 | – | – | – | – | – |
| 6 | 1-25.01.09 | Молшиносӣ ва муоинаи мол | 10 | 10 | 10 | – | – | 10 | – | 10 | – | – | – | – | – |
| 7 | 1-96.01.01 | Хадамоти гумрукӣ | 15 | 15 | 15 | – | – | 15 | – | 15 | – | – | – | – | – |
| 8 | 1-24.01.03 | Ҳуқуқи иқтисодӣ | 15 | 15 | 15 | – | – | 15 | – | 15 | – | – | – | – | – |
| 9 | 1-25.01.04.02 | Кори бонкӣ | 10 | 10 | 10 | – | – | 10 | – | 10 | – | – | – | – | – |
| | | Ҳамагӣ | 150 | 150 | 150 | – | – | 150 | – | 150 | – | – | – | – | – |

Даври сеюми олимпиадаҳои фаннии хонандагони муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе ҷамъбаст гардид

## Нақшаи қабул ба докторантура аз рӯи ихтисоси (PhD)-и Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон барои соли таҳсили 2021-2022

| т/р | Рамзи ихтисос | Номгӯи ихтисос | Тибқи иҷозатнома | Нақшаи қабул | Ҳамагӣ | Рӯзона: буҷавӣ тоҷикӣ | Рӯзона: буҷавӣ русӣ | Рӯзона: шартномавӣ тоҷикӣ | Рӯзона: шартномавӣ русӣ | Рӯзона: Ҳамагӣ | Фосилавӣ: буҷавӣ тоҷикӣ | Фосилавӣ: буҷавӣ русӣ | Фосилавӣ: шартномавӣ тоҷикӣ | Фосилавӣ: шартномавӣ русӣ | Фосилавӣ: Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 6D030401 | Кори гумрукӣ | 2 | 2 | 2 | – | – | 2 | – | 2 | – | – | – | – | – |
| 2 | 6D050601 | Иқтисодиёт: назарияи иқтисод | 4 | 4 | 4 | – | – | 4 | – | 4 | – | – | – | – | – |
| 3 | 6D050609 | Иқтисодиёт ва идораи хоҷагии халқ (иқтисодиёти минтақаҳо) | 3 | 3 | 3 | – | – | 3 | – | 3 | – | – | – | – | – |
| 4 | 6D050607 | Иқтисодиёт: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо ва комплексҳо (соҳаи хизматрасонӣ) | 2 | 2 | 2 | – | – | 2 | – | 2 | – | – | – | – | – |
| 5 | 6D050614 | Иқтисодиёт (иқтисодиёти соҳибкорӣ) | 2 | 2 | 2 | – | – | 2 | – | 2 | – | – | – | – | – |
| 6 | 6D050701 | Менеҷмент (соҳаи хизматрасонӣ) | 2 | 2 | 2 | – | – | 2 | – | 2 | – | – | – | – | – |
| 7 | 6D050800 | Баҳисобгирӣ ва аудит | 4 | 4 | 4 | – | – | 4 | – | 4 | – | – | – | – | – |
| 8 | 6D050900 | Молия | 4 | 4 | 4 | – | – | 4 | – | 4 | – | – | – | – | – |
| 9 | 6D051101 | Маркетинг | 2 | 2 | 2 | – | – | 2 | – | 2 | – | – | – | – | – |
| 10 | 6D051301 | Иқтисоди ҷаҳонӣ | 4 | 4 | 4 | – | – | 4 | – | 4 | – | – | – | – | – |
| 11 | 6D050620 | Усулҳои риёзию инструменталӣ дар иқтисодиёт | 4 | 4 | 4 | – | – | 4 | – | 4 | – | – | – | – | – |
| 12 | 6D072715 | Молшиносии маҳсулоти хӯрока ва технологияи хӯроки умумӣ | 4 | 4 | 4 | – | – | 4 | – | 4 | – | – | – | – | – |
| 13 | 6D090201 | Туризм | 2 | 2 | 2 | – | – | 2 | – | 2 | – | – | – | – | – |
| 14 | 6D091201 | Фаъолият дар тарабхонаҳо ва бизнеси меҳмонхонадорӣ | 2 | 2 | 2 | – | – | 2 | – | 2 | – | – | – | – | – |
| | | Ҳамагӣ | 41 | 41 | 41 | – | – | 41 | – | 41 | – | – | – | – | – |

## Эътибор надорад

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-ШТА №0570421 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 2010 муассисаи таҳсилоти миёна умумии №75-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба Ибрагимов Абдумутолиб Алиҷонович додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи №18 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 1983 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №61-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба Сидиқова Тоҷинисо Солиховна додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи А №140635 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 1996 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №53-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба Ниёзова Дилафруз Нажмиддиновна додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи 062584, ки онро соли 2001 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №36-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Худойдодов Шараф Маҳмадбекович додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи №0382238, ки онро соли 2017 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №49-и ноҳияи Рӯдакӣ ба Ғайратов Наҷибулло Табибуллоевич додааст, эътибор надорад.

### Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ медиҳад, ки Шоҳигарии Тайланд барои таҳсили шаҳрвандони кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2021-2022 бурсияҳои таҳсилро дар зинаи магистратура ҷудо намудааст.

Маълумоти муфассал оид ба барнома, рӯйхати ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва ихтисосу донишгоҳҳоро аз сомонаи зерин ва аз Маркази барномаҳои байналмилалӣ метавон дастрас намуд.

https://mabourse.enssup.gov.ma/pdf/Annexe_2_Guidelines_for_TIPP.pdf

Довталабон метавонанд ҳуҷҷатҳои заруриро то санаи 13.03.2021 ба Маркази барномаҳои байналмилалӣ пешниҳод намоянд.

**Суроға: шаҳри Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода, 47 (назди Алиф Сармоя).**

**Телефон: 2-23-23-59 Почтаи электронӣ: mbb-2008@mail.ru**

## Нақшаи қабули донишҷӯён дар коллеҷи муҳандисию омӯзгории шаҳри Душанбе

### баъди синфи 11 барои соли таҳсили 2021-2022

| № р/т | Рамзи ихтисос | Номгӯи ихтисосҳо | Тибқи иҷозатнома | Нақшаи қабул | Ҳамагӣ | Шуъбаи рӯзона: Буҷавӣ Синфи 11 тоҷикӣ | Шуъбаи рӯзона: Шартномавӣ Синфи 11 тоҷикӣ | Шуъбаи рӯзона: Маблағ | Шуъбаи рӯзона: Ҳамагӣ | Шуъбаи ғоибона: Буҷавӣ Синфи 11 тоҷикӣ | Шуъбаи ғоибона: Шартномавӣ Синфи 11 тоҷикӣ | Шуъбаи ғоибона: Маблағ | Шуъбаи ғоибона: Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | КЛАСТЕРИ 1 | | | | | | | | | | | |
| 1 | 2-43010131 | Истифодабарии таҷҳизоти неругоҳҳо ва неругоҳҳои хурди баркӣ | 24 | 24 | 24 | 10 | 14 | 1925 | 24 | | | | |
| 2 | 2-08010105 | Таълими касбӣ (сохтмон) | 24 | 24 | 24 | 10 | 14 | 2265 | 24 | | | | |
| 3 | 2-400101 | Таъмини барномавии технологияи иттилоотӣ | 24 | 24 | 24 | 10 | 14 | 2475 | 24 | | | | |
| 4 | 2-430103 | Таъминоти барқ (аз рӯи соҳаҳо) | 48 | 48 | 48 | 10 | 14 | 2475 | 24 | 10 | 14 | 1610 | 24 |
| 5 | 2-08010101 | Таълими касбӣ (мошинсозӣ) | 24 | 24 | 24 | 10 | 14 | 2475 | 24 | | | | |
| 6 | 2-700431 | Таҷҳизоти санитарӣ-техникии биноҳо ва иншоот | 24 | 24 | 24 | 10 | 14 | 2080 | 24 | | | | |
| 7 | 2-500135 | Технологияи истеҳсолоти дӯзандагӣ | 48 | 48 | 48 | 10 | 14 | 2300 | 24 | 10 | 14 | 1400 | 24 |
| 8 | 2-08010131 | Таълими касбӣ (нақлиёти автомобилӣ) | 48 | 48 | 48 | 10 | 14 | 2265 | 24 | 10 | 14 | 1510 | 24 |
| 9 | 2-08010142 | Таълими касбӣ (таъминоти техникии корҳои кишоварзӣ) | 24 | 24 | 24 | 10 | 14 | 2180 | 24 | | | | |
| | | КЛАСТЕРИ 2 | | | | | | | | | | | |
| 10 | 2-27013123 | Иқтисодиёт ва ташкил дар соҳаи сайёҳӣ | 24 | 24 | 24 | 10 | 14 | 2380 | 24 | | | | |
| 11 | 2-270131 | Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот | 48 | 48 | 48 | 10 | 14 | 2475 | 24 | 10 | 14 | 1600 | 24 |
| 12 | 2-27013105 | Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот дар корхонаи нақлиёти автомобилӣ | 24 | 24 | 24 | 10 | 14 | 2030 | 24 | | | | |
| | | КЛАСТЕРИ 3 | | | | | | | | | | | |
| 13 | 2-010101 | Таҳсилоти томактабӣ | 48 | 48 | 48 | 10 | 14 | 1800 | 24 | 10 | 14 | 1170 | 24 |
| 14 | 2-010201 | Таҳсилоти ибтидоӣ | 48 | 48 | 48 | 10 | 14 | 2000 | 24 | 10 | 14 | 1400 | 24 |

## Нақшаи қабули донишҷӯён дар коллеҷи муҳандисию омӯзгории шаҳри Душанбе

### баъди синфи 9 барои соли таҳсили 2021-2022

| № р/т | Рамзи ихтисос | Номгӯи ихтисосҳо | Тибқи иҷозатнома | Нақшаи қабул | Ҳамагӣ | Шуъбаи рӯзона: Буҷавӣ Синфи 9 тоҷикӣ | Шуъбаи рӯзона: Шартномавӣ Синфи 9 тоҷикӣ | Шуъбаи рӯзона: Маблағ | Шуъбаи рӯзона: Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | КЛАСТЕРИ 1 | | | | | | | |
| 1 | 2-43010131 | Истифодабарии таҷҳизоти неругоҳҳо ва неругоҳҳои хурди баркӣ | 24 | 24 | 24 | 10 | 14 | 1925 | 24 |
| 2 | 2-08010105 | Таълими касбӣ (сохтмон) | 24 | 24 | 24 | 10 | 14 | 2265 | 24 |
| 3 | 2-400101 | Таъмини барномавии технологияи иттилоотӣ | 24 | 24 | 24 | 10 | 14 | 2475 | 24 |
| 4 | 2-430103 | Таъминоти барқ (аз рӯи соҳаҳо) | 24 | 24 | 24 | 10 | 14 | 2475 | 24 |
| 5 | 2-08010101 | Таълими касбӣ (мошинсозӣ) | 24 | 24 | 24 | 10 | 14 | 2475 | 24 |
| 6 | 2-500135 | Технологияи истеҳсолоти дӯзандагӣ | 24 | 24 | 24 | 10 | 14 | 2300 | 24 |
| 7 | 2-08010131 | Таълими касбӣ (нақлиёти автомобилӣ) | 24 | 24 | 24 | 10 | 14 | 2265 | 24 |
| | | КЛАСТЕРИ 2 | | | | | | | |
| 8 | 2-27013123 | Иқтисодиёт ва ташкил дар соҳаи сайёҳӣ | 24 | 24 | 24 | 10 | 14 | 2380 | 24 |
| 9 | 2-270131 | Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот | 24 | 24 | 24 | 10 | 14 | 2475 | 24 |
| 10 | 2-27013105 | Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот дар корхонаи нақлиёти автомобилӣ | 24 | 24 | 24 | 10 | 14 | 2030 | 24 |
| | | КЛАСТЕРИ 3 | | | | | | | |
| 11 | 2-010101 | Таҳсилоти томактабӣ | 24 | 24 | 24 | 10 | 14 | 1800 | 24 |
| 12 | 2-010201 | Таҳсилоти ибтидоӣ | 24 | 24 | 24 | 10 | 14 | 2000 | 24 |

**Суроға: ш.Душанбе, хиёбони Борбад 48, телефонҳо барои тамос: 231-89-99, 888-87-24-26, 98-105-18-75, 918-48-95-65, 93-454-77-07 WWW.KMOD.TJ**

Баробарӣ бар асоси қонун баробарии воқеӣ нест.

В.И.Ленин



**ТАВАҶҶУҲ**

## ДИҚҚАТ: ОЗМУН

Ҳафтаномаи «Омӯзгор» ба ифтихори «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» барои беҳтарин мақолаи илмию методӣ ва таҳлилӣ озмун эълон мекунад.

Дар мақолаҳо бояд умдатарин масоилу мушкилоти марбут ба таълиму баррасии фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар меҳвар қарор дошта бошанд. Ба мақолаҳое, ки ҳамбаста ба мулоҳизоту андешаҳои судманд ва таҳлилу пешниҳодоти ҷолибанд, афзалият дода мешавад. Ҳамчунин, мақолаҳо бояд инъикосгару собиткунандаи моҳияти омӯзиши фанҳои мазкур бошанд ва нақши онҳоро дар пешрафти ҷомеаи муосир, таъмини фардои дурахшони кишвар ба таври шоиста инъикос намоянд.

**Озмун аз рӯзи эълон шуданаш то охири соли таҳсили равон идома меёбад.**

***Мукофотҳо барои ғолибон:***
***Ҷои 1-1600 сомонӣ***
***Ҷои 2-1200 сомонӣ***
***Ҷои 3-800 сомонӣ***

**Таъкид:**

*Ҳаҷми мақолаҳо набояд аз 3-4 саҳифаи чопи компютерӣ (ҳарфи Times New Roman Tj, 14 - 2 интервалӣ) зиёд бошанд, дар акси ҳол ба озмун роҳ намеёбанд.*

**ДИҚҚАТ: ОЗМУН!**

# «Улуғзода вафодори Ватан буд»

Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар ҳамбастагӣ бо ҳафтаномаи «Омӯзгор» - и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати 110 – солагии адиби маъруф, Нависандаи халқии Тоҷикистон Сотим Улуғзода барои беҳтарин мақолаҳо таҳти унвони **«Улуғзода вафодори Ватан буд»** озмун эълон мекунад.

Дар мақолаҳо бояд бештар ба моҳияту муҳтавою махсусиятҳои эҷодиёти адиб (ба вижа, вусъати мавзӯъҳои ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ ва асолати таърихӣ дар осори нависанда), нақши адиб дар такомули адабиёти тоҷик, ҷанбаҳои фаъолият ва лаҳзаҳои ҷолиби ҳаёти ӯ таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад. Аз бозгӯи тарҷимаи ҳоли адиб ва суханони умумию такрор худдорӣ бояд кард.

Ба мақолаҳое, ки дар баробари мавзӯи тозаву ҷолиб забони шевою хушобуранг доранд, афзалият дода мешавад. Нигоштаҳо метавонанд илмӣ, илмию оммавӣ, публитсистӣ, ёддоштӣ, методӣ ва ё тақризу мусоҳиба бошанд.

Озмун аз рӯзи эълон шуданаш то охири моҳи август идома меёбад ва дар




арафаи ҷашни 30-солагии Истиқлоли Тоҷикистон ҷамъбаст мегардад.

Мукофотҳо барои ғолибон:
**Ҷойи 1-2000 сомонӣ**
**Ҷойи 2-1200 сомонӣ**
**Ҷойи 3-800 сомонӣ**

Таъкид:
Мақолаҳо набояд аз 3-4 саҳифаи чопи компютерӣ (ҳарфи Times Nev Roman Tj. 14.2 интервалӣ) зиёд бошанд, дар акси ҳол, ба озмун роҳ намеёбанд.

***Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода***
***Ҳафтаномаи «Омӯзгор»***

**ЁДБУД**

# Қалби саршор аз меҳру муҳаббат



Падарам Худоймурод Турсунов дар деҳаи Мадми ноҳияи Айнӣ ба дунё омадаанд. Соли 1953 ҳуҷҷатҳояшонро ба омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Панҷакент супорида, сазовори унвони баланди донишҷӯ гардидаанд. Падарамро соли 1957 барои фаъолияти педагогӣ ба деҳаи Ҷарбулоқи шаҳри Ваҳдат ва деҳаҳои гирду атрофи он Анҷир, Тулкӣ, Оқбулоқ мефиристанд. Пас аз адои хизмат соли 1961 ҳуҷҷатҳои худро ба факултаи таърихи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (ҳозира Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) месупоранд. Ва онро соли 1966 бо дипломи сурх хатм менамоянд. Пас аз хатми донишгоҳ фаъолияти омӯзгориро дар мактабҳои №№5 ва 3-и ба номи Калинин (ҳозира ба номи Мирзо Турсунзода)-и ноҳияи Панҷ оғоз менамоянд. Соли 1968 ба деҳа баргашта, дар мактаби №20-и деҳа ҳамчун омӯзгори таърих ва ташкилотчии корҳои тарбиявӣ адои вазифа менамоянд. Шуъбаи маорифи ноҳияи Айнӣ солҳои 1974-1979 падарамро дар мактаби № 27-и деҳаи Вашани ноҳияи Айнӣ директор таъйин мекунанд. Аз соли 1979 то соли 1990 муовини директор оид ба таълим ва аз соли 1990 то 1993 роҳбари тайёрии ибтидоии ҳарбии мактаби деҳаи Мадмро ба уҳда доштанд. Аз соли 1993 то лаҳзаи охирини умри хеш ба шогирдон аз фанҳои таърихи халқи тоҷик, таърихи умумӣ, одоби оиладорӣ, ҳуқуқи инсон ва таърихи дин дарс гуфтанд. Падарам мо 8 нафар фарзандро ба воя расонида, соҳибмаълумот гардониданд. Турсунмурод хатмкардаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буда, муовини декани факултаи таърих оид ба илму инноватсия ва муносибатҳои байналмилалӣ, дотсенти кафедраи таърихи нав ва навини кишварҳои хориҷии факултаи таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дар мактаби №19-и шаҳри Хуҷанд ба хонандагон аз таърих ва ҳуқуқ дарс мегӯяд. Манижа дар мактаби № 91-и ноҳияи Сино ба толибилмон аз забону адабиёт дарс мегуяд. Шодком хатмкардаи факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буда, дар Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад. Банда хатмкардаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳастам ва дар мактаби №76-и ноҳияи Фирдавсӣ ба толибилмон аз таърих ва ҳуқуқ дарс мегӯям. 23 марти соли 2011 қалби саршор аз муҳаббати падарҷони азизам аз тапидан боз монд... Мо, фарзандон, хотираи неки падари бузургамонро ҳамеша пок медорем, мисли падарамон дар зиндагӣ некномиро шиори худ сохта, рӯҳи падарамонро шод хоҳем дошт.

***Ёсуман ТУРСУНОВА,***
***омӯзгори таърих ва ҳуқуқ***

**ПОСИ ХОТИР**

# Накуному накукирдор



Зиндагии инсон танҳо бо ҳузури маънавияти ростин ва заковату хиради олӣ метавонад рангу ҷилои махсус дарёфта, асолати хешро маънӣ бахшад. Инсонҳое, ки ин рисолатро ба дурустӣ дарк кардаанд, тамоми зиндагиашонро баҳри шукӯҳи маънавӣ бахшидан масраф карда, бо корнамоиҳои мондагорашон нусрати ҷовидонӣ пайдо мекунанд.

Устоди гиромиқадр, маорифчии асил, инсони равшанзамиру хирадманд Ҳоҷимуҳаммад Тошов аз зумраи чунин шахсиятҳое буданд, ки бо садоқатмандии беандоза ба касби пуршарафи омӯзгорӣ ва таълиму тарбияи шоистаи насли наврас рисолати инсонии худро ба анҷом расониданд.

Хабари марги инсонҳои соҳибмаърифат дили касро лабрези ғаму дард ва андӯҳ мегардонад ва танҳо бо навиштани хотираҳо ва ёдоварӣ аз фаъолияти пурсамари онҳо дили мо таскин меёбаду рӯҳу равонашонро шод менамоем. Марги бармаҳал аз байни мо соле қабл риштаи умри устоди соҳибмаърифат, инсони нексиришту нексухан, ватандӯсту хештаншинос, собиқ мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Ҷаббор Расулов Ҳоҷимуҳаммад Тошовро барканд ва дили мо - дӯстону пайвандонро реш-реш гардонид.

Ҳоҷимуҳамад Тошов солҳои тӯлонӣ дар вазифаи муовини директор, директори мактаби миёнаи №12 дар деҳаи Зарафшон фаъолият намуда, баъдан ҳамчун мушовир, муовини мудири шуъбаи маориф, мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Ҷаббор Расулов фаъолияти пурсамар намудааст. Устоди азиз ҳамеша маслиҳатгар ва роҳнамои омӯзгорони ҷавон буд ва ҷавонон кори пурсамари омӯзгорӣ ва муносибат бо шогирдонро аз устод меомӯхтанду онро дар раванди таълиму тарбияи насли наврас васеъ истифода мебурданд.

Шодравон Ҳоҷимуҳамад Тошов дар чорабиниҳои сатҳи ноҳиявӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ фаъолона иштирок менамуд ва таҷрибаи педагогию ташкилотчигиаш ҳамеша намоён буд. Дар фаъолияти пурмаҳсули хеш ҳамчун мудири кабинети методии шуъбаи маориф ба омӯзгорону мураббиён ҷиҳати вусъат бахшидани корҳои методӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия маслиҳатҳои муфиди худро дареғ намедошт ва ба андешаи бисёре аз кормандони маориф ҳамчун шахси меҳрубон, ҳалим, маслиҳатгару роҳнамои омӯзгорон эътироф гардида, соҳибобрӯву соҳибном гашта буд.

Ҳамчун узви ҳайати таҳририяи рӯзномаи “Омӯзгор ва хонанда” баҳри ба нашр расидани мақолаву маводи пурмазмуну ҷолиб дар саҳифаҳои нашрия саҳми арзандаи худро гузоштааст. Борҳо дар бораи фаъолияи пурсамари шуъбаи маориф дар ҳафтаномаҳои соҳавӣ мақолаву гузоришҳояш ба нашр расидаанд.

Дар ин рӯзҳои гулафшони фасли баҳори бо ёдоварӣ аз нақш ва хидматҳои устод дар рушди соҳаи маорифи ноҳия мехоҳем рӯҳашонро шод гардонем. Номи нек ва хотираи устоди равоншод дар дили ҳамкасбон, дӯстон, шогирдон ва пайвандон абадан хоҳад монд.

***Басирҷон ҲАЁТУЛЛОЕВ,***
***омӯзгори мактаби №12,***
***ноҳияи Ҷаббор Расулов***

**Аҳли қалами нашрияи «Омӯзгор», маҷаллаҳои «Маърифати омӯзгор» ва «Маорифи Тоҷикистон» ба ҳамкори худ, рӯзноманигори варзида Нуъмон Раҷабзода бинобар даргузашти амакаш, омӯзгори собиқадор Абдуғафур РАҶАБОВ ҳамдардӣ баён мекунанд.**

**Кормандони маҷаллаи «Маърифати омӯзгор» ба директори мактаби №17-и ноҳияи Мастчоҳ Муллобурҳон Сафаров бинобар даргузашти БАРОДАРАШ изҳори ҳамдардӣ менамоянд.**

*Сафобахши ҷаҳон омӯзгор аст.*

ОМӮЗГОР
Муассис: Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
Почтаи электронӣ: omuzgor@inbox.ru
Сомонаи ҳафтанома: www.omuzgor-gazeta.tj

*Сармуҳаррир Ноилшоҳ НУРАЛИЗОДА*

*Ҳайати таҳрир: М.ИМОМЗОДА, А.РАҲМОНЗОДА, Н.САИД, М. САЛОМИЁН, Л. НАЗИРӢ, Д. ҚОДИРЗОДА, Н. СОБИРЗОДА, Ф.РАҲИМӢ, А.МУРОДӢ (ҷонишини сармуҳаррир), Н.ОХУНЗОДА (котиби масъул)*

Суроға: 734025, ш.Душанбе, х. Айнӣ 126, Телефонҳо: қабулгоҳ – 225-81-55, ҷонишини сармуҳаррир – 225-81-58, котибот – 225-81-57, муҳосибот – 225-81-61

«Омӯзгор» таҳти рақами 0018/рз, аз 13.07.2015 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулият ба уҳда нагирад. *Навбатдори шумора Ш. РАҶАБЗОД*

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплексии «Шарқи озод» ба табъ расид. | Индекси обуна – 68850 | Адади нашр: 41415 нусха | Тарроҳ: С. Ниязов | Ҳуруфчинон: М. Диловарова ва Д. Забирова

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5) – и ҳарфи Times New Roman Tj. қабул менамояд.